ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ainy

№ 3 (70)

Душанбе– 2017

Маҷалла соли 1978 таъсис ёфтааст

Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гарданд, шомил шудааст.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2014 таҳти № 0187/мҷ аз нав ба қайд гирифта шудааст

ISSN 2219-5408

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Тел.: (+992 37) 224-20-12

Факс: (+992 37) 224-13-83

Почтаи электронӣ:
vestnik.tgpu@gmail.com

Сомонаи маҷалла:
http://vestnik.tgpu.tj

Сармуҳаррир: ***Салимӣ Носирҷон Юсуфзода*** *- доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АИ ҶТ, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Муовини сармуҳаррир: ***Убайдуллоев Насрулло Каримович*** - д.и. таърих, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Котиби масъул: ***Одинаев А. Н.***

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР)шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст. http://elibrary.ru

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Муллоев А. *- доктори илмҳои филологӣ, профессор, декани факултети филологияи тоҷик*
Абдуллоева Р. Х. *– номзади илми педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Нуъмонов М. *– доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Маҷидова Б. *- доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Шарипова Д. Я. *– доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Пирумшоев Ҳ. *- доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ, узви вобастаи АИ ҶТ*
Ҷаматов С. С. *- доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Ғозиева М. И. *- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони муосири рус ва забоншиносии умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2017

Журнал основан в 1978 году

Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук.

ISSN 2219-5408

***Сайт журнала**:*
http://vestnik.tgpu.tj

***Главный редактор**: **Салими Носирджон Юсуфзода** - доктор филологических наук, профессор, академик АН РТ, ректор ТГПУ им. С. Айни*
***Зам. главного редактора**: **Убайдуллоев Насрулло Каримович** - доктор исторических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный редактор**: **Одинаев А. Н.

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки. http://elibrary.ru

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

***Муллоев А.** - доктор филологических наук, профессор, декан факультета таджикском филологии ТГПУ им. С.Айни*
***Абдуллаева Р. Х.**- кандидат педагогических наук, доцент, проректор по международным отношениям ТГПУ им. С. Айни*
***Нугмонов М.** - доктор педагогических наук,*
профессор кафедрой методики преподавания математики ТГПУ им. С. Айни
***Маджидова Б.** - доктор педагогических наук, профессор кафедры дошкольного воспитания ТГПУ им. С. Айни*
***Шарипова Д. Я.** – доктор педагогических наук, профессор, заведующая кафедрой общей педагогики ТГПУ им. С. Айни*
***Пирумшоев Х.** - доктор исторических наук, профессор, член-корр. АНРТ*
***Джаматов С. С.** - доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой языкознания и сопоставительной типологии ТГПУ им. С. Айни*
***Газиева М. И.** - кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой современного русского языка и общего языкознания ТГПУ им. С. Айни*

© ТГПУ имени С. Айни, 2017

The journal was founded in 1978

The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.

ISSN 2219-5408

Journal website:
http://vestnik.tgpu.tj

***Editor-in-chief**: **Salimi Nosirjon Yusufzoda** - doctor of philological sciences, professor, academician of Academy of Sciences of the RT, rector of the TSPU named after S. Ayni*

Deputy Editor-in-chief: ***Ubaidulloyev Nasrullo Karimovich*** *- doctor of historical sciences, professor, and vice-rector on scientific work of TSPU named after S. Ayni*

Executive Editor: ***Odinaev A. N.***

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http://elibrary.ru

THE EDITORIAL BOARD:

Mulloyev A. *- Doctor of Philology, Professor, Dean of the Faculty of Tajik Philology of the TSPU. S.Ayni*
Abdullayeva R. KH. *– candidate of pedagogical sciences, associate professor, vice-rector on international relations of TSPU named after S. Ayni*
Nugmonov M. *- doctor of pedagogical sciences, professor in the department of Method of Mathematics Teaching, TSPU S. Ayni*
Majidova B. *- doctor of pedagogical sciences, professor in the department of Early Childhood Education, TSPU named after S. Ayni*
Sharipova D. Y. *- doctor of pedagogical sciences, professor in the department of General Pedagogy, TSPU named after S. Ayni*
Pirumshoyev H. *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Corresponding Member of ASRT*
Jamatov S. S. *- doctor of philological sciences, Professor, in the department of Linguistics and Comparative Typology, TSPU named after S. Ayni*
Gaziyeva M. I. *- candidate of philological sciences, associate professor in the department of Modern Russian Language and General Linguistics*

©Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, 2017

МУНДАРИҶА /СОДЕРЖАНИЕ

ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

Латифзода Д. Н. Абдуллоева Р. Ҳ
Фарҳанги эстетикӣ – чун проблемаи иҷтимоӣ-педагогӣ……..... 9
Обидова М. И.
Таҳқиқи масъалаи маълумотгирии бонувони тоҷик..... 16
Фарҷзода З. Б. , Маджидова Б. А.
Назарияи Зигмунд Фрейд оид ба рушди шахсият..... 21
Асомидинов Ш. С.
Особенности современной детской таджикской литературы..... 29
Сафаров М. В.
Шахси калонсол - субъекти таълим……..... 31
Арбобова Ф. А. , Арбобова Т. А.
Педагогические условия как основной фактор развития культуры общения учителя..... 36
Сманов Лисхан, Абенова А. К. Шегенбаев Н. Б.
Принципы и методы профориентационной работы……..... 40
Сайфуллоева З. Х.
Компетентности подход как основа современного качественного образования..... 44
Мушаррафиён Л. Д.
Таъсири мусиқӣ бар мизони изтироби кӯдакони бистарӣ……..... 50
Холбобоева Х. , Шарипова Д.
Методологическая культура педагога как основа инновационной деятельности..... 55
Норова З.
Разновидность и деятельность центров развития ребёнка в Республике Таджикистан……..... 59

ЗАБОНШИНОСӢ/ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Джураева М. С.
О термине и понятии «ибора – phrase (словосочетание)» как одной из основофоримрующих синтаксических терминополей в лингвистике..... 65
Шукурова Т.
Информационные технологий в обучении иностранному языку в высшей школе……..... 69
Рустамова Г., Аминов Ф.
Обзор синтаксических моделей распространения, построенных на основе валентности..... 74
Каримова Д.
Фонетические свойства некоторых звуков таджикского языка в сопоставлении с английским..... 77
Ғаффоров А. О.
Хусусиятҳои грамматикӣ ва маънои ибораҳои феълӣ дар насри асри XVI……..... 80
Ғаффоров А. О. , Сатторов Ҳ.
Тобишҳои маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ дар насри асри XVI... 83
Муллоев А., Сайфуллоева З. Х., Сайфуллаев Х. Г.
Технология формирования иноязычной коммуникативной компетенции студентов в условиях модернизации высшей школы..... 87
Додихудоева Г.
Проблематизация чтения на иностранном языке…..... 93
Бабаджанова М. Н.
Об эквивалентности терминов и реалий…..... 96
Хазраткулов О.
Становление и развитие лексикализации аббревиатур в таджикском, узбекском и английском языках..... 100
Каримов Ш. Б.
Становление и развитие терминологии «экология почвы» в таджикском языке в средневековый период и их английские эквивалента..... 105
Асламов Х.
Словосложение как продуктивный способ словообразования компьютерной терминологии в таджикском и английском языках..... 111

АДАБИЁТШИНОСӢ/ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Хоҷаев Д.
Баъзе вижагиҳои наҳвии “Ахлоқи Муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ…..... 117
Наимова Ф.
Назари С. Айнӣ ба шеъру шоирӣ (дар мисоли мактубҳо ба А. Лоҳутӣ)……. 123
Бохруло Н.
Радиф дар ғазалҳои Ҷомӣ..... 129
Исматуллоев М. Р.
Б. Ортиқов ва ҳикояи бачагонаи тоҷик..... 132
Хуршед Андамов
Масоили илму маориф дар нахустнашрияҳои даврии тоҷик…..... 136
Субҳони А.
Садриддин Айни ва нақди матбуоти туркӣ дар ибтидои асри бист..... 141
Абдураҳмонов М.
Ақидаҳои адабӣ - эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон..... 147
Кувватова С. М.
Исследование перевода стихотворений М. Ю. Лермонтова с точки зрения эстетической интерференции..... 150
Солеҳов Ш.
Аҳамияти истифодаи матнҳои адабӣ дар таълими забони тоҷикӣ……..... 153
Умриддин Юсуфов
Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ (аз нигоҳи Шамси Қайси Розӣ)……..... 156
Вафо Элбоев
Рукнуддин Масъуди Қумӣ ва достони ӯ «Юсуфу Зулайхо» …..... 161

ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ
ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

Пирумшоев Ҳ.
Вазъи сиёсии Помир дар асрҳои VII – нимаи аввали IX…..... 171
Саид Н. С., Убайдуллоев Н. К.
Вахш дар аҳди бостон ва асрҳои миёна…..... 179
Хамза Камол, Али Махмуди Олами
Взаимоотношения Сельджукидов и Газнавидов в период правления Махмуда и Мас’уда Газневи, согласно историческим источникам…..... 189
Саидов А.
Нақши Хоҷа Низомулмулк дар таҳкими давлатдории Салҷуқиён ва аҳамияти асари ӯ «Сиёсатнома»…..... 195
Махмадов У.
Из истории изучения и освоения природных ресурсов Таджикистана в 20-е годы XX века……..... 201
Фозилова М.
Подготовка и переподготовка женщин-учителей в годы Великой отечественной войны и послевоенный период (1941-1950гг.)…..... 205
Камолов Ш. Х.
Развитие теории защиты прав человек в Республике Таджикистан……..... 208
Шарифов Р.
Состояние образования в Афганистане в начале XX в..... 213
Ҳамидов Б. А.
Соотношение права и морали в философской традиции средневековых мусульманских мыслителей……..... 218

CONTENTS

PEDAGOGICAL SCIENCES

Latifzoda D. Abdulloeva R.
Aesthetic culture is a social and pedagogy problem…….…….. 9
Obidova M. I.
Research of the problems of Tajik women's education…….. 16
Majidova B. Farajonzoda Z.
Theory of Sigmund Freyd on development of an individual…..... 21
Asomidinov Sh. A.
Features of modern Tajik children's literature……. 29
Safarov M. V.
Adult person - subject of education……. 31
Arbobova T. A., Arbobova F. A.
The pedagogical condition as a principal factor of teacher's progress communications……..... 36
Smanov L., Abenova A., Shengibaev N.
Principles and methods of professional orientation works……..... 40
Sayfulloeva Z.
Competence approach as a basis of modern qualitative education…… 44
Mosharafian L. D.
Influence of music on the level of stress of sick children……..... 50
Kholboboeva Kh. B., Sharipova D.
Methodological culture of the teacher as a basis innovative activity……..... 55
Norova Zarina.
Variation and activity of children centers development in the Republic of Tajikistan……..... 59

LINGUISTICS

Juraeva M. S.
About term and definition of «ибора – словосочетание (phrase)» as a main basic forming group of Syntax terms in linguistics……..... 65
Shukurova T. F.
Information technologies in teaching foreign language in higher school…….. 69
Rustamova G. R., Aminov F. G.
The review of syntactic models of distribution of the sentence constructed on the basis of valency…… 74
Karimova D. N.
Phonetical structure of some sounds of Tajik language in comparison with English……..... 77
Gaforov A. O.
Expression of spatial relationship with preposition…… 80
Sattorov H. J., Ghafforov A. O.
Meaning of verbs in verbal collocations with parataxis connection in the poetics of XVIth century……..... 83
Mulloev A., Sayfulloeva Z., Sayfullaev Kh. G.
Formation of communicative competence of students at training of foreign languages in the conditions of modernization of higher education institution…… 87
Dodikhudoeva G.
Problematisation of reading on a foreign language……..... 93
Babadjanova M.
On the equivalence of terms and realia……... 96
Hazratqulov O. F.
Formation and development of lexicalization of abbreviation in Tajik, Uzbek and English languages……..... 100
Karimov Sh. B.
Formation and development of «soil ecology» terminology in Tajik language in the medieval period and their english equivalents……..... 105

Aslamov H.
Word composition as a productive type of word formation of computer terminology in Tajik and English languages…… 111

LITERATURE

Davlatbek Kh.
Some syntactic features of "Akhloki Muhsini" of Husayn Voizi Koshifi…….. 117
Naimova F.
Literary points of views of Ayni about poet and poems (on the base of his lettter to A. Lohuti)……... 123
Nazar B.
Radif in ghazals of Jami…….. 129
Ismatulloev M.
Bolt Ortiqov and tajik children stories…… 132
Andamov Kh.
Problems of sceince and education in the first Tajik print edition……..... 136
Azamov S. B.
Sadriddin Ayni and criticism of the Turkish press at the beginning of the 20th century……. 141
Abdurahmonov M.
Literary and esthetic ideas of enlighteners and jadids……..... 147
Quvatova S. M.
The research of translation of poems of M. U. Lermontova from the point of view of aesthetic interference……..... 150
Solehov Sh. A.
The effectiveness of the use of literary texts in the lessons of Tajik language……... 153
Yusufov U.
The way of writing poem and poetic skills (from the point of view of Shams Qaysi Rozee)…… 156
Vafo Elboyev.
Ruknuddin Masud Qumi and his poem «Yusuf and Zulaikho»…… 161

HISTORICAL SCIENCES AND ARCHEOLOGY

Pirumshoev H.
Politicalsituation of the Pamir in the 7th – first half of the 9th centuries…….. 171
Said N. S., Ubaydulloev N. K.
Vakhsh in ancient times and middle age…… 179
Khamza K., Ali M. O.
The relationship between the Seljukids and Ghaznavids during the reign of Mahmud and Mas'ood of Ghazni according to historical sources…… 189
Saidov A.
The role of Khoja Nizomulmulk in strengthening the state of the seljukids and the importance of his work «Siyosatnoma»……... 195
Mahmadov U.
From the history of study and learning Tajik natural resources in 20th years of XX centuries……..…… 201
Fozilova M.Z..
Training and retraining of women teachers during World War II and post-war period (1941-1950)……..... 205
Kamolov Sh.
Development of theory of protection of human rights in the Republic of Tajikistan…… 208
Sharifov R.
The education status in Afganistan at the beginning of XXth century…… 213
Hamidov B. A.
The ratio of law and morality in the philosophical tradition of medieval muslim thinkers..……..... 218

ФАРҲАНГИ ЭСТЕТИКӢ – ЧУН ПРОБЛЕМАИ ИҶТИМОӢ-ПЕДАГОГӢ

Латифзода Д. Н. Абдуллоева Р. Ҳ
Консерваторияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мубрамӣ ва аҳамияти мавзӯи фарҳанги эстетикии ҷавонон аз он бар меояд, ки дар суханрониҳои худ, ки ба масъалаҳои инкишофи бонизоми фарҳанг ва махсусан, боло бурдани фарҳанги ҷомеа, эҳтиром ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, эҳёи анъанаву ҳунарҳои мардумӣ, бахшида шудаанд, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ҷиҳати тарбияи эстетикӣ андешидани чораҳои заруриро яке аз вазифаҳои асосӣ мешуморад (1, с. 32).

Воқеан ҳам, тарбияи эстетикӣ дар ташаккулу такомули ҷаҳони маънавии ҷомеа ва тақвияти андешаву рӯҳияи миллӣ нақши беандоза дорад. Аз ин рӯ масъулини кори тарбиявӣ - эстетикӣ бояд фаъолияти хешро дар ин самт беҳтар намоянд ва ҷиҳати ташаккули маънавиёти мардум шаклҳои ҷолиби бадеии корро мавриди истифода қарор диҳанд.

Дар ҳуҷҷатҳои барномавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди фарҳанг, бахусус консепсия ва “Барномаи давлатии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2008-2015, Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар соли 2007-2010” ва махсусан, консепсияи мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои фарҳанг ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа дар қатори вазифаҳои муҳими рӯз, тадбирҳои амалӣ намудани сиёсати миллии фарҳангӣ ва тарбияи эстетикии ҷавононро мутобиқи шароити имрӯза, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда шудааст.

Ин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешибинӣ менамоянд, ки бояд рушди фарҳанги миллӣ, махсусан бадеӣ дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурии мо мутаасил рушд ёфта, нақши он дар баланд бардоштани маънавиёт ва тарбияи эстетикии аҳолии мамалакатамон боло бардошта шавад.

Дар Паёми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 2015), Президент кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши фарҳангро дар тарбияи зебоипарастии қишрҳои гуногуни кишвар зикр намуда, мақомоти дахлдор бояд ба тарбияи зебоипарастии ҷавонон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд (6).

Масъалаҳои баланд бардоштани корҳои тарбиявӣ дар самти тарбияи эстетикӣ аз вазифаҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” муайян карда шудаанд, бар меоянд. Бо мақсади оқилона истифода бурдани вақти холии хонандагон, ҷалби онҳо ба намудҳои гуногуни фарҳанги миллӣ, мероси ғании фарҳангӣ, корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, фаъолияти Марказҳои фарҳангию фароғатӣ ва эстетикӣ ва ғ. пешбинӣ карда шудааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки муассисаҳои фарҳангу маориф дар тарбияи эстетикии насли наврас нақши муассир ва ҳатто ҳалкунанда мебозад. Аммо таҳқиқотҳои мо нишон доданд, ки вазъу имкониятҳои тарбияи эстетикӣ дар системаи маориф ва фарҳанг ба таври бояду шояд истифода бурда намешаванд. Ин аст, ки баъзе хонандагон вақти фароғати худро дар видио-салону марказҳои компютерӣ гузаронида доир ба боло бардоштани маънавиёташон андеша наменамоянд.

Ҳаминро низ бояд зикр кард, ки вазъи корҳои беруназсинфӣ ва беруназ- мактабӣ, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон низ талаботҳои маънавию эстетикии хонандагонро ба таври бояду шояд қонеъ намегардонанд, ки боиси ҷалби теъдоди камшумори хонандагон ба муассисаҳои ин соҳа мебошад.

Бинобар ин, зарурияти куллан, ба таври ҷиддӣ аз нав баррасӣ намудани муносибати инсон ба муҳити зист, дарк ва фаҳмиши нави идеали инсон, дурнамои ӯ ба

миён омадааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои фарҳанги эстетикӣ дар низоми муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва таълимию тарбиявӣ, дар фаъолияти ҳамҷояи педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба волидайн дорои аҳамияти зиёд аст.

Доир ба таҳқиқи мавзӯи фарҳанги эстеткӣ олимони зиёди ватаниву хориҷӣ таҳқиқотҳои арзишмандеро анҷом додаанд. Қобили зикр аст, ки оид ба ин масъала А. Г. Агаев, М. А. Верб, Л. Н. Гумелев, А. Ф. Дашдамиров, Б. Т. Лихачев, В. А. Разумний, олимони Институти фалсафаи Академияи илмҳои ФР ва дигарон дар таҳқиқотҳояшон изҳори назар кардаанд. Дар Тоҷикистон масъалаи мазкур дар як қатор монографияҳо, рисолаҳои докторию номзадӣ, мақолаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бевосита масъалаҳои тарбияи эстетикӣ дар заминаи арзишҳои миллӣ дар рисола ва мақолаҳои илмии доктори илми фалсафа С. Раҳимов ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст. Илова бар ин, дар омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзӯъ саҳми олимон дигар низ назаррас аст. Дар чаҳорчӯбаи ин мавзӯъ олимони соҳаи педагогика М. Лутфуллоев, А. Нуров, Х. Бӯйдоқов, И. Каримова, М. Саидов ва дигарон дар таҳқиқотҳояшон андешаҳои хешро доир ба мақсад, вазифаҳо, мазмун, шакл ва методҳои ин самти муҳими кори тарбиявӣ баён сохтанд. Дар омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзӯъ саҳми олимон Р. Абдуллоева, Д. Латифзода, Нуров А. ва дигарон назаррас аст, ки дар ҳалли баъзе масъалаҳои назарӣ, методологӣ ва илмӣ-методӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Аз таҳлилу муқоисаи асару мақолаҳо ва рисолаҳои ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар системаи таҳсилот ва фарҳанг бахшидашуда чунин бармеояд, ки зери мафҳуми фарҳанги эстетикӣ қисме аз олимон сифатҳои интегративии шахсиятро мефаҳманд, ки аз ҷузъиётҳои зерин – қисми когнетивӣ, эмотсионалӣ ва ахлоқӣ иборат мебошад. Ин гуна муносибат имконият медиҳад, ки одамон дар асоси қонуниятҳои зебоӣ ва идеалҳои олии маънавию ахлоқӣ нерӯйи худтатбиқгардонии эҷодии хешро амалӣ созанд.

Ҳамин тариқ, фарҳанг ва тарбияи эстетикӣ қисми ҷудонашавандаи мураттаб инкишоф ёфтани шахсият мебошад. Вазифаи он аз инкишоф додани танҳо ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосии насли наврас набуда, балки аз такмил додани қуввaҳои ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии инсон, бо зебоӣ фақат бо аз худ кардани соҳаи санъат маҳдуд нашуда, ба он ҷалб шавад, мунақиди фарҳанги бадеӣ гардад, тамоми паҳлӯҳои зебоиро дар бар бигирад.

Бинобар ин функсияи тарбиявӣ- эстетикии муассисаҳои таҳсилот ва фарҳанг на танҳо аз байн рафта истодааст ва ё аҳамияташон кам шуда истодааст, балки баръакс омӯзиши ин проблема дар илмҳои гуманитарӣ, бахусус педагогика ва эстетика хеле муҳим гардида истодааст.

Масъалаҳои таҳқиқи фарҳанги эстетикӣ, консепсия ва таҷрибаи амалии муосир дар ин самт, ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон, омилҳо ва роҳҳои амалишавии он дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ таҳия ва пешниҳоди модел ва барномаи илмӣ-методии ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон тавассути кори муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангю фароғатӣ, истифодаи самараноки он дар кори амалии тарбиявӣ - эстетикӣ аз ҷумлаи масъалаҳоеанд, ки муҳақиқон метавонанд чун объекти омӯзиш ва таҳқиқ қарор бидиҳанд.

Агар ба таърихи бавуҷудойии мафҳуми “фарҳанги эстетикӣ” назар кунем, ба хулосае омадан мумкин аст, ки аввалин ақидаҳои эстетикӣ дар Юнон ба вуҷуд омада, дар фарҳангҳои дигар тавсеа ёфтаанд. Дар давраи эллинӣ ва рушди тамаддуни Рим аҳамияти тарбияи зебоипарастӣ боло меравад, вале дар ҷараёни ташаккули адабӣ-риторикӣ нақши мусиқӣ, ки ба риторика хидмат мекард, коҳиш меёбад.

Унсурҳои тарбияи зебоипарастиро, ки ҷузъи муҳими китоби қадимии «Авасто» - ро ташкил медиҳад, дар китоби муқаддаси мусалмонон «Қуръон» мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин ҷо бар меояд, ки сарчашмаҳои муҳими фарҳангшиносии миллии моро матнҳои «Авасто», меъёрҳои ахлоқии «Қуръон» ва умуман дини ислом, ки яке аз рукнҳои асоси фарҳанги миллии тоҷикон ва фарҳангшиносиро таҷассум мекунад, ташкил медиҳад.

Олимон бар ин ақидаанд, ки зебоӣ худи ҳаёт, таҷрибаи ҷамъиятӣ бо ҳамагуна гуногуниҳояш мебошад. Зебоӣ ин нуктаи камолот, авҷи идеалии кори ҳаррӯза ва одии иҷро карда истодаи инсон мебошад. Чунки идеалҳои инсонӣ аз рӯйи таҷрибаҳои иҷтимоиву шуури одамон муайян карда мешавад.

Истилоҳи фарҳанги эстетикӣ (зебоишиносӣ) ба файласуф Н. Бердлев таалуқ дорад: вай онро дар асараш «Константин Леонтев» очерки таърихи ақидаи динии русӣ) барои фаҳмонидани сатҳи зебоипарастии россиягиҳои солҳои 60-уми асри XIX истифода бурд. Ин истилоҳ ба фаҳмиши «зебоишиносӣ» наздик мебошад.

Эстетика даврaҳои гуногуни рушди худро аз сар гузаронидааст. Эстетикаи марксистӣ - ленинӣ, ки ҳаёт ва таҷрибаи ҷамъиятиро бо тамоми гуногунияш, сарчашмаи зебоиро эътироф мекард, зебоиро камолот ва идеале ҳисоб мекард, ки одамонро аз сатҳи оммӣ ва муқаррарӣ боло мебардошт. Идеалҳои инсонӣ бошад, аз рӯи таҷрибаи иҷтимоӣ, шуури синфии одамон муайн карда мешуд. Дар шароити имрӯза низ баъзе нуктаҳои таълимоти марксистӣ-ленинӣ дар бораи зебоӣ, дар бораи қонуниятҳои ба таври эстетикӣ аз худ кардану дигаргун сохтани воқеият асоси методологии назария ва амалияи тарбияи эстетикӣ буда метавонад. Масъалан, таълимоти марксистӣ- ленинӣ дар бораи зебоӣ, дар бораи қонуниятҳои эстетикии азхудкунӣ ва тағйирдиҳии воқеият ва ғайраро дар илми педагогика мавриди истифода қарор додан мумкин аст, аммо бо ин таълимот набояд маҳдуд шуд.

Дар тарбияи эстететикӣ аз консепсия ва ақидаҳои мутаффакирони шарқу ғарб, андешаҳои олимон, адибон ва умуман фалсафаи эстетикии ниёгон истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин раванд ақидаҳои эстетикии педагогҳои шуравӣ низ истисно нестанд.

Масъалан, В. А. Верб чунин меҳисобад, ки фарҳанги эстетикӣ – маҷмӯи сифатҳо, таҳсилоти шахсӣ, махсусият, истиқболи зебоӣ ва иштирок дар бунёди зебоӣ буда, моҳияти он бошад дар азхуднамойии маҷмӯи қобилият, истиқболи бадеӣ ва эҷодӣ мебошад. (8, с. 3-10).

Барои таҳқиқоти мо консепсияи файласуфи рус М. С. Каган хеле муҳим мебошад. Мутобиқи андешаи М. С. Каган фаъолияти эстетикӣ ташаккулёбии материя тибқӣ «қонунҳои зебоӣ» буда, махсусияти ҷамъбастиро соҳиб аст. Аз ин хотир, тамоми намуди фаъолияти инсонӣ бо андозаи муайян ҳамчун фаъолияти эстетикӣ матраҳ мегардад. (10, с. 110-124).

Ҳамин тариқ, дар айни замон дар зери мафҳуми тарбияи эстетикӣ тамоми намуди фаъолияти инсонӣ бо андозаи муайян ҳамчун фаъолияти эстетикӣ густариш ва ташаккули эстетикӣ фаҳмида шуда, арзишҳои шахсият марбут ба фаъолияти ӯ дониста мешавад. Ҳангоми худфаъолиятӣ ва худташкилкунӣ татбиқ ва дорои арзишҳо мегардад.

Таҳия ва коркардҳои илмии масъалаҳои назария ва амалияи тарбияи эстетикӣ, муайян сохтани хусусиятҳои фарҳанги эстетикӣ, роҳҳои ҷалби насли наврас ба арзишҳои фарҳангӣ, аз ҷиҳати назарӣ асоснок намудани масъалаҳои фарҳанги эстетикӣ ба педагогика имкон медиҳад, ки ҷанбаи назариявӣ ва методологии мавзӯи таҳқиқотӣ муайян ва мушахасс шавад. Илова ба ин таҳқиқи проблемаҳои дар боло зикрашон рафта барои фарохтар назар кардан ба масъалаҳои шуурри эстетикӣ ва фарҳанги эстетикӣ, протссеси ташаккули онҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Таҳлили адабиёти илми моро ба хулоса меорад, ки тарбияи эстетикӣ махсусияти ҷамъбастиро соҳиб аст. Аз ин хотир, тамоми намуди фаъолияти инсонӣ бо андозаи муайян ҳамчун фаъолияти эстетикӣ арзёбӣ карда мешавад.

Дар давраи мазкур тарбияи эстетикӣ дар системаи таҳсилотӣ ва фарҳангӣ чунин самтҳоро ба инобат мегирад:

– ташаккули омадагии шахсият баҳри идрок, азхуднамоӣ барои эстетика, санъат ва воқият, ташаккули тафакури эстетикӣ;

– боло бардоштани маърифати эстетикӣ (зебоипарастӣ);

– густариши қобилиятҳои эҷодӣ, фарҳанги маънавӣ ва ҷисмонӣ;

– ҷалбнамойӣ ба намудҳои фаъолияти эстетикӣ, ки дар натиҷаи он дониш ва

эътиқоди ботинӣ ва рафтори ҳамарӯзаи муҳассилин табдил меёбад;

– ташкили маҳфилҳои гуногуни фарҳанг, санъат, касбу ҳунарҳои бадеии халқ. Ҷалби хонандагон аз кӯдакӣ ба намудҳои фаъоли табияи зебоипарастӣ ва ғ.

Манбаи бойтарини таассуротҳои эстетикии кӯдак санъат аст.

Санъат, ҳамчун шакли образноки инъикос ва азнавсозии олам ҳодисаи фавқулода мураккаб ва бисёрмаъно мебошад. Ба воситаи он ҷиҳатҳои идеологӣ, ахлоқӣ ва эстетикии таъсиррасонӣ ба шахсияти инсони комил расидан маълум мегардад. Тавассути он ба мактабиён ҳам аз ҷиҳати ахлоқӣ ва ҳам аз ҷиҳати эстетикӣ таъсири комплексӣ ва ҳамаҷониба расонида мешавад.

Нақши санъат барои дар насли наврас инкишоф ёфтани фарҳанги эҳсосот ва ҳис карда тавонистан, тафаккуроти образнок ва тасаввурот хеле бузург аст.

Олимон исбот кардаанд, ки «одаме, ки нишоти эҷодии ин ё он намуди санъатро аз сар гузаронидааст, назар ба одами аз доираи танҳо дарки асари санъат баромада, санъатро хеле чуқуртар ва интенсивноктар дарк карда метавонад» (9, с. 15).

Асарҳои санъати тасвирӣ барои ҳаётии инсоният ва табиатро фаҳмидан ёрӣ расонида, идроки биноиву тахайюлоти касро ривоҷ медиҳад.

Дар инкишофи олами руҳии муҳассилин нақши адабиёти бадеӣ – санъати сухан - хеле бузург аст. Забон муҳимтарин воситаи муомилоти одамон буда, тарафҳои гуногуни ҳастиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, имкониятҳои ба таври бадеӣ инъикос намудани воқеаҳои зиндагӣ дар адабиёт, махсусан, зиёданд.

Намудҳои муттаҳид шудани санъати театр, кино, телевизион, сирк ба таври васеъ оммавӣ шудаанд. Тамошобин бо таъсири хониши ифоданок, ҳаракату ишораҳо, зебу зинатҳои ороишӣ ва ҳамоҳангии мусиқӣ дар саҳна ифода намудани воқеаву ҳодисаҳо ба мазмуну мундариҷаи спектакл ва дигар асарҳои саҳнавӣ сарфаҳм меравад. Масъалан, дар театр байни актиёриву тамошобин робитаи бевоситаи эҷодӣ пайдо шуда, барои ба ҳаяҷон омадани ҳарду тараф шароити мусоид ба вуҷуд меояд. Вобаста ба ин Б. Брехт хеле хуб қайд кардааст: «Агар аз санъат ҳаловат бурдан хоҳед, ҳеҷ гоҳ бо истифодаи қулай ва арзони як худи натиҷаи меҳнати бадеӣ қонеъ нашавед. Худи меҳнатро аз сар гузаронидан даркор аст…»(9, с. . 21-24).

Иду маросимҳои миллии мардуми тоҷик, махсусан Иди Наврӯз Сада, Меҳргон, риояи анъани хуби сарулибосорӯ ва фарҳанги баланди либоспӯшӣ завқи эстетикиро ташаккул медиҳанд.

Ҳамин тариқ, фарҳанги эстетикӣ қисми ҷудонашавандаи мураттаб инкишоф ёфтани шахсияти комил мебошад. Вазифаи он аз инкишоф додани танҳо ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосии насли наврас набуда, балки аз такмил додани қувваҳои ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии аҳолӣ, махсусан ҷавонон, бо зебоӣ, фақат бо аз худ кардани соҳаи санъат маҳдуд накарда, тамоми паҳлӯҳои фаъолияти онҳоро дар бар мегирад.

Шарти муҳими педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ истифода аз ҳамаи фаъолиятҳои эстетикӣ мебошад, зеро натанҳо санъат, инчунин дигар паҳлӯҳои эстетикии ҳақиқат: меҳнат, муносибатҳои иҷтимоӣ, муҳити атроф, фарҳанги маишӣ, аз он ҷумла зебоӣ, либоси зебову шинам дар тан, истиқоматгоҳ, табиат ва рафтори одамон низ нишонаи фарҳанги миллии моро ба дигарон мешиносонад ва ба тарбиягиранда таъсири эстетикиву ахлоқӣ мерасонад.

Ҳукумати Тоҷикистон ва шахсан Пешвои миллат, Сарвари Давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он проблемаю норасоиҳое, ки имрӯз дар соҳаи фарҳанги эстеткӣ ҷой доранд, диққати махсус медиҳанд. Онҳо пайваста таъкид мекунанд, ки дар қатори муваффақиятҳое, ки дар ин соҳа вуҷуд доранд, камбудиҳои ҷиддӣ низ дар фаъолияти ин муассисаҳо ба назар мерасанд.

Бинобар ин кормандони соҳаи маориф ва фарҳангро лозим аст, ки пеш аз ҳама барои боло бурдани симои нави маънавии инсон, ташаккули фарҳанги эстетикии ҷомеа аз захираҳою имкониятҳои худӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимиятҳои давлатӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ самаранок истифода намуда, «доир ба майлу рағбати зебоипарастӣ ва инкишоф додани ҳунари эҷодиву анъанаҳои бузурги фарҳангсолори халқамон» чораҳо таъхирнопазир андешанд» (2).

Ҳар як миллатро аз рӯи фарҳанг, махсусан фарҳанги эстетикиаш баҳо медиҳанд. Ифтихори мо тоҷикон бештар аз он аст, ки аз қадимулайём фарҳанги бойи бадеӣ дорем. Аз ин рӯ, ба масъалаҳои ба насли наврас бегазанд интиқол додани арзишҳои эстетикӣ, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани он, тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ин арзишҳои миллӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, ҷиҳати кори муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, махсусан дар мавзеъҳои деҳот, бояд диққати ҷиддӣ дод.

Дар ҷумҳурӣ доир ба тарбияи эстетикӣ (зебоипарасти)-и насли наврас системаи муайяни корҳои тарбиявӣ роҳандозӣ карда шудааст. Ин низом муассисаҳо ва ташкилотҳои гуногунро фаро гирифтааст. Аз кӯдакистонҳо сар карда то зинаи таҳсилоти олӣ ва баъд аз мактабҳои олии кишвар бо истифода аз восита ва шаклу намудҳои кори тарбияи эстетикӣ ҷиҳати ба арзишҳои эстетикӣ ҷалб намудани ҷавонон ва кӯдакону наврасон корҳои зиёде анҷом дода шуда истодаанд.

Омӯзиши таҷрибаи пешқадами муассиаҳои системаи маориф ва фарҳанг нишон медиҳад, ки ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот хизматрасонии фарҳангӣ-эстетикӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ то андозае дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Аз нав эҳё намудани муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои ҷумҳурӣ, коллективона ба намоишу спектаклҳо сафарбар намудани кӯдакони ясливу боғчаҳо, хонандагони мактабҳо, ташкили сафарҳои ҳунарии коллективҳои эҷодӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ва олии касбӣ, намоишҳои саёйри китоб, асарҳои санъати тасвирӣ, фаъол гардондани кори клубу китобхонаҳо дар байни аҳолии шаҳру ноҳия ва ҷавонон, таъсиси садҳо, хонаҳо ва қасрҳои фарҳанг дар ноҳияҳо аз гувоҳӣ медиҳанд, ки доир ба ташаккули фарҳанги эстетикии насли наврас чораҳои зарурӣ андешида шуда истодданд.

Бе ҳалли дурусти ин масъалаҳо ғанӣ ва бой гардондани ҳаёти маънавию фарҳангӣ ва эстетикии ҷавонон, қонеъ намудани ниёзҳои зебоипарастии насли наврасро фаҳмидан душвор аст.

Хосатан, дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистони тозабунёд масъалаҳои омӯзиши воситаҳои фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ доир ба ташаккули зебоипарастии муҳассилин, аз он ҷумла, дар Марказҳои фарҳангию эстетикии кӯдакон ва наврасон, филармонияҳои бачагона, ҳамкориҳои мактаб, оила, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва фарҳанг, хеле судманд мебошад.

Муносибати маҷмӯи (комплексӣ) дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии насли наврас имконияти аз ҷиҳати методологӣ дуруст омӯхтани онро ба вуҷуд меоварад.

Ин ва дигар назариётҳои илмӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои фарҳанги эстетикӣ ва тарбияи эстетикӣ, муайян сохтани асосҳои методологии он аҳамияти хеле калон дорад.

Педагогика ва фарҳангшиносӣ ҳамеша фарҳанги эстетикӣ ва тарбияи эстетикиро муҳимтарин қисми таркибии протсеси ҳаматарафаи мураттаб инкишоф додани шахсияти насли ҷавон мешуморад. Дар айни замон ба зебоӣ қарин будан аз дигар соҳаҳои ташаккули муҳассилин ҷудо набуда, баръакс ба тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ, ҷисмонӣ робитаи қавӣ дорад.

Маҷмӯи арзишҳои эстетикӣ, равишҳои эҷод ва истифодаи ин арзишҳоро таъмин мекунад.

Фарҳанги умуми шахс маҳз дар ҳамбастагии ин қисмҳои таркибии фарҳанг ташаккул ва такмил меёбад.

Ташаккули коллективи аз ҷиҳати эстетикӣ солим нуқтаи назари муҳими корманди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Танҳо бо ҳамин роҳҳо дар кори иҷтимоӣ-фарҳангӣ оид ба тарбияи эстетикӣ муваффақият ба даст оварда шуда имконияти пешгирии безебӣ, зиштӣ, муносибати нодуруст ба табиати зебо, дурушtӣ, дарк накардани санъат, нафаҳмидани он аз байн меравад ва инсон аз нафосат, зебоӣ, асарҳои санъат ба хубӣ сарфаҳм рафта онҳоро аз нуқтаи назари танқидӣ арзёбӣ карда метавонад.

Омилҳои дигарро низ номбар кардан мумкин аст, ки онҳо дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ мусоидат карда метавонанд. Яке аз онҳо эҳтирому арҷгузорӣ ба фарҳанги

бойи ниёгон маҳсуб меёбад, ки дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ нақши муассир мебозад. Ҳамзамон, омилҳое ҳастанд, ки ба ташаккули шахс таъсири манфӣ мерасоннад: тақлид ба фарҳанги бегона, кӯр-кӯрона ба он пайравӣ кардан, бегонапарастӣ, хурофотпарастӣ, худнамойии аз ҳад зиёд ва ғайра, ки иллати асосии ин гуна зуҳуротҳо маърифати пасти мардум ва сатҳи костаи эстетикии онҳо ба шумор меравад.

Фарҳанги эстетикӣ дар доираи барномаҳои давлатӣ инкишоф меёбад. Дар он махсусан фарҳанги рӯзмарра ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Бо мақсади татбиқи «Барномаи рушди ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳунарҳои бадеии халқӣ, аз ҷумла “Низомномаи Шӯрои бадеӣ-экспертӣ оид ба ҳунарҳои бадеии халқӣ” таҳия гардид. Бонки иттилоотӣ оид ба ҳунарҳои бадеии халқӣ ташкил карда шудааст (7).

Ҷорӣ намудани равияи нави «Мактабҳои ҳунарӣ (устод-шогирд)» дар заминаи мактабҳои мавҷудаи бачагонаи мусиқӣ, санъат, расомии Душанбешаҳр, таҳия ва нашри маводи таълимӣ - методӣ барои муассисаҳои фарҳангӣ аз ҷониби шуъбаи таълимӣ-методии шуъбаи фарҳанги Душанбешаҳр оғоз гардидааст, ки дар тарбияи эстетикии насли наврас нақши муҳим ва муассир бозида метавонад.

Аз таҳлили вазъи назариявӣ ва таҷрибаи амалии фаъолияти муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва таҳсилотӣ дар асоси тағйиротҳои ҳаёти иҷтимоӣ- сиёсии ҷомеа дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ ба вуҷуд омада бояд хулоса кард, ки онҳо фаъолияти худро ба баланд бардоштани маърифати эстетикӣ ва ҷалби васеи мардум ба намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ равона созанд. Умуман, дар ҳаёти фарҳангии кишвар саҳм гирифта завқи эстетикии оммаро қонеъ ва донишу талаботҳои эстетикиро ғанӣ гардонанд.

Аммо аз омӯзиши кори муассисаҳои маориф ва фарҳанг бар меояд,

баъзе муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва таҳсилотӣ дар деҳаҳо шароити пурра қонеъ гардонидани талаботҳои гуногуни эстетикии духтаронро надоранд, барои онҳо маҳфилҳо ва чорабиниҳои фарҳангии гуногуни самти эстетикӣ доштаро ташкил карда наметавонанд. Баъзе аз Марказҳои таҳсилотӣ дар ноҳияҳо бинои махсус надоранд. Машғулият ва чорабиниҳои фарҳангии онҳо дар мактабҳо ташкил ва баргузор мегарданд. Ин мушкилот дар баъзе ноҳияҳои кӯҳистонӣ баръало ҳис карда мешавад, ки ба оқибатҳои зарари иҷтимоӣ ва хонаводагӣ дошта оварда расониданаш мумкин аст ва ин раванд боиси коста шудани завқи зебоипарастии духтарон мегардад.

Ба назари мо барои беҳтар намудани фарҳанги эстетикӣ дар ноҳияҳо барномаи махсуси тарбияи эстетикӣ зарур аст, ки мушкилоти мавҷударо ҳал намояд. Барномаи ноҳиявии тарбиявӣ- эстетикии аҳолӣ бояд дар чунин самтҳо фаъолияти зебоипарастиро тарҳрезӣ намояд:

– шаклҳои комплексии тарбияи эстетикиро дарёфт ва дар байни ҷавонон ташкил ва баргузор намояд;

– ҳамкории хонавода, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, иловагӣ ва фарҳангиву фароғатиро таъмин кунад;

– тадбирҳои самаранокро оид ба ҷалби мардум ба театру, филармонияҳо, китобхонаву осорхонаҳо амалӣ намояд;

– мутахассиони ҷавонро доир ба тарбияи эстетикии насли наврас омода намояд

– дар асоси суннатҳои миллии фарҳангӣ - маърифатӣ ва махсусиятҳои он бо дарназардошти меъёрҳои арзишҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ, инсонгаройӣ ва меъёрҳои умумибашарии имрӯза давра ба давра, комилан замонавӣ сохтани фаъолияти муассисаҳо ва объектҳои системаи иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва фароғатиро нақша гирад;

– дар кулли манотиқи ҷумҳурӣ сохтани клубу хонаҳои фарҳангӣ пешбинӣ намуда, фаъолияти маҷмаъаҳои бадеӣ - намоиши ва марказҳои намоишӣ, фондҳо ба нақша гирад; фарҳанги хизматрасониро беҳтар намояд;

– сохтани биноҳои нав, барқарор намудани иморатҳо ва иншооти китобхонаҳо, толорҳои қироатӣ, намоишгоҳҳои тиҷоратӣ барои тарғиби дастовардҳои ҳунарҳои суннатӣ, бадеӣ ва эҷодиёти амалии мардумӣ, муҷаҳаз намудани онҳо бо техника ва

технологияи ҳозиразамон;

– бо мутахассисони баландихтисос ва дигар кормандони зарурӣ муассисаҳои иҷтимоӣ- фарҳангии ҳамаи шабака, навъу намудҳоро таъмин намояд (ҳоло таъмини кадрҳои дорои таҳсилоти олиии касбии омӯзгорӣ танҳо дар деҳот 70 дарсадро ташкил медиҳад);

– ба воситаи устоҳои маҳаллаҳо фаъолияти устохонаҳо ва истеҳсоли анъанавии маҳсулоти касбии ҳунармандӣ ва дигар навъу намудҳои ҳунари оммаи мардум, ки аз қадим дар манотиқи ҷумҳурӣ рушд ёфта буданд, роҳандозӣ намояд;

– доир ба мавзӯҳои фарҳанги эстетикӣ семинару конфронсҳои илмӣ-амалӣ доир намояд.

Ҳалли ин ва дигар мушкилот ташаккули фарҳанги эстетикии аҳолӣ, бахуссус ҷавононро баланд бардошта, фаъолнокии иҷтимоӣ-фарҳангии онҳоро дар ҷомеа афзун мегардонад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 23 январи соли 2015. - Душанбе, 2015. – 47 с.
2. Эмомалӣ, Р. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдат Пешвои миллат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат // Ҷумҳурият. – 2016. – 13 март.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар, Душанбе, 22 декабри соли 2005. – //Омӯзгор. - 2006. - 1 январ.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Пояи мустаҳкам барои илмҳои бунёдӣ. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимон-омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. //Омӯзгор. – 2010. - 3 сентябр.
5. Эмомали Раҳмон. Раванди омода кардани мутахассион аз мактаб оғоз мегардад // Садои мардум. – 2013. – 17 май.
6. Раҳмонов, Э. Ш. Фарҳанг ҳастии миллат аст. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат // Ҷумҳурият. – 2001. – 24 март.
7. Барномаи рушди ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015. – Душанбе, 2015. – 7 с.
8. Верб М. А. Взаимосвязь эстетической и педагогической культуры будущего учителя //Проблемы эстетического образования и воспитания студентов педагогических вузов. – Свердловск, 1981. – С. 3-10.
9. Искусство и эстетическое воспитание молодёжи. - М. : Наука, 1981. – 335 с. 15.
10. Каган М. С. Философия культуры. – Санк-Петербург, 1996. – 415 с.
11. Лихачев Б. Т. Теория эстетического воспитания школьников. – М. : Просвещение, 1985. – 280 с.
12. Нуров Н. Рисолати зиёиёни мамлакат // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 28 март.
13. Разумный В. А. Методика формирования эстетической культуры личности. - М. , 1985. – 71 с.
14. Разумный В. А. Эстетический всеобуч. – М. , 1987. – 88 с.
15. Суна У. Ф. , Абгарян Э. Л. Опыт моделирования уровня эстетической культуры старшеклассников. – М, МГУ, 1979. – 83 с.
16. Суна У. Ф. Эстетическая культура студента: опыт социологического анализа. – М. :МГУ, 1977. – 69 с.
17. Эстетическая культура. /Российская академия наук, Институт философии; отв. ред. : канд. филос. наук И. А. Коников. – М. , 1996. – 200 с.

ЭСТЕТИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА – КАК СОЦИАЛЬНО-ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

Авторы научной статьи под названием «Эстетическая культура – как социально-педагогическая проблема», на основе анализа различных концепций эстетической культуры, исследуют вопросы эстетического воспитания подрастающего поколения в системе образования и культуры как социально-педагогическую проблему и высказывают свои суждения по вопросам дальнейшего исследования этого направления воспитательной работы в культурологии и педагогической науке. В статье выдвигаются некоторые предложения по разработке обоснованной программы и модели воспитательно-эстетической деятельности в современных условиях.

***Ключевые слова**: эстетическое воспитание, культурология, подрастающее поколение, профессиональная деятельность, приобщение к красоте.*

AESTHETIC CULTURE IS A SOCIAL AND PEDAGOGY PROBLEM

The authors of the scientific article titled "Aesthetic Culture as a Social and Pedagogical Problem", based on the analysis of various concepts of aesthetic culture, examine the issues of aesthetic education of the younger generation in the educational and cultural system as a social and pedagogical problem and express their opinions on further research this direction of educational work in cultural studies and pedagogical science. In the article some suggestions are put forward for the development of a program and model of educational and aesthetic activity in modern conditions.

Keywords: *aesthetic education, growing generation, professional activity, admission to beauty.*

Сведения об авторах:

Латифзаде Диловар Назришоевич*, доктор педагогических наук, профессор Национальной консерватории Таджикистана, тел: 918244653; E-mail: kmt. ittiloot. tj@mail.ru;*

Абдуллоева Розия Хакимовна, *кандидат педагогических наук, доцент, проректор по международным отношениям ТГПУ им. С. Айни. тел. 919137629; E-mail: roziahon@mail.ru*

About author:

Latifzade Dilovar Nazrishchovich, *doctor of pedagogical sciences, professor of the National Conservatory of Tajikistan, tel: 918244653; E-mail: kmt. ittiloot. tj@mail.ru;*

Abdulloeva Roziya Khakimovna, *candidate of pedagogical sciences, associate professor, vice-rector for international relations of the TSPU named after S. Ayni. Tel. 919137629; E-mail: roziahon@mail.ru*

ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАИ МАЪЛУМОТГИРИИ БОНУВОНИ ТОҶИК

Обидова М. И.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар тӯли қарнҳо қариб дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон масъалаи маълумотгирии бонувон ҳамчун масъалаи пӯшида ба ҳисоб мерафт. Омӯзиш ва таҳқиқи маводҳои таърихӣ-педагогӣ оид ба ин масъала нишон медиҳанд, ки дар як қатор мамлакатҳои пешрафта ба соҳибмаълумот гардидани духтарҳо ва бонувон дар қарни XIX ҳаллӣ худро ёфт, аммо он характери синфӣ-табақавиро гирфта буд. Танҳо ашрофзодаҳо имконияти дар макотибҳои миёна ва олӣ таҳсил карданро доштанд. Масалан, дар Русяи подшоҳӣ бо мақсади муайян боз доштани рушди маълумотгирии бонувон ба назар мерасид. Дар гимназияҳо теъдоди ками ҷавондухтарон ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Бонувони миллатҳои ғайри рус беҳуқуқ ва гирифтори зулму асорат қарор доштанд; теъдоди ками бонувон саводи алифбоиро аз бар карда буданд.

Дар ибтидои асри XX дар баробари тағйир ёфтани сохтори давлат ҳалли масъалаи ба таҳсил фаро гирифта шудани бонувон дар саросари кишварҳои Россия, Осиёи Миёна ва ғ. дар сатҳи ҳукуматӣ ба роҳ монда шуд. Аз ҷониби ҳукумати онвақта «Масъалаи занон» («Женский вопрос») гузошта шуд, ки мақсади асосӣ озод кардани занон аз зулму асорат, аз торикӣ ва аз бесаводӣ иборат буд.

Тадқиқи масъала дар мамлакатҳои Шарқ муайян кардааст, ки бонувон дар ҳар давру замон барои гирифтани маълумот талош мекарданд, аммо роҳ ба сӯи донишомӯзӣ ва маърифатнокӣ хеле мураккаб буд.

Бонувони маҳаллӣ ба сӯи маърифат ва фарҳанг роҳи хеле тӯлониро тай намудаанд ва олимону муҳаққиқон роҳи тайнамудаи онҳоро таҳқиқ намуда дар рисолаҳои худ ба чунин ақида омадаанд, ки қабул кардани дини Ислом ба тақдири бонувон таъсири калон расонидааст. «Қуръон, шариат ва дигар расму оинҳои мусулмонӣ беҳуқуқии бонувонро ҳаматарафа қонунӣ карда буданд»– менависад Г. Яъқубов, ки масъалаҳои иҷтимоии бонувони тоҷикро омӯхта буд. Қувваҳои радикалӣ ба тақдири зан ва ба

маълумотгирии онҳо монеа эҷод мекарданд. Онҳо ақида доштанд, ки зан агар то андозае нохонда бошад ӯро мутеи мард кардан осонтар аст ва садди роҳи маълумотгирии онҳо мешуданд. Гирифтори асири ҷаҳолату зулмат будани бонувон, харидану фурӯхтани онҳо, ба ивази қалин ба шавҳар додани духтаракони хурдсол одати муқаррарӣ буд. Аз синни даҳсолагӣ чашмбанду фаранҷӣ чун чордевор духтаронро аз олами равшан паноҳ мекард.

Вазъият ва аҳволи вазнини занон таваҷҷӯҳи шахсони пешқадамро ба худ ҷалб мекард. Дар нимаи асри XIX ва аввали асри XX равшанфикрони халқи тоҷик бо самимияти том ба муқобили шароити вазнини занони мусулмон мебаромаданд.

Маорифпарвар Аҳмади Дониш дар асарҳояш одатҳои феодалӣ ва шароити ғуломдории аморати Бухороро фош намуда, дар хусуси ҳуқуқи зан навиштааст, ки мардҳо намефаҳманд, ки зан ҳам дил дорад ва худро баробари мард медонад. Танҳо шароит занро заифу сархам мекунанд. Дар хонавода зан ёрдамчӣ ва ҳамдами шавҳар аст ва мард бояд ба зан ғамхору меҳрубон бошад. Аҳмади Дониш баъд аз баргаштан аз сафар ба кишвар Русия вазъияти занони русу тоҷикро муқоиса кард.

Инчунин омӯзиши маълумотгирии бонувон аз нуқтаи назари дини ислом муайян кардааст, ки ба ин вазъият занон аз надонистани мазмун ва муҳтавои китоби муқаддаси Қуръон дучор шудаанд. Дар китоби муқаддаси Қуръон омадааст: «Қироат кардани китоби муқаддас барои зан ва мард фарз аст».

Мардум на ба маълумотгирӣ, балки бештар ба тарбияи бонувон таваҷҷуҳ медод, онҳоро ба рӯзгордорӣ ва ба вазифаҳои асосӣ, яъне модар шудан тайёр мекарданд.

Дар ҳуҷҷатҳое, ки то замони мо омада расидаанд сухан дар бораи маълумотгирии зан хеле кам аст. Дар давлати тоҷикон аз қадим дар назди масҷидҳо мактабҳои махсус ташкил карда мешуданд, ки дар он духтарон аз табақаҳои болоӣ ба гирифтани маълумоти динӣ ҷалб карда шуда буданд. Аз рӯи маълумотҳои ба даст оварда шуда дар чунин мактабҳо духтарон дар давоми 2-3 сол ба хондан фаро гирифта мешуданд. Ба онҳо бибихалифа хондани китобҳои мусулмонӣ «Ҳафтяк», «Чоркитоб» ва ғайраҳоро меомӯзонд. Дар бораи чунин мактабҳо қаҳрамони халқи тоҷик, асосгузорӣ адабиёти тоҷик Садриддин Айнӣ дар асари машҳур «Макаби кӯҳна» маълумотҳои дақиқ овардааст.

Гарчанд зан аз ҳуқуқҳои зиёд маҳрум бошад, ҳам дар дили ӯ хоҳиши маълумот гирифтан мавҷуд буд. Дар адабиёти классикии асри XX дар бораи шоираҳои боистеъдод Тоҷидавлат, Мавзуна, Нодира, Дилшод, Анвар-отун маълумот дода мешавад. Онҳо дар эҷодиёташон қисмат тақдири вазнини худро тасвир карда буданд. Дар шеърҳои онҳо навоҳои озодихоҳии занони Шарқ садо медод.

Бояд қайд кард, вазъи иҷтимоӣ-фарҳангии бонувони маҳаллӣ то даврои инқилобӣ, дарврои шуравӣ ва даврои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи олимаҳо мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Чунки баланд бардоштани мақоми зан, зарурияти соҳибмаълумот ва рушди маънавӣ-иҷтимоии занҳоро худи бонувони олима дарк ва дастрас карда тавонистанд.

Симои маънавӣ ва фарҳангии зани тоҷикро дар рисолаи илмии худ устоди шинохта, доктори илмҳои фалсафа, профессор Мунзифа Ғаффорова тасвир кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ муайян кардааст, ки ба ташаккулёбии симои маънавии зани тоҷик сохтори ҷамъият, дину фарҳанг, расму оин ва анъанаҳои мардуми Шарқ, ки ҳазорсолаҳо ҳукмрони мекарданд, таъсири калон расонидааст.

Дар бораи ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иҷтимоии зан олими шинохтаи тоҷик таърихнигор, доктори илмҳои таърих, профессор Роҳат Набиева, ки рисолаи илмиашро ба омӯзиши ҳаёти занони тоҷик бахшидааст, менависад: «Нобаробарӣ ва мутеи зан дар оила ва ҷамъият баробари моликияти хусусӣ гардидани олот ва воситаҳои истеҳсолот, яъне вақте ба амал омад, ки зан мавқеи намоёни дар замони модаршоҳӣ доштани худро аз даст дод, зеро меҳнати ӯ характери ҷамъиятии худро гум карда буд».

Доктори илмҳои педагогӣ Юнусова Нафиса низ масъалаи занонро таҳқиқ намуда исбот намуд, ки зани имрзӯаи тоҷик иҷрои рисолати тавалуди тарбияи фарзанд, иҷтимоикунонии он, иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ, фаъолияти меҳнатӣ, созмон

додани муҳити солими оилавӣ ва ғайраҳоро ба дӯши худ бардошта дар пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии ҷомеа нақши муҳим дорад. Гузаштан ба сохти нави иҷтимоӣ муносибатҳои бозоргонӣ аз зани имрӯзаи тоҷик соҳибмалумот будан, кордону муҳақиқ шудан ва дар ҷомеаи муосир мавқеи худро дарёфт карданро талаб менамояд.

Инчунин, солҳои охир масъалаҳои саҳмгузорӣ ва мавқеи бонувони тоҷик дар пешрафти ҷомеаи муосир аз тарафи номзади илми фалсафа Нурулло Хоҷаева Н. Т. , номзадҳои илми таърих Муҳаббатова Г. Ҳ. , Мирзоева В. М. , Фозилова М. З. , муносибатҳои гендерӣ аз тарафи номзади илми таърих Туйчиева С. Н. аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ шудааст.

Дар тӯли даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба таҳкими мақому манзалат ва таъмини риояи ҳуқуқи конститутсионии занон тамоми тадбирҳои заруриро андешида, онҳоро мутобиқи меъёрҳои демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ амалӣ мегардонад.

Бе шубҳа, сохторӣ ҷамъият, бесарусомониҳое, ки дар аввалҳои соли 1990 иштирок ва фаъолияти занро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ба дараҷаи паст оварда расонд. Муҳақиқон муайян кардаанд, ки ин вазъият аз як қатор омилҳо вобаста аст. Пеш аз ҳама муайян карда шуд, ки фаъолияти зан дар давраи Шуравӣ хусусияти рамзӣ дошт. Ҳукумати Шуравӣ, ки ба дастовардҳо оиди баробарҳуқуқии зану мард ноил гашта буд, натавонист то дараҷае занро дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷалб намояд. Аз ин рӯ то ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки зан дар ҳаёти ҷамъият то ба дараҷае паст шуда буд, занон механизми асосиеро, ки бо воситаи он фаъолнокии худро метавонистанд мустаҳкам намоянд, гум карданд.

Далелҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои аввали истиқлолят мушкилотҳо дар соҳаи маориф ба он оварда расонд, ки аксарияти духтарони синни мактабӣ тарки мактаб карданд, ба мактабҳои олӣ низ нисбатан кам довталабон аз ҳисоби духтарони маҳаллӣ дохил мешуданд. Дар маҳаллаҳое, ки вазъият хеле муташаниҷ буд, теъдоди ками занони омӯзгор низ фаъолият мекарданд.

Қайд кардан зарур аст, ки маълумотнокии мардум ба рушди ҷомеа таъсири калон мерасонад ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вазъиятро дарк намуда як қатор санадҳои меъёрӣ –ҳуқуқиро дар соҳаи маориф роҳандозӣ намуд, ки барои минбаъд таҳсил намудани духтарон дар муассисаҳои таҳсилотӣ таъсири мусбӣ расонид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарориПрезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3. 12. 1999 оид ба «Баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа»-ро қабул мекунад. Ин қарор ҷалб намудани бонувонро ба пешрафти ҷомеа пешбинӣ менамояд. Дар асоси ин қарор омадааст, ки Вазоратҳои маориф, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо занон дар оила, Ҳукуматҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани сатҳи зан аз рӯи ихтисосҳои муҳандис, духтур, агроном, муаллимони деҳот ба назар гирифта шавад ва дар сатҳи давлатӣ ҳал гардад.

Қабул гардидани ин қарор барои соҳибмаълумот гардидани бонувони шароит ва имкониятҳои хубро муҳайё кард. Онҳо дарк намудаанд, ки маълумот ба зан барои муайян кардани мавқеи худ дар ҷомеа хеле зарур аст ва имконият пайдо мекунанд, ки дар ҳаёти ҷамъияти иштирок намуда, сифатан ҳаёти худро беҳтар намояд.

Роҷеъ ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа дар ҷумҳурӣ аз соли 1999 то имрӯз чунин санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардидаанд: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа». 3. 12. 1999, №5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба низом даровардани қабули духтарон ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». 19. 04. 2001, №199. , Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010». 8. 09. 2001, №391. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистоназ ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016».

1. 11. 2006, №496. , Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси грантҳои Президентӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна, ба касбомӯзӣ ҷалб намудани занону духтарон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ барои солҳои 2006-2010». 4. 07. 2006, №307. , Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2011-2020». 29. 05. 2010, №269.

Дар барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» мақсади стратегӣ оид ба ҳама дастрас будани зинаҳои таҳсилот муайян гардидааст. Ба амали гардидани ин мақсад иҷрои чунин вазифаҳо пешкаш гардидаанд:

- Гузаронидани корҳои ташвиқотӣ доир ба ҷалб намудани духтарҳо ба таҳсилот, аз худ намудани касбу ҳунар, баланд бардоштани ихтисоси бонувон.
- Таҳияи барномаҳо ташаккулдиҳии афкори ҷомеа нисбат ба баланд бардоштани дараҷаи маълумот ва касбии бонувон тавассути васоити ахбори умум.
- Зиёд гардонидани қабули духтарон ба макотиби олии кишвар тариқи квотаи Президентӣ ва баланд бардоштаи масъулияти Ҳукуматҳои маҳаллӣ ва шӯъбаҳои маориф доир ба интихоби духтарҳо.
- Таҳияи барномаи барқарор намудани хобгоҳҳои донишҷӯдухтарон, ташкил намудани шароитҳои зарурӣ ва таъмини бехатарии зист.
- Ташкил намудани хобгоҳҳои махсус барои духтарони ятим, хатмкардаҳои мактаб-интернатҳо.
- Роҳандозии стипендияҳои номӣ бо мақсади ҷалб намудани бонувон барои таҳсил дар аспирантура ва докторантура.
- Роҳандозии низомнома оиди қабули духтарони деҳоти тариқи квота ва грантҳои давлатӣ барои бонувоне, ки ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғуланд, барои гузаронидани коромӯзӣ ва такмили ихтисос дар марказҳои калонтарини илмӣ дар хориҷи кишвар.
- Ба роҳ мондани нашри маҷмуаи мақолаҳо, китобҳо, дастурҳо ва дигар нашрияҳо дар мавзӯи «Саҳми бонувон дар пешрафти илм, маориф, фарҳанг ва санъат».

Тибқи барномаи давлатӣ аз солҳои 2001-2015 як қатор чорабиниҳо доир ба ҷалби духтарҳо ба таҳсили мактабӣ, ҳавасмандгардонии таҳсилоти духтарҳо тариқи ворид кардани идрорпулиҳо ва дигар шаклҳои расонидани ёрии пулӣ гузаронида шудааст.

Сол аз сол чораҳои зарурӣ доир ба таъмини зист, дастрасии маълумот, фаъолият, хизматрасонии тиббӣ ба бонувон-хатмкардаҳои мактаб-интернат гузаронида мешаванд.

Аз рӯи нақшачораҳо аз тарафи давлат барои ҷалби духтарон багирифтани маълумоти олӣ тариқи квота иҷро шуда истодааст.

Нахустин қадамҳо дар ин самт соли 1997 аз тарафи Вазорати маорифи ҶТ бо қабул гардидани санад оид «Ба низом даровардани қабули ҳамасолаи теъдоди муайяни духтарон аз деҳотҳои дурдаст ба мактабҳои олии кишвар бе супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ» ба роҳ монда шуд.

Чораҳои минбаъдаи Ҳукумати ҶТ дар Қарори аз 19 апрели соли 2001 таҳти №199 «Дар бораи ба низом даровардани қабули духтарон ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи квотаи Президентӣбарои солҳои 2001-2005» ва аз 8 феврали 200 таҳти №3/4 Дастурамали қабули духтарон ва писрон ба мактабҳои олӣ (беимтиҳон) тибқи квотаи Президентӣ ба бештар гардидани теъдоди квота ва инчунин зиёд шудани доираи мактабҳои олӣ ва ихтисосҳо тариқи квота мусоидат кард.

Аз тарафи давлат ва ҳукумат, мақоми зан баланд шуда онҳо ба имтиёзҳои зиёд ноил гашта истодаанд.

Тибқи нишондодҳои оморӣ, теъдоди зиёди бонувон маълумоти миёнаи касбиро дар коллеҷу литсейҳои касбӣ, ки мутахассисонро асосан ба «ихтисосҳои занона»: дӯзанда, бофанда, ҳамшираи тиббӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, мураббияи кӯдакистонҳо омода мекунанд, таҳсил менамоянд. Агар солҳоитаҳсили 2005-06 теъдоди донишҷӯдухтароне, ки дар муассисаҳои ибтидоии касбӣ 4, 7 % ташкил намоянд, солҳои

таҳсили 2013-2014 он ба 24, 8% расидааст, муассисаҳои миёнаи касбиро солҳои 2005/2006- 4, 8%вадар солҳои 2013/2014 - 6, 4 % донишҷӯдухтарон таҳсил ва хатм намуданд.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ мактабҳои олӣ ва филиалҳои он низ зиёд гаштаанд ва теъдоди донишҷӯдухтарон низ афзоиш ёфта истодааст. Дар солҳои таҳсили 2006 – 2007 дар 36 муссисаҳои олии ҷумҳурӣ аз 146219 донишҷуён 40102 духтарон ба таҳсил фаро гирифта буданд, солҳои таҳсили 2013-2014 дар 38 муассисаи олии касбӣ аз теъдоди 157791 донишҷӯён 42925 нафарро духтархо ташкил намудаанд.

Донишҷӯ духтароне, ки тибқи квотаи Президентӣ ба мактабҳои олӣ аз ноҳияҳои дурдаст дохил мешаванд, низ зиёд шуда истодааст. Квотаи Президенти бештар ба ихтисосҳои омӯзгорӣ ҷудо карда мешавад ва теъдоди зиёди духтарон дар он ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Агар солҳои таҳсили 2002/2003 637 духтар ба таҳсил фаро гирифта шуда бошанд дар соли 2005 дар 16 мактаби олии кишвар 911 ҷой ҷудо шуда буд - 436 барои духтарҳо ва 475 барои ҷавонписарҳо. Дар соли 2013-2014 дар тамоми мактабҳои олии ҷумҳурӣ аз 1168 донишҷӯ 579 писар ва 689 духтарон таҳсил менамуданд ва 496 нафар духтарон баъд аз хатми он ба фаъолият шурӯъ карданд.

Айни замон маълумоти педагогӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон, Донишгоҳҳои Кӯлоб, Хуҷанд, Қурғонтеппа, Хоруғ, инчунин дар зиёда аз 15 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии омӯзгорӣ роҳандозӣ мешаванд.

Теъдоди кадрҳои педагогӣ дар мактабҳо, техникумҳо, омӯзишгоҳҳо, коллеҷу литсейҳо асосан аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, хатмкардаҳои муассисаҳои миёна ва олии касбӣ зиёд карда мешаванд.

Теъдоди зиёди бонувони тоҷик барои таҳсил дар аспирантура ва докторантура ҷалб гардидаанд. Аз соли 2012 то инҷониб дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 77 нафар занону духтарон аз рӯи ихтисосҳои педагогика, филологияи тоҷик, таърих, математика, технология таҳсил мекунанд, ки 62 нафарро занону бонувони тоҷик ташкил менамоянд.

Дар шуъбаи аспирантураи донишгоҳ аз байни бонувонзиёда аз 20 нафар аспирант ва 3 нафар докторант таҳсил карда истодаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки бонувони тоҷик танҳо дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи педагогика барои дифои рисолаи докторӣ роҳ ёфтанд. Юлдошева М. К (с. 1993), Каримова И. Х. (с. 2000), Маҷидова Б. С. (с. 2004), Бозорова С. Ш. (с. 2006), Шарипова Д. Я. (с. 2012), Қосимзода И. Т. (с. 2013), Иматова Л. М. (с. 2013), Юнусова Н. М. (с. 2014), Иззатова М. И. (с. 2015) дар рисолаҳои доктории худ масъалаҳои мубрами соҳаи педагогикаро мавриди тадқиқу таҳлил қарор доданд. Онҳо муалифони монография, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, мақолаҳои илмӣ-методӣ буда, дар тайёр намудани мутахассисони илмӣ-педагогӣ саҳмгузоранд.

Бо қатъномаи СММ аз 20-уми ноябри соли 2015, 11 феврал ҳамчун «Рӯзи байналмиллалии занон ва духтарон дар соҳаи илм» эълон шудааст, ки ҳадафи асосии он ба даст овардани дастрасии пурра ва баробарии бонувон дар соҳаи илм ва васеъ намудани имкониятҳои онҳо мебошад.

Ҳоло бонувони тоҷик аз рӯи шавқу ҳавас ва хоҳиши худ ба тиҷорат машғул мешавад, дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, тандурустӣ, маориф, фарҳанг, санъат, иқтисодиёт ва ғайраҳо саҳм мегузоранд. Дар вазифаҳои роҳбарӣ мавқеи зан низ намоён аст. Тибқи нишондодҳои оморӣ теъдоди занҳо дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ 52, 5%, тандурустӣ 58, 3%, фарҳанг, санъат маориф 49, 3%-ро ташкил менамояд, дар соли 2013-2014 дар ҷумҳурӣ теъдоди олимаҳо то 701 номзади илм ва 70 доктори илм расидааст.

АДАБИЁТ

1. Анализ ситуации высшего образования в Республике Таджикистан. – Душанбе: «Ирфон», 2006. – 138 с.
2. Женщина в Таджикской ССР. Краткий статический, сборник. - Сталинабад, 1960
3. Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2013-2014. – Душанбе, 2014. – 316 с.
4. Набиева Р. К вопросу научной разработки истории женской проблемы в Таджикистане //Социалистическое строительство в Таджикистане. – Душанбе: изд-во ТГУ, 1979.
5. Хоҷимуҳамедова Р. Инкишофи мактабҳои таҳсилоти умумии тоҷикӣ. (Развитиетаджикской общеобразовательной школы). – Душанбе: «Ирфон», 1972. – С. 70-71).

ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОБЛЕМ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКСКИХ ЖЕНЩИН

В течение многих веков вопрос женского образования считался закрытым. Ряд исследователей в своих научных работах придавали решению этого вопроса определенное внимание. Автор статьи рассматривает уровень разработанности вопроса в исследованиях таджикских ученых. В решени данного вопроса огромную роль играют нормативно-правовые акты; принятые в целях повышения роли и статуса женщин в обществе.

Ключевые слова:*образованность, женский вопрос, исследование образованности женщин, права женщин, президентская квота, нормативно-правовые акты, повышение роли и статуса женщин в обществе.*

RESEARCH OF THE PROBLEMS OF TAJIK WOMEN'S EDUCATION

The question of female education has been consideringas closed during many centuries. A number of researchers paid a special attention on the decision this question in their scientific works. The author of this article shows the level of development of this question in the research works of the Tajik scientists. The legal regulatory acts play an important role in the decision of this question adopted with the aim of promoting the role and status of women in society.

Keywords: *erudition, a women's issue, research of erudition of women, the rights of women, presidential quota, legal regulatory acts, promotion of role and status of women in society.*

Сведения об авторе:

Обидова Мунира Иброҳимовна, *декан факультет дошкольного образования Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, кандидант педагагических наук, дотцент, e-mail: munira6464@mail.ru*

About author:

Obidova Munira Ibrhimovna, *Doctoral Candidate in the Department of Preschool Education the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, e-mail: munira6464@mail.ru*

НАЗАРИЯИ ЗИГМУНД ФРЕЙД ОИД БА РУШДИ ШАХСИЯТ

Фараҷзода З. Б. , Маджидова Б. А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар ин мақола, зиндагӣ ва дидгоҳи Зигмуд Фрейд - падари илми равонтаҳлилгарӣ, баррасӣ шудааст. Дидгоҳи Фрейд дар заминаи шаклгирии шахсияти кӯдакон дар қолаби назарияи рушди шахсият роҳандозӣ карда шудааст. Ӯ андешаҳои худро дар чаҳорчӯбаи рушди шахсият дар марҳилаи даҳонӣ, мақъадӣ, олотӣ, пинҳонӣ ва таносулӣ баён намудааст. Ба ҳар як марҳила синну соли муайянро ба таври зайл мутаалиқ ҳисобидааст: аз рӯзи таваллуд то 18 моҳагӣ – даҳонӣ; аз 1 солу 5 моҳагӣ то 3 солагӣ – маъқадӣ; аз 3 то 6 солагӣ – олотӣ; аз 6 то 12 солагӣ – пинҳонӣ, ки анҷоми он таносулӣ ё худ балоғати ҷинсиро таъмин менамояд. Аҷзои шахсият «Айд, Эго ва Суперэго» ва «зеҳни ҳушёр, нимаҳушёр ва ноҳушёр» таъриф шудааст.

Зигмонд Шломо Фрейд ё Зигмунд Фрейд (6 майи 1856-вафоти 23 сентябри 1939) асабшинос ва равонтаҳлилгари австриягист, ки ҳамчун падари илми равонтаҳлилгарӣ шинохта мешавад. З. Фрейд дар хонаводаи яҳудӣ дар шаҳри Фрейбурк бахше аз кишвари Ҷумҳурии Чех таваллуд шудааст. Аввалин фарзанди хонавода аз ҳашт фарзанд буд [2].

Соли 1859 хонаводаи Фрейд шаҳри Фрейбергро тарк карданд. Бародарони нотании Зигмонд, ба шаҳри Мончестри Англия муҳоҷират карданд [10]. Соли 1865 Фрейди нуҳсола вориди дабиристон шуд, ӯ собит кард, ки донишомӯзи барҷаста аст ва бо ифтихор дар соли 1873 коллеҷи Мачуро хатм кард. Ӯ ошиқи адабиёт буд ва дар забонҳои олмонӣ, итолиёвӣ, фаронсавӣ, англисӣ, испониёӣ, яҳудӣ, лотинӣ ва юнонӣ тахассус дошт. Фрейд, осори Вилям Шекспирро дар тули умраш фақат бо забони англисӣ мехонд ва ба ақидаи баъзеҳо, дарки ӯ аз равоншиносӣ ба хондани намоишномаҳои Шекспир бармегардад [1]. Дар маҷмӯъ Фрейд аз Дастаевский, Ч. Дарвин, Гёте, Гегел, Кант, Ниче, Афлотуну Арасту, Шопенҳовер ва Софокл илҳом гирифтааст.

Фрейд дар сини 17 солагӣ вориди донишгоҳи Вена шуд. Ӯ мехост ҳуқуқ бихонад, аммо ба донишкадаи пизишкӣ пайваст - ҷойе, ки мутолеоти фалсафиашро зери назари Франтс Бернтано ва Эрнист Брук ва ҷонваршиносиро зери назари устоди равияи дорвинистӣ Карл Нобел гузаронд[6]. Вай бо дараҷаи докторӣ дар соли 1881 донишгоҳро хатм кард ва сипас дар заминаи ихтилолоти мағзӣ, гуфтордармонӣ ва тадқиқи мағзи сар бо ёрии микроскоп дар бемористони умумии Вена ба таҳқиқ пардохт. Ӯ ба унвони устоди донишгоҳ дар риштаи невропотологӣ дар соли 1885 мансуб шуд ва соли 1902 ба унвони профессорӣ расид.

Аз соли 1882 Фрейд кори пизишкии худро дар дармонгоҳи равонпизишкии Теодор Майнерт дар бемористони умумии Вена шурӯъ кард ва соли 1886 аз кор дар бемористон истеъфо дод ва ба таври хусусӣ дар риштаи ихтилолоти асабӣ тахассус гирифт. Дар ҳамон сол низ бо Марта Бернайз дар Гамбург издивоҷ кард. Онҳо дорои шаш фарзанд шуданд, ки Анна Фрейд идомадиҳандаи шеваи равонковии падараш буд [5]. Фрейд бо шиддат устоди фалсафаи худро таҳсин мекард. Бернтано, ки соҳиби назарияи идрок ва дарунниғарӣ ва ҳамчунин аз назарияпардозони асли дар мафҳумҳои ноҳушёр ва ҳамдилӣ буд [9] дар китобаш, ки соли 1874 ба номи «Равоншиносӣ аз дидгоҳи таҷрибавӣ» нашр шуд, имкони вуҷуди ноҳушёрро мавриди баҳс қарор дод. Агарчи Бернтано вуҷуди ноҳушёрро рад кардааст, аммо баҳсҳое, ки ӯ матраҳ кард ба Фрейд дар бораи назарияи зеҳни ноҳушёр кӯмак кард [7]. Фрейд аз навиштаҳои Ч. Дарвин ва Эдвард Фон Ҳортман (Фалсафаи нохудогоҳ) дар эҷоди назарияи зеҳни ноҳушёри худ истифода кард [8].

Моҳи октябри соли 1885 Фрейд ба шаҳри Париж рафт то дар кунгураи омӯзишии Ҷон Мартин Шаркурт – неврологисти машҳур, ки дар мавриди хоб ва гипнозетика таҳқиқ мекард, ширкат кунад. Ӯ баъдан аз ин таҷриба ба унвони катализатор барои ҳидоят кардани вай ба самти илми осебшиносии равонӣ ва кори бо даромад ва бозори кори камтар дар таҳқиқоти асабшиносӣ ёд мекунад [4]. Шаркут – мутахассиси мутолиоти хоб ва гипнотизм ва истеъдодёбии афрод барои гипноз шудан буд, ки онро ба Фрейд омӯхт. Фрейд дар ҷаласоти хусусиаш соли 1886 дар клиники худ шурӯъ бо истифода аз гипноз дар дармони беморон кард.

Соли 1909 Фрейд ба конфронс дар Амрико даъват шуд. Сафари вай ба ИМА нақши муҳиме дар густариши нуфузи ӯ дар амрикои Шимолӣ ифо кард. Дар конфронси донишгоҳи Келорк, вай бо Геранойл Истанли Ҳол, раиси донишгоҳи Келорк ва раиси Анҷумани равоншиносии Амрико, Карл Густав Юнг, Абраам Брейл, Ирнест Ҷонз ва Сандур Френзи дидор намуд. Дар замони боздид аз донишгоҳи Келорк, Юнг пайравии аслии Фрейд буд, аммо андаке пас аз ин мулоқот, аз Фрейд ҷудо шуд ва назарияи равонпуишии (таҳлили рушди равонӣ аз таваллуд то бузургсолӣ) худро бунёд намуд. Аммо Брейл, Ҷонз ва Френзи аз тарафдорони вафодори Фрейд боқӣ монданд.

Моҳи феврали соли 1923 Фрейд ба саратони лейколия – як навъ саратони хушхими даҳон, бар асари истеъмоли зиёди сигори барг – мубтало шуд. Вай тавассути як мутахассиси гуш-ҳалқ-бинӣ, Маркос Ҳоик, ки салоҳияташ қаблан тавассути Фрейд

мавриди шак қарор гирифта буд, таҳти дармон қарор гирифт. Ҳоик амали ҷарроҳии ғайризаруриро хориҷ аз дармонгоҳ, дар бахши таъҷилии дармонгоҳи худ рӯи Фрейд анҷом дод, ки Фрейд қаблу баъд аз амал дорои хунрезии шадиде буд ва бо сахти аз марг наҷот ёфт. Ҷарроҳиҳои баъди низ мутаасифона бемории вайро шиддат дод. Нимаи моҳи сентябри соли 1939 саратони сақфи даҳони Фрейд боиси афзоиши дардиӯ шуд ва ба ӯ эълон карданд, ки дигар қобили ҷарроҳӣ нест. Вақте пизишкони вай бо кули аз дармонаш ноумед шуданд, Фрейд бо духтараш Анна суҳбат кард ва аз ӯ хост, ки агар фикр мекунад кори дурустест ба зиндагии ӯ хотима диҳад. Анна Фрейд мехост, ки марги падарашро ба ақиб андозад, аммо пизишки Фрейд «Шур» Аннаро мутақоид кард, ки зинда нигоҳ доштани Фрейд бефоида аст ва ӯ фақат дард мекашад. Билохира дар таърихҳои 21-22 сентябр тазриқи меъёри муайян аз морфин боиси марги Фрейд дар 23 сентябри соли 1939 шуд [5].

Аз Фрейд китобҳои зиёде боқӣ мондааст: Тотем ва тобу, Тамадун ва маломатҳои он, Автобиография, Баррасии рафторҳои ҷинсӣ, Тафсири рӯё, Осебшиносии зиндагии рӯзмарра, Усули равонковии болинӣ, Муҳимтарин гузоришҳои омӯзишии таърихи равонковӣ, Мусо ва яктопарастӣ ва Маҷмӯи мақолоти вай, ки дар ин миён метавон «Тафсири рӯё»-ро бартарин ва таъсиргузортарин асари вай бар пайравон ва равоншиносони оянда ҳисобид [11, 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23].

Истилоҳоти дастрас (истифодашаванда) дар назарияи Фрейд

Аз роиҷтарин истилоҳоте, ки Фрейд дар қолиби дидгоҳи равонковӣ ба дониши равоншиносӣ тақдим кардааст, иборатанд аз сохтори шахсият таҳти ановини «Айд, Эго ва Суперэго» ва низ «зеҳни ҳушёр, нимаҳушёр ва ноҳушёр», ки ин ду иртиботи наздике бо якдигар доранд.

Айд, Эго, Суперэго

Фрейд соли 1923 модели сохтории дастгоҳи равониро бо се омили гуногун муаррифӣ намуд. Аз нуқтаи назари сохторӣ дастгоҳи равонӣ ба се қисм тақсим мешавад: Айд, Эго ва Суперэго, ки ҳар кадом аъмоли мутафовите доранд.

Айд, (ID) ё ниҳод – Айд, маҳали ангезаҳои ғаризӣ аст ва таҳти султаи фароянди аввалия (primaryprocess) аст. Бинобар ин бар асоси асли лаззат ва бидуни таваҷҷуҳ ба воқеият амал мекунад. Фрейд ниҳодро як манбаи энергии комилан бесозмони ибтидоӣ фарз мекард, ки аз ғароиз ношеҳ шуда ва таҳти султаи фароянди аввалия аст. Ба ақидаи ӯ, кӯдак дар замони таваллуд фақат дорои ниҳод аст, ки бо ангезаҳои ғаризӣ, мудом дар талош барои қонеъ гардонидани талабот аст. Навзод тавоноии контрол ё таъдил (мутаодил кардан) ин ангезаҳоро надорад ва дар созгори бо муҳити хориҷ комилан ба афроди дигаре муттакӣ аст [12, с. 71].

Эго (EGO) худ ё ман – Эго намояндаи созмони мантиқитар аст, ки кори он канорагирӣ аз дард ва нороҳатист ва барои мутобиқат бо ниёзҳои ҷаҳони хориҷ, тахлияи ангезаҳои ғаризиро таъдил ё маҳор мекунад. Бар асоси робитаи байни эҳсосу идроку кори азулонӣ, касе ки дар марҳилаи Эго қарор дорад, дорои ҳаракати иродӣ ва мустақил аст, Эго вазифаи ҳифозат аз ман дар баробари ҳаводиси беруниро бар уҳда дорад. Фаъолияти Эго бо таваҷҷуҳ ба стресси ношеъ аз таҳрикот таъдил мешавад. Хоҳ ин стерссҳо дарунӣ бошанд, хоҳ аз хориҷ ворид шаванд. Фрейд рӯи нақши ғаризаҳо дар рушди Эго таъкид мекунад. Бахусус бар нақши таъорӯз (таззодҳо). Дар ибтидо таъорӯз байни Айд ва дунёи хориҷ аст. Баъдҳо ин таъорӯз байни Айд ва худи Эго зоҳир мешавад (навзодон дар ибтидо қодир ба ҷудосозии ҷисми худ аз дунёи хориҷ нестанд. Рушди Эго замоне шурӯъ мешавад, ки кӯдак ба муҷаззо будани ҷисми худ аз дунёи хориҷ воқиф мешавад) [12, с. 72].

Суперэго, (SUPEREGO) фарохурд ё мани бартар – намудори даруние арзишҳои дерин ва камоли матлуби иҷтимоист, он чунон ки волидон ва мурабиён онҳоро ба кӯдак шиносонда ва ё системаи кайф ва подоши зеҳнии ӯ кардаанд. Мани бартар шамшери ахлоқии шахсият аст ва дуруст дар муқобили ниҳод қарор дорад [12, с. 73].

Ҳосил ин ки мани бартар ба сӯи камол мегирояд на ба сӯи лаззат ва хушӣ, таваҷҷуҳаш маътуф ба ташхиси дуруст аз нодуруст ва мутобиқати амал бо усул ва мавозини ахлоқӣ, ки дар иҷтимоъ мавриди қабул ҳастанд ва низ водоштани шахс ба ин

ки рафтори худро бо он мавзини усул мутобиқ кунад, то он ҷое, ки ҳар гоҳ мутаваҷҷеҳи амали хайр шавад ва ба он амал намояд, ғурур ва ризоятмандӣ ва лаззати маънавӣ ба вай даст диҳад ва ҳар гоҳ ба сӯи бадӣ гирояд ё бо он амал кунад, худро хору хафиф эҳсос намояд ва гунаҳкору мустаҳаққи сарзанишу маломат бидонад. Мани бартар ҳам бо ниҳод мухолифат мекунад ва ҳам бо ман, зеро кори ӯ, яке ҷулугири аз амали шудани бисёре аз хоҳишҳои ниҳод, бахусус хоҳишҳое, ки ҷанбаи ҷинсӣ ва пархошгарӣ доранд ва дигарӣ қонеъ сохтани ман аст, нисбат ба ин ки мақсудҳо ва ҳадафҳои ахлоқиро ҷойгузини ангезаҳо ва ҳадафҳои воқеи кунад ва дигар таваҷҷуҳ додани шахс аст ба сӯи камол ва сайъ дар расидан бар он [12, с. 76].

Зеҳни ҳушёр, нимаҳушёр ва ноҳушёр

Зеҳни ҳушёр (бошуурона) – он даста аз унсурҳои зеҳнии мавҷуд дар огоҳӣ дар ҳар лаҳза аз замон аст. Ҳушёрӣ танҳо сатҳи дунёи равонист, ки мустақиман дар дастраси мо қарор дорад. Ҳушёри нақши камаҳамияте дар назарияи Фрейд дорад ва муҳтавои он монанди нимаҳушёрӣ аз ду манбаъ ҳосил мешавад.

1. Идроки ҳушёр: онҷиро ки мо дарк мекунем, барои муддати кутоҳи ҳушёр аст ва замоне, ки таваҷҷуҳи худро ба мавзӯи дигаре мутамарказ мекунем, он чиз фавран ба нимаҳушёр мунтақил мешавад [13: 46].
2. Тасаввуроти тағйири шакл ёфтае, ки ба нимаҳушёр роҳ ёфта буданд, бори дигар бо тағйири шакл ва дигаргунӣ аз дасти сансорчии дуввум, ки масъули иттилооти вуруди ба ҳушёр аст, фирор мекунанд ва ба ашколу ановини мухталиф вориди ҳушёрӣ мешаванд [13: 44].

Зеҳни нимаҳушёр (зершуур) – шомили унсурҳоест, ки ҳушёр нестанд, вале бо роҳатӣ ба сатҳи ҳушёрӣ ворид мешаванд. Муҳтавои нимаҳушёр аз ду манба ҳосил мешавад:

1. Идроки ҳушёр.
2. Тасаввуроти нимаҳушёр – ноҳушёр: бар мегардем ба суроғи тасаввурот ва хотироти талхи гузашта, ки ба ноҳушёр пас зада шуда буданд. Инҳо бо пинҳон кардани худашон дар паси унсурҳои безарар ва фирор кардан аз чанги сонсурчии аввалия аз ноҳушёр ба нимаҳушёр мегурезанд ва модоме, ки бештар аз ин тағйири шакл надиҳанд тавоноӣвуруд ба сатҳи ҳушёрро надоранд [13: 43].

Зеҳни ноҳушёр (бешуурона) – дар бар гирандаи тамоми рағбатҳо, хоҳишҳо ва ғаризаҳоест, ки хориҷ аз огоҳии мо ҳастанд. Вай мутақид буд, ки бисёре аз аъмол ва эҳсосоти мо дар асари ҳамин ғаризаҳои махфӣ ҳидоят мешаванд. Аммо кадом даста аз иттилоот дар ноҳушёрии фард захира мешавад? Хотироти талхи кӯдакӣ, тасаввуроти таҳдидомез ва изтиробовар, стрессҳои равонранҷур, укдаҳо ва тарсҳо ба ноҳушёрӣ сарозер мешаванд. Ин фароянд тавассути як механизми худкорбо номи «саркуб» сурат мегирад. Саркуб, яъне рондани таҷрибаҳои ноҳушоянду изтиробовар ба ноҳушёр бо унвони дифои дар баробари азоби он изтироб [12, с. 471].

Албатта, ноҳушёр ба маънои нофаъол ва хомӯш нест. Ғароизи мавҷуди дар ноҳушёр мураттабан сайл мекунанд, ки ҳушёр шаванд ва хеле аз онҳо муваффақ мешаванд, вале бо сурати аслии худ намоён намешаванд [15, с. 70].

Аз ҷумлаи мавридҳое, ки Фрейд барои дастёбӣ ба ноҳушёри фарз зикр кард рӯё буд. Аз сӯи дигар вай робитаи мустақиме миёни шухиҳои инсон ва замири ноҳушёраш тарсим кард. Дар воқеъ шухи метавонад намудоре аз тарсу ҳароси фард бошад, ки сайъ мекунад бо дигаргуни дар муҳтавои изтироб, онро ба наҳве коҳиш диҳад. Дар воқеъ шухи яке аз механизмҳои дифоии даҳгонаи Фрейд аст, ки дар бораи он гуфтугӯ хоҳем кард.

Ба назари Фрейд рушда ва таҳавули шахсият ва ташкили Айд, Эго ва СуперЭгова механизмҳои дифоӣ ба сайри рушди равонӣ-ҷинсии 5 соли нахусти зиндагӣ бастагӣ дорад. Марҳилаҳои даҳонӣ, мақъадӣ ва олатӣ қабл аз 5 -6 солагӣ сипарӣ мешаванд. Сипас як давраи нисбатан ором барои 6 солаҳо шурӯъ мешавад (давраи нуҳуфтагӣ) он гоҳ дар давраи навҷавонӣ марҳилаи таносулӣ оғоз мешавад, ки шурӯи он ҳангоми булуғ аст. Назарияи Фрейд бар ангезаҳои зистшинохтӣ ва асли лаззат бино шудааст. Дар натиҷа дар ҳар яке аз давраҳои рушд бахши хосе аз бадан маншаи лаззат мешавад. Ба назари Фрейд тифлон, дар оғоз даар бахшҳои мухталифи бадани худ як таҳрики ҷинсии умумиро таҷриба мекунанд ва сипас ин эҳсос бар нуқтаи таносули мутамарказ мешавад.

Марҳилаи даҳонӣ (oralstage) – аз рӯзи таваллуд то 18 моҳагӣ

Аввалин марҳилаи рушди равонӣ-ҷинсии шахсият аз таваллуд то 2 солагӣ идома дорад [12, с. 71]. Дар тули аввалин соли зиндагии кӯдак, даҳон муҳимтарин манбаи коҳиши стресс (масалан хурдан) ва эҳсосоти лаззатбахш (масалан макидан) аст. Дар ин марҳилаи зиндагӣҳолоти равонии хосе мисли вобастагӣ ва ба даҳон бурдани ҳама чиз аз вижжагиҳои муҳими кӯдак аст. Кӯдак аз назари равонӣ хом аст ва дигарон аз ӯ бояд муроқибат кунанд. Аввалин тамосҳои ӯ бо ҷаҳони хориҷ аз тариқи гирифтан ва ба даҳон бурдани ашё ва берунрехтани онҳост [13, с. 43]. Тавоноии эътимод ва итикоби (вобастагӣ) дигарон аз хусусиёти шахсиятии ин марҳила аст [14, с. 286].

Дар тӯли ин марҳила ду шеваи рафтор кардан вуҷуд дорад: рафтори ҷазби даҳонӣ (oral incorporative behavior) (хурдан ва фуру бурдан)ва рафтори пархошгарии даҳонӣ ё озоргарии даҳонӣ (oral aggressive or oral sadistic behavior) (газидан ва туф кардан).

Шеваи ҷазби даҳонӣ, ибтидо рух медиҳад ва шомили таҳрики лаззатбахши даҳон тавассути дигарон ва тавассути ғизост. Калонсолоне, ки дар марҳилаи ҷазби даҳонӣ боқӣ мондаанд, беш аз андоза ба фаъолиятҳои даҳонӣ мисли хурдан, нӯшидан, сигор кашидан ва бӯсидан алоқа доранд. Агар онҳо ҳангоми тифлӣ беш аз ҳад таъмини ниёз шуда бошанд, шахсияти даҳонии калонсоли онҳо ба хушбинӣ ва вобастагии ғайриоддӣ майл дорад. Чун дар кӯдакӣ дар мавриди посух ба ниёзи онҳо зиёдравӣ шудааст, ҳамчунон барои таъмини ниёзҳояшон ба дигарон вобаста мемонанд. Дар натиҷа онҳо беш аз андоза соддалавҳанд, ҳар чизеро, ки ба онҳо гуфта мешавад, пурра мепазиранд ва ба таври ғайри мақбул ба дигарон эътимод мекунанд. Ба ин гуна афрод бар часпи «типпи шахсиятии даҳонӣ-пазиро» зада мешавад.

Дувумин рафтори даҳонӣ, яъне пархошгарӣ ё озоргарии даҳонӣ дар тули муддати пайдоиш дарднок ва азобоварии дандонҳо рух медиҳад. Дар натиҷаи ин таҷриба кӯдакон модарро илова бар ишқ бо нафрат менигаранд. Ашхосе, ки дар ин сатҳ мемонанд мустаъиди бадбинӣ, хусумат ва пархошгарии беш аз андоза ҳастанд. Онҳо эҳтимолан аҳли чидол ва киноязадан ҳастанд, ҳарфҳои нешдор мезананд ва нисбат ба дигарон хушунат нишон медиҳанд. Онҳо нисбат ба дигарон ҳасуданд ва дар талош барои тасаллут бар дигарон мекушанд. Марҳилаи даҳонӣ ҳангоми аз шир гирифтан хотима меёбад. Албатта, агар боқӣ бимонад миқдоре аз либидо (энергияи равонӣ-ҷинсӣ) дар ин марҳила боқӣ хоҳад монд ва кӯдак пас аз он тамаркузаш ба марҳилаи баъдӣ ҷобаҷо мешавад[14, с. 288].

Марҳилаи мақъадӣ (analstage) – аз 1, 5 солагӣ то 3 солагӣ

Ҳамзамон бо аз шир гирифтани кӯдак, либидо аз ноҳияи даҳон ба ноҳияи мақъад мунтақил мешавад. Бинобар ин эҳсоси лаззат дар кӯдак ибтидо аз холӣ кардани мадфу (ахлот) ва сипас аз нигоҳдории он ҳосил мешавад. Ин ба он маъно нест, ки бигуем кӯдак дар тули марҳилаи даҳонӣ чунин лаззатеро эҳсос намекунад. Бо ин вуҷуд дар тули солҳои дуввум ва саввуми зиндагӣ, лаззати мақъадӣ нақши ғолибро дорад [13, с44]. Ҳудуди 18 моҳагӣ, ҳангоме, ки дархости наве аз кӯдак мешавад, яъне омӯзиши ба ҳоҷатхона рафтан, ин мавқеият ба таври чашмгир тағйир мекунад. Фрейд мутақид буд, ки таҷрибаи омӯзиши рафтан ба ҳоҷатхона дар тули марҳилаи мақъадӣ таъсири муҳиме дар рушди шахсият дорад. Амали дафъ барои кӯдак тавлиди лаззати шаҳвонӣ мекунад, аммо бо шурӯи омӯзиши ба ҳоҷатхона рафтан, кӯдак бояд омӯзад, ки ин лаззатро ба ақиб андозад, агар омӯзиши рафтан ба қазои ҳоҷат хуб пеш наравад, масалан агар кӯдак дар ёдгирии он мушкилӣ дошта бошад, ё волидайн беш аз андоза тавақуъ дошта бошанд кӯдак ба яке аз ин ду шева вокуниш нишон медиҳад. Як шева ин аст, ки дар замону маконе, ки волидайн таъид намекунанд амали дафъ анҷом диҳад ва ба ин тариқ талошҳои волидайнро барои низофати шахсии кӯдак бо шикаст рубарӯ кунад. Агар кӯдак ин шеваро барои коҳиш додани нокомӣ ризоятбахш бидонад ва аз он зиёд истифода кунад, мумкин аст шахсияти пархошгари мақъади (analaggressivepersonality)-ро парвариш диҳад. Ба назари Фрейд ин мабнои бисёре аз шаклҳои рафторҳои хасмона ва озоргарона дар зиндагии калонсолон аст, ки аз ҷумлаи онҳо бераҳмӣ, вайронгарӣ ва ҷагу ҷидол ҳастанд. Чунин шахсе эҳтимолан ошубгар ва номуназам хоҳад буд ва дигаронро ба сурати ашёе медонанд, ки дар тасарруфи ӯ ҳастанд.

Дуввумин шева, пешгирӣ ё нигаҳдоштани мадфу (пешоб ва ахлот) аст. Ин кор муҷиби эҳсоси лиззати шаҳвонӣ мешавад (бо далели пур будани рудаи кӯчак) ва метавонад шеваи муваффақиятомезе барои дасткории волидайн бошад. Агар рудаи кӯдак чанд рӯз кор накунад, мумкин аст волидайн нигарон шаванд. Бинобар ин кӯдак равишиҷадиде барои ба даст овардани таваҷҷуҳ ба муҳаббати волидайн кашф мекунад. Ин рафтор асоси рушди шахсияти нигаҳдорандаи мақъадӣ (analretentivepersonality) аст. Чунин шахс, гапнодаро ва хасис аст ва васоилро андухта ё нигаҳдорӣ мекунад, бидуни он ки аз онҳо истифода кунад. Бо ибораи дигар ин гуна ашхос хушку муқаррароти, васвосӣ, муратабу ороста, сарсахт ва хеле бовиҷдон ҳастанд [12, с. 72]. Дар охир равишҳои ба кор рафта тавассути модар барои тарбияти иҷобати мизоҷ ва нигариши волидайн нисбат ба мавзуоте мисли дафъ, покизагӣ, назорат ва масъулиятпазирӣ, таъсире ба сазои рушди кӯдак дорад [12, с. 73].

Марҳилаи олатӣ (PhallicStage) – аз 3 то 6 солагӣ

Дар ҳудуди сини 4-5 солагӣ, либидо дар маҳдудаи дастгоҳи таносули мутамарказ мешавад. Дар ин син ағлаб дида мешавад, ки таваҷуҳи кӯдакон ба дастгоҳи таносулиашон ҷалб шуда ва бо дасткории он лаззат мебаранд ва дар заминаи масоиле мисли таваллуд ва масоили ҷинсӣ ва ин ки чаро писарҳо олати марди доранд ва духтарҳо надоранд, кунҷковӣ нишон медиҳанд.

Таорузи марҳилаи олатӣ охирин ва асоситарин таорузест, ки кӯдак бояд бо он мувоҷеҳ шавад ва бо муваффақият онро ҳал кунад. Ин таоруз ҳамон хости ноҳушёри кӯдак ба тамаллуқи волиди ноҳамҷинси худ ва дар айни ҳол дурӣ аз волиди ҳамҷинси худ аст. Фрейд ин вазъиятро нокомиҳои Эдип (OedipusComplex) номида аст [13, с. 46]. Номи ин уқда аз афсонаи юнонӣ гирифта шудааст, ки дар намоиши Эдипус (OedipusRex) навиштаи Софоколс (Sophocles) дар қарни V-и қабл аз милод тарсим шудааст. Дар ин достон Эдипи ҷавон падарашро мекушад ва бо модараш издивоҷ мекунад. Бидуни он ки дар он замон бидонад онҳо чи касоне ҳастанд. Дар нокомиҳои Эдип, модар ҳадафи ишқии писари ҷавон мешавад. Писар аз тариқи хиёлпардозӣ ва рафтори ошкор хостаҳои ҷинсии худро ба модар нишон медиҳад, вале писар дар сари роҳи худ бо монеа рӯбарӯ мешавад, падар, ӯро ба сурати як рақиб ва таҳдид мебинад, дар натиҷа писар нисбат ба падараш ҳасуд ва хушунатгаро мешавад. Фрейд нокомиҳои Эдипро аз таҷрибаҳои кӯдакиаш тадвин карда ва навишт: «ман дар мавриди худам низ мутаваҷҷеҳи ишқ ба модар ва ҳасодат нисбат ба падар шудаам». Писар тарси худ аз падарро дар муносиботи таносулӣ таъбир мекунад ва аз ин метарсад, ки падараш андоми хилофкор, яъне олати вайро, ки манбаи лаззат ва тамоюлоти ҷинсии ӯст қатъ кунад. Аз ин рӯ дучори изтироби ахтагӣ (CastrionAnxiety) мешавад.

Тарси писар аз ахтагӣ чунон нерӯманд аст, ки ӯ маҷбур мешавад майли ҷинсии худ ба модарашро саркуб кунад. Ба назари Фрейд ин шеваи барои ҳал кардани уқдаи Эдип аст. Писар муҳаббати пазируфтанӣ ва тарсро ҷойгузини майли ҷинсӣ ба модар мекунад ва ҳаммонандсозии нерӯмандеро бо падараш эҷод менамояд. Вай барои беҳтар кардани ҳаммонандсозӣ, мекӯшад бо тақлид кардан аз рафтори қалбакӣ, нигаришҳо ва меъёрҳои фарохуди падар, бештар шабеҳи ӯ шавад.

Назари Фрейд дар бораи таорузи олатии заноне, ки бархе аз тарафдорони ӯ онро уқдаи электро (ElestraComplex) хондаанд аз вузуҳи камтаре бархурдор аст. Ҳаммонанди писар, аввалин ҳадафи ишқии духтар, модар аст, зеро ӯ манбаи аслии ғизо, муҳаббат ва амнӣ дар тифлист. Фрейд навишт: «духтарҳо надоштани андоми ҷинсиро, ки барои писарон арзиши зиёде дорад, амиқан эҳсос мекунанд. Онҳо бо ин далел худро ҳақиртар медонанд ва ин рашк барои олати мардӣ, маншаи ҳамаи вокунишҳои занона аст». Бинобар ин духтар рашки олати мардӣ (PtnisEnvy) нуқтаи муқобили изтироби ахтагии писарро парвариш медиҳад. Духтар муътақид аст, ки олати мардиашро аз даст додаст ва писар метарсад, ки онро аз даст бидиҳад. Саранҷом духтар бо модараш ҳамонандсозӣ мекунад ва ишқи худ ба падарашро саркуб мекунад, вале ин, ки чи гуна ин иттифоқ руй медиҳад Фрейд онро мушаххас насохт.

Шаклгирии шахсияти ҳолати дар назарияи Фрейд дар ҳамин марҳила сурат мегирад. Таъорузҳои олатӣ ва дараҷаи ҳал шудани онҳо дар таъини вокунишҳои фарди

калонсол ба ҷинси мухолиф ва нигаришҳои ӯ нисбат ба ин ҷинс аҳамияти зиёде дорад. Фрейд шахсияти олатии мардонаро, бепарво, мағрур ва мутакиби нафс тавсиф кард. Мардоне, ки чунин шахсият доранд, мекушанд мардонагии худро аз тариқи фаъолиятҳое, ки бартарии ҷинсии мукаррари инҳоро ба исбот расонад нишон диҳанд. Шахсияти олатии занона, дар занонагии худ бузургнамоӣ мекунанд ва аз истеъдоду ҷаззобияти занонаи худ барои хурд кардани мардон ва чира шудан бар онҳо истифода мекунанд [12, с. 74].

Марҳилаи нуҳуфтагӣ ё пинҳон (LatencyPeriod) – аз 6 то 12 солагӣ

Марҳилаи оромиши нисбӣ ё адами фаъолияти ангезаҳои ҷинсӣ дар тӯли даврааст, ки аз инҳилоли уқдаи Эдип то балоғат тӯл мекашад. Ангезаҳои ҷинсӣ дар тули ин давра маъмулан тасаввур мешавад, ки дар ҳоли хомӯшист. Ин давра, дар дараҷаи аввал ҳам барои духтарҳо ва ҳам барои писарҳо марҳилаи вобастагӣ бо ҳамҷинсҳост [14, с. 288]. Ин давра барои таълим ва тарбияти кӯдак муносиб аст ва ӯ метавонад ба ёдгирии матолиб ва маҳоратҳои тоза аз қабили хондану навиштан ба омӯхтани одобу русуму ахлоқи иҷтимоӣ ноил шавад. Чунончи кӯдаки уқдаи Эдипро ба саломат пушти сар гузошта бошад ва бо волиди ҳамҷинси худ робитаи мусбате барқарор карда бошад, истеъдоди кофӣ барои рақобат бо дигарон касб карда ва қодир хоҳад буд, бо пирузию шикаст ба шакли воқеъбинона рубару шавад [15, с. 70].

Марҳилаи ҷинсӣ ё таносулӣ (GenitalStage) – аз 12 солагӣ, ки он оғози балоғати ҷинсӣ аст

Охирин марҳилаи равонӣ-ҷинсии рушди шахсият, ҳангоми балоғати ҷинсӣ оғоз мешавад. Баъдан аз назари физиологӣ болиғ мешавад ва агар ҷомондагии муҳиме дар марҳилахои қаблии рушд иттифоқ наяфтода бошад, мумкин аст фард қодир ба ҳидояти зиндагии саҳеҳ бошад [12, с. 76].

Натиҷагирӣ

З. Фрейд зеҳнро ба ду қисмат ҳушёру ноҳушёр тақсим кард. Бахши ҳушёри зеҳн дарбаргирандаи тамоми афкор ва аъмолест, ки мо дар ҳоли ҳозир огоҳи дорем. Ноҳушёр шомили чизҳоест, ки аз огоҳии шахсии мо пинҳон аст. Бо бовари Фрейд ноҳушёр, ангезаҳои ибтидоӣ ва ғаризавии мо ва низ хотираҳо ва ҳаяҷонҳои изтирбовареро дарбар мегирад, ки аз нуфузи онҳо ба зеҳни ҳушёр ҷулугирӣ шудааст.

Ҳамчунин Фрейд бар асоси таҳаввули Айд, Эго ва Суперэго марҳилаҳои рушди равонӣ-ҷинсии шахсиятро аз марҳилаи даҳонӣ то марҳилаи таносулӣ тақсим намудааст. Яке аз аъмоли ҳаётии Эго, «воситагарӣ байни дунёи дарун ва воқеияти беруни» аст. Ин иртибот бо дунёи берунро метавон ба ҷанбаҳои монанди ҳисси воқеият, воқеиятсанҷӣ ва мутобиқат бо воқеият тақсим кард.

Мутобиқат бо воқеият ба тавонии истифода аз имкониятҳо барои ибрози посухҳои муассир ба шароити тағйирёбанда бар асоси таҷрибаҳои пешин гуфта мешавад. Касоне, ки Эгои рушдёфтае доранд, қодир ба барқарории таодул байни хостаҳои нафсонии худ бо шароити иҷтимоӣ ва ахлоқӣ буда ва дар ниҳоят ба ҳадди аксари рушди хеш даст меёбанд.

Барои расидан ба ин марҳила тавсия мешавад, ки дар мафҳуми зиндагии хеш ҷустуҷӯ кунем. Нигоҳи кӯтоҳе ба кӯдакии худ дошта ва хотироту кобусҳову руёҳоямонро таҳлил кунем, шояд беҳтар бошад руёҳоямонро ҷиддитар гирифта ва дар ин роҳ сайъ кунем забони истиора ва киноя зеҳнамонро кашф кунем, зеро ғолибан хобҳо бо мо содиқ нестанд ва дар қафои унвонҳои мухталиф ва номҳои ғайриҳақиқӣ бо мо ҳамкалом мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Lieberman, E. J. &Kramer, R. The Letters of Sigmund Freud and Otto Rank: Inside Psychoanalysis . Johns Hopkins University Press, 2012
2. Masson, J. M. The Complete Letters of Sigmund Freud to Wilhelm Fliess 1887–1904, Princeton Press. 1985.
3. Jung, K. G. The Sigmund Freud Letters. Princeton University Press. 1994.
4. Karnace. B. The Complete Correspondence of Sigmund Freud and Carl Abraham, 1907 - 1925, Karnac Books, 2002,
5. Belknap, P. The Complete Correspondence of Sigmund Freud and Ernest Jones, 1908–1939, Harward university Press, 1995, p. 12
6. Belknap, P. The Sigmund F. and Ludwig B. Open Gate Press, 2000,

7. Belknap, P. The Correspondence of Sigmund Freud and Sándor Ferenczi, Volume 1, 1908–1914, Harward university Press, 1995, p. 23
8. Belknap, P. The Correspondence of Sigmund Freud and Sándor Ferenczi, Volume 2, 1914–1919, Harward university Press, 1995, p. 75
9. Belknap, P. The Correspondence of Sigmund Freud and Sándor Ferenczi, Volume 3, 1920–1933, Harward university Press, 1995, p. 29
10. Belknap, P. The Letters of Sigmund Freud to Eduard Silberstein, 1871–1881, Harward university Press, 1995, p. 78
11. New York University, The Letters of Sigmund Freud and Arnold Teswaik, New York University Press, 1987, p. 24
12. ШултзДуанП. , ШултзСиднИ. Таърихиравоншиносиинавин. / ТарҷумаиАлиакбариСейфваҳамкорон. – Теҳрон: нашри «Даврон», 2004. Чопи 2. – саҳ. 70-73, 76, 471.
13. Шафиободӣ Абдулло, Носери Ғуломризо. Назарияҳои мушовира ва равондармонӣ. – Теҳрон: нашри «Донишгоҳӣ», 2007. Чопи 12.
14. Содук Бенёмин, Содук Верҷиниё. Хулосаи равонпизишкӣ. / Тарҷумаи Нусратуллои Пурафкорӣ. – Теҳрон: нашри «Шаҳроб», 2007. Чопи 3. Ҷилди 1. – саҳ. 286-288.
15. Карими Юсуф. Равоншиносии шахсият. – Теҳрон: нашри «Вироиш», 2015. Чопи 11. – саҳ. 70.
16. Фрейд Зигмонд. Мусо ва яктопарастӣ. / Тарҷумаи Ҳуро Раҳбарӣ. – Теҳрон: нашри «Фаҳанги сабо», 2008.
17. Фрейд Зигмонд. Равиши таъбири руё. / Тарҷумаи Маҳмуди Соатчӣ ва Муҳаммади Ҳиҷозӣ. – Теҳрон: нашри «Ҷомӣ», 2010.
18. Фрейд Зигмонд. Муҳимтарин гузоришҳои омӯзишии таърихи равонковӣ. / Тарҷумаи Саиди Шуҷоъ Шафтӣ. – Теҳрон: нашри «Қуқнус», 2012.
19. Фрейд Зигмонд. Усули равонковии болинӣ. / Саиди Шуҷоъ Шафтӣ. – Теҳрон: нашри «Қуқнус», 2011.
20. Фрейд Зигмонд. Осебшиносии равонии зиндагии рӯзмарра. / Тарҷумаи Муҳаммадҳусейни Виқор. – Теҳрон: нашри «Иттилоот», 2007.
21. Фрейд Зигмонд. Тотем ва Тобу. / Тарҷумаи Эраҷи Пурбоқир. – Теҳрон: нашри «Осиё», 2002.
22. Фрейд Зигмонд. Таъбири руё. / Тарҷумаи Маҳваши Қавиммӣ. – Теҳрон: нашри «Илм», 2001.
23. Фрейд Зигмонд. Бемориҳои равонӣ. / Тарҷумаи Эраҷи Пурбоқир. – Теҳрон: нашри «Осиё», 2004.

ТЕОРИЯ ЗИГМУНДА ФРЕЙДА О РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ

Статья повящена творичеству и взглядам основоположника теории психоанализа Зигмунда Фрейда. Он создал свою теорию на основе формирования личности ребенка и считал развитие личности проходит пять психосексуальных стадий: оральнуя, анальную, фаллическа, лабентную, генитальную-путертат (половое созревание).

В соответствии теории З. Фрейда структура личности состоит из Айд (оно), Эго (я) и Суперэго

Ключевые слова: *психоанализ, стадии развития, развитие личности, компоненты персонаж, разум.*

THEORY OF SIGMUND FREYD ON DEVELOPMENT OF AN INDIVIDUAL

This article is dedicated to the life and views of the founder of the theory of psychoanalysis, Sigmund Freud. He created his theory on the basis of the formation of the child's personality and considered the development of the personality to go through five psychosexual stages: oral, anal, phallic, labent, genitic-poutertat (puberty).

According to the theory of Z. Freud, the structure of the personality consists of the Aid (it), the Ego (I) and the Superego.

Keywords*: psychoanalysis, stages of development, development of personality, components of the character, the mind. .*

Сведения об авторах:

Маджидова Бибихафиза*, доктор педагогических наук, профессор, заведующая кафедрой дошкольного воспитания Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, e-mail: bibixafiza@mail.ru*

Фарачзода Зайнаб*, соискатель кафедры дошкольного воспитания.*

About authors:

Majidova Bibihafiza, *doctor of pedagogical sciences, professor, head of the department of preschool education the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, e-mail: bibixafiza@mail.ru*

Farajozoda Zainab, *the applicant of the department of pedagogy general university.*

ОСОБЕННОСТИ СОВРЕМЕННОЙ ДЕТСКОЙ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Асомидинов Ш. С.
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

На нынешнем историческом этапе, как никогда ранее, необходимо исследование общего литературного процесса и его, отдельных наиболее важных звеньев. Детская и юношеская таджикская литература составляет органическую часть нашей современной таджикской литературы. В современной таджикской литературе сложной и многообразной до сегодняшнего дня не решён ряд актуальных проблем; не определены некоторые эстетические концепции, с которыми тесно связаны детская литература и детское чтение. Особое значение имеет исследование литератур, их появления ипроцесса поэтапного развития ив этой связи изучение общетеоретических вопросов детской литературы и их специфических особенностей, становления и развития принципов реализма в национальных детских литературах. К тому же не только при решении этих задач, но и при изучении отдельных аспектов детской юношеской литературы необходимо рассматривать и проблему воплощения темы воспитания детей в национальных литературах, где в ряду многих актуальных эстетических проблем видное место отведено созданию образов юношеской детей, воспитанию личности. Алексеев Н. И. писал: «Новая революция вызвала к жизни новое историческое общество, совершила коренные изменения в политической и культурной, жизни многих народов, в том числе Республики Таджикистан и её окраин, способствовала поднятию уровня всех областей жизни многонационального народа» [1, с. 60].

В нашей стране проблема воспитания молодежи, естественно, стала первоочередной задачей. Возникла жизненная потребность в создании духовных средств воспитания нового поколения, способствующих его формированию в духе преданности идеям коммунизма. Как уникальное явление и средство создания новой личности в жизни таджикского народа родилась и детская литература, которая своим возникновением обязана новой революции, созданным ею новым историческим условиям, новому общественному строю. Трудно представить основные этапы развития информирования таджикской детской литературыизолированно от кипучей созидательной деятельности всего народа и от его борьбы за становлениеличности нового человека. Зарождение и процесс развитиятаджикской детской и юношеской литературы, становление и формирование новых характеровпроисходила именно вэтих условиях. Таджикская детская литература выросла и достигла нынешнего расцвета в обстановке взаимного влияния и обогащения братских литератур, и особенно за счет русской революционной детской литературы. Вработе, отдавая дань проблеме художественного воплощения детских образов, целесообразно отметить, что в борьбу народа за счастливую жизнь внес свою лепту и маленький герой. Впервые проблемы создания последней, основных её отличий от «взрослой» были выдвинуты революционными демократами Н. Г. Чернышевским, Н. А. Добролюбовым, Н. А. Писаревым, А. Н. Огаревым и др. Они отметили наличие литературы для детей одним из основных критериевобщественного прогресса. Главные их выводы изаключения об особенностях испецифике детской литературывполне применимы исейчас, и автор в своем исследования опирается на них. Из главных положений великих русских критиков, а также А. М. Горького, Н. К. Крупской и других теоретиков вытекают не только воспитательное образовательные задачи и характерные особенности детскойи юношеской литературы, но и выясняется, что эта литература, как искусство слова, обладаетсвоими суверенными правами изаконами отвечая требованиям современной педагогики, являясь острым оружиемборьбы на идеологическом фронте. В детской литературы мастерствописателя, его искусствокак бы оснащено педагогическими идеями. Именно детскому писателю как никому другому необходимо учитывать природу и характер детской читательской аудитории, особенности её духовного мира. Скучное, бесцветное повествование, схематичные, нежизненные образы не

смогут привлечь внимание детей ибо, как говорил Н. А. Добролюбов, «такая пища и невкусно и непитательно» [2, с. 14]. Утверждая реализм в детской литературе, революционеры демократы были сторонниками широкой проблематики детских книг. Они исследовали работы воспитания с общественных позиций является.

Одной из таких задач воспитание личности высокообразованных людей. В общесоюзном масштабе исследованием взглядов передовых русских писателей на роль детской июношеской литературы и определениемнаучно-педагогических итеоретических основ литературыдля детей занимался целый ряд ученых, вчьих трудах прослеживаются история возникновения ипути развития детской и юношеской литературы, определяются место ироль того или иного писателя. Несомненно, труды А. М. Горького, А. С. Макаренко о детскойлитературе, идетском чтении, и специфических особенностях сыграли важную роль в созданиих научно теоретических основ, на которые и опираются многиеучёные исследователи. Поскольку изучению таких трудов посвящен ряд работ, впредставленной работе вовсе не ставится цель подробно охарактеризовать эти произведения. Следует отметить, что с 50-годов современные литературоведы стали проявлять особый интерес к изучению отдельных проблем детской литературы. Первые шаги были сделаны вэтой области русскими учёными. Основываясь преимущественно на их трудах, мы считаем уместным дать оценкулишь некоторый из них. В1950 году издательством «Детская литература» в помощь писателям, преподавателям был выпущен в свет первый наиболееобъёмимый сборник «О детской таджикской литературе. В него вошли не только статьи обзорногохарактера, но и труды, посвящённые некоторым специальным (до той поры не разработанным) вопросам детской литературы. В них ещё не освещались вопросы поэзии, драматургии, научной фантастики, оформления и иллюстрирования детской литературы. Тем не менееэтот сборникпривлёк квопросам детской литературы внимание писателей, педагогов, а также литературоведов, способствуя расширению и углублению работы в этой области. Если общеизвестная популярная книга К. Чуковского, любимая взрослыми идетьми, учёными иработниками детской литературы, родителями ипедагогиками, «От двух до пяти» дала нам богатый материал пожанрово поэтическим особенностям детских произведений, то такие учебные пособия как «Детская литература» и «Русская детская литература», послужили первыми образцаминаучно- теоретических исследований истории зарождения и процесса формирования русской детской литературы. В нихкак возникновение, так и сложный процесс формирования, пути развития русской детской литературы рассматриваются с позиций современной детской литературы, её критериев. Именно здесь развитиеисследуется на фоне общего хода истории современной литературы, выявляются специфические черты детской литературы, истоки её зарождения, некоторые жанрово поэтические особенности, её связь склассическим русским наследием, устным народным творчеством и др. Другим важныи вопросом для современной таджикской детской литературы послушило исследование возраста детей, от которых определяется качество детской таджикской литературы. В современной литературе приятно такое возрастное деление читателей (а соответственно, и искусстводля маленьких детей); самые маленькие дошкольники; младшие школьники (ученики1-3 классов); школьники среднего возраста (ученики 4-6 классов) и старшеклассники (7-10-е классы). Творчество для маленьких детейдело серьёзное исложное. Динамичное развитие сюжета, яркие характеры художественной литературы, реалистически нарисованные образы героев всё это служит автору для выражения основной идеи произведения. При этом простота стиля и языка, столь необходимые для юного читателя, свидетельствуют, как сказал А. М. Горький, не «о низком уровне мастерства художника, а наоборот о его высоком писательском искусстве». Широта кругозора писателя, его желание пробудить в читателе нетолько интерес к чтению, но и романтическое устремление, имеют особое значение для современной литературы. С. Я. Маршак, развивая эту мысль, говорил: «Создание произведения для детей дело тонкое: детская книга нуждается в двойной проверке, её способен оценить не только ребёнок или подросток, но и требовательный, обладающий хорошим вкусом взрослый человек. Если

книга нравится только взрослым, значит направлена не по адресу. Если она имеет успех только у детей это отнюдь не гарантирует её идейное и художественное качество основных требований, и характерные особенност детской июношеской литературы»[3, с. 88].

Таким образом, детская литература является полноправным видом искусства, ограничиваться только лишь «обслуживанием» одной категории читателей довольно трудно. Общечеловеческое значение детской литературы вытекает из этого процесса и поэтому из её качественного своеобразия, а не только из специфических особенностей.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алексеев Н. И. Особенности развития истории Таджикистана. - М. : Наука, 1991. -254 с.
2. Добролюбов Н. А. Луч света в темном царстве . -М. : Наука, 2001. - 56 с.
3. Маршак С. Я. О детской русской литературы. - М. : Художественная литература. -1987. -165 с.
4. Николаев А. С. Детская русская литература. - М. : Детская литература, 1997. -243.

ОСОБЕННОСТИ СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ДЕТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В этой статье автор исследует содержание, структуры и характер таджикской детской литературы, а также рассматривает вапросы изучения таджикской детской литературы. Обосновывается, что сам феномен этого изучения и процесс сыграл значительную роль в формировании детского воспитания.

The present article is dedicated to the word composition as a productive type of word formation of computer terminology in Tajik and English languages. The author reviewed all terms from the point of view of structure and disclosed their similarities and differences in compared languages.

***Key words**: word, word composition, term, terminology, word formation, computer, languages, Tajik, English, structure, similarities, differences.*

Сведения об авторе:

***Асламов Х.,** аспирант кафедры языкознания и сопоставительной типологии ТГПУ им. С. Айни, e-mail: hikas@mail.ru*

About the author:

***Aslamov H.** Post graduate student in the Department of Linguistics andComparative Typology of TSPU named after S. Ayni, e-mail: hikas@mail.ru*

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ НАҲВИИ «АХЛОҚИ МУҲСИНӢ»-И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Хоҷаев Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи тамаддуни мардуми Аҷам осори панду ахлоқӣ хеле зиёд аст, аммо ҳар адибе онро бо тарзу тариқи дигар, бо маҳорату салиқаи хеш, услуби писандидаи худ баён кардааст. Аз ин ҷиҳат осори панду ахлоқии асри XV дар баробари умумият ҳар яке баъзе вижагиҳои луғавӣ, сарфию наҳвӣ ва услубии хос низ доранд.

“Ахлоқи Муҳсинӣ” асари панду ахлоқӣ буда, онро муаллиф солҳои 1495-1500 навиштааст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ ин асари худро ба писари Ҳусайни Боиқаро – Абдулмуҳсин Мирзо, бахшидааст. Мавзӯи асар, мазмуну муҳтавои он тозагӣ надорад, зеро то таълифи ин асар ва баъд аз он ҳам дар ин мавзӯъ ва бо ин тарзу услуб асарҳои зиёде навишта шудаанд. Аз муҳтавои асар, услуби нигориш маълум мешавад, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таълифи “Ахлоқи Муҳсинӣ” аз асарҳои панду ахлоқии гузашта ба мисли “Калила ва Димна”, “Бӯстон”-у “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ, “Насиҳат-ул-мулук”, “Кимиёи саодат”-иМуҳаммад Ғазолӣ, “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Абулҳасан Алӣ, “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус, “Маснавии Маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ ва осори насрии омиёна хуб истифода кардааст. Ғайр аз ин то таълифи “Ахлоқи Муҳсинӣ” чандин асарҳои ахлоқии дигар ба мисли “Ахлоқи Носирӣ”-и Насируддини Тӯсӣ (соли 1235), “Ахлоқи Ҷалолӣ”-и Ҷалолиддини Давонӣ (соли 1475), “Ахлоқ-ул-ашроф”-и Убайди Зоконӣ (солҳои 1339-40) навишта шуда буданд. Баъдтар дар пайравии “Ахлоқи Муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ “Дастур-ул-мулук”-и Хоҷа Самандари Тирмизӣ (асри XVII) пайдо мешавад.

Тавре ки таъкид шуд, мавзӯи “Ахлоқи Муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар адабиёти форсу тоҷик нав набошад ҳам, аз нигоҳи забону тарзи баён ҷолибу омӯзанда мебошад. “Ахлоқи Муҳсинӣ” намунаи беҳтарини забони адабии асри XV буда, бо услуби бисёр содаю фасеҳ ва дилкашу фаҳмо таълиф шудааст. Агар баъзе калимаю ибора ва ҷумлаҳои арабии онро ки ҷо-ҷо дида мешаванд, сарфи назар намоем, хонандаи имрӯза ҳам онро бе заҳмат фаҳмидаю ҳазм карда метавонад. Дар асар, асосан, лексикаи умумиистеъмол, таркибу ибораҳои оммафаҳм, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ба кор бурда шуда, ҷо-ҷо аз санъати саҷъ истифода шудааст, ки он асарро дилчасп гардондааст. Дар воқеъ, истифодаи санъати саҷъ фасоҳату салосати асарро таъмин намуда, ба услуби баёни нависанда ягон гаронӣ наовардааст.

Бояд таъкид кард, ки сохтори наҳвии “Ахлоқи Муҳсинӣ” хеле диққатҷалбкунанда буда, ба сохти наҳвиёти забони адабии меъёри имрӯза хеле наздик мебошад.

Дар ин асари панду ахлоқӣ аз ҳамаи воҳидҳои наҳвӣ: ибора, ҷумлаҳои сода, мураккаб, банди наҳвӣ ва матн хеле моҳирона ва бо лутфу фасоҳати малеҳ истифода шудааст. Масалан, дар асар ибораҳои изофӣ, ки яке аз қолабҳои мақбулу маҳбуби пуртаъсири баҷилваории сифату аломат, мансубияту мулкияти шайъҳо маҳсуб меёбад, хеле моҳирона истифода шудааст. Адиб кӯшиш кардааст, ки дар нақши ҷузъи тобеи ибораҳои изофӣ вожаеро биёрад, ки аз нигоҳи таносуби сухан қобили ҳамнишинӣ бо ҳиссаи асосии ибораҳо дошта бошаду бори маънии матлубро кашад.

Донишманди маъруф Шиблии Нуъмонӣ дар “Шеър-ул-Аҷам” мегӯяд: “Лафз бо манзалати ҷисм ва мазмун ё маънӣ рӯҳи он аст ва иртиботи ин ду бо ҳам иртиботи рӯҳ аст бо ҷисм, ки агар он нотавон шуд, ин низ нотавон хоҳад буд”(8, 38).

Воқеан, калима қолабе аст барои ифодаи маъно ва қолаб бенуқс бошад, маънӣ низ барҷаста ва боазамат мешавад.

Дар сохтани воҳидҳои наҳв интихоби калима хеле муҳим аст, зеро шояд калима аз нигоҳи қолаб ва маънӣ нуқсе надорад, аммо дар ҷойи муносиби худ наояд ва бо вожаи

муносибаш ҳамнишин нашавад, маънии баланди он хароб ва ибора ё ҷумла бо таъсири ин номутаносибӣ нуқс пайдо мекунад. Аз ин ҷост, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ, вақте ки калимаҳоро дар қолаби ибораи изофӣ меорад, таносуби маъноии онҳоро сахт ба эътибор мегирад. Масалан, ӯ калимаи “ҳаё”-ро, ки муродифи “шарм” аст, ҳам дар нақши ҷузъи асосӣ ва ҳам дар нақши ҷузъи тобеъ ба ин тартиб овардааст: сифати ҳаё, офтоби ҳаё, ақсоми ҳаё, васфи ҳаё; ҳаёи карам, ҳаёи адаб, аммо муродифи он – “шарм”-ро бо чунин вожаҳо дар қолаби изофӣ истифода кардааст: сифати шарм, шарми карам.

Тавре дида мешавад, ин ду вожаи муродиф аз нигоҳи маънӣ фарқе надоранд ва дар ҳама қолаби изофӣ метавонанд якдигарро иваз намоянд, аммо калимаи “ҳаё” нисбат ба “шарм” обуранги баланди эҳсосӣ дорад, чаро ки он ба услуби баланд хос аст ва муаллиф ба он ибораҳои изофии бештар сохтааст. Ибораҳои изофие, ки муаллиф сохтааст, аксар маҷозианд, ба мисли: тирборони ҳаводис, сипари сабр, хаданги умед, халифаи рӯзгор, кавкаби ҳашамат, домани ҳиммат, рикоби таваккал, пойи ҳайрат, дасти ҳасрат, таҳаммули машаққат, тозиёнаи уқубат, домани мақсуд ва ғайра.

Ибораҳои изофии маҷозӣ дар асар бо ду ният истифода шудаанд: якум, ибораҳои маҷозӣ барои пушида баён кардани матлаби нависанда ҳамчун воситаи созгору муҳим хизмат кардаанд; дигар ин, ки онҳо чун сачъ тарзи баёнро гуворо ва таъсири суханро боло бардоштаанд.

Дигар аз вижагиҳои услуби баёни нависанда дар истифодаи муйянкунандаҳои ғайриизофӣ мушоҳида шуд. Нависанда дар ҳолати ғайриизофӣ муайянкунандаҳои сифатиро бештар дар дараҷаи олӣ меорад ва ба ин восита сифати шайъро таъкид мекунад, чунончи: хубтарин фазилат, зиштарин разолат, аблаҳтарин мардумон, бузургтарин неъмат, хуштарин пероя, беҳтарин сармоя.

Ба ҳамин тариқ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ чун нависандаи соҳибзавқи тавоно ба ҳамнишинӣ ва мавқеи истеъмоли ҳар як калима дар ҳайти ҷумла эътибори ҷиддӣ дода, аз силсилавожаҳои муродифӣ ҳамонеро, интихоб менамояд, ки дар ҳамон мавқеи ҳамнишӣ бо вожаи дигар ҳам аз нигоҳи маънӣ, ҳамоҳангнокӣ ва ҳам дастурӣ дурусту саҳеҳ бошад.

Масалан, дар ҷумлаи зерин: Аммо саодати дунё он аст, ки мурғи дили халқро ба ҳукми карам сайд тавон кард (саҳ. 166) калимаи “саодат” нисбат ба муродифҳояш “хушбахтӣ”, “некбахтӣ” ва “бахтиёрӣ” дар ибораи изофии “саодати дунё” мувофиқтар аст ва ҳамчунин феъли таркибии “сайд кардан” нисбат ба “шикор кардан” муносибтар мебошад, зеро ки “сайд кардан” як навъ малоҳату салосат ва обуранги эҳсосии баланд дорад.

Сохтори “Ахлоқи Муҳсинӣ” мисли дигар асарҳои панду ахлоқии адибони класикиамон аз гуфторҳои гуногуне, ки ҳар кадом ба як ҷабҳаи ахлоқӣ иртибот дорад, ба ҳам омадааст. Чунончи: дар сабр, дар таваккал, дар ҳаёт, дар афт (порсоӣ), дар адаб, дар олиҳиммативӣ, дар азм, дар ҷидду ҷаҳд, дар субот ва истиқомот, дар адолат, дар авф, дар ҳилм, дар хулқу рафқ, дар шафқат ва марҳамат, дар хайрот ва мубаррадот (хубӣ, некӣ), дар саховату эҳсон, дар амонату диёнат, дар вафо ва аҳд, дар сидқ, дар анҷоҳи ҳоҷат, дар тааннӣ ва тааммул, дар машварат ва тадбир, дар ҳаҷму дурандешӣ, дар шуҷоат, дар ғайрат, дар сиёсат, дар таяқуз ва хибрат, дар фаросат, дар катмани асрор (пӯшонидани асрор), дар иғтиноми фурсат (ғанимат шуморидан) ва талаби некномӣ, дар риояти ҳуқуқ, дар суҳбати ахёр (одамони нек), дар дафъи ашрор (бадкор), дар тарбияти хадам ва ҳашам (ходим ва хизматгорон).


Сохтори наҳвии асар бештар ба ҳамин низоми баҳамоӣ ва шарҳу тавзеҳи масоили асар вобастагӣ дорад. Масалан, шурӯи ҳар як гуфтор аз калимаи асосии ҳамон матлаб ё тавассути ишораҷонишини “он”, ки ишора ба ҳамон вожаи асосӣ аст, оғоз мегардад. Чунончи, гуфтори “Дар сабр” чунин шурӯъ мешавад:

Сабр сифати бағоят мақбул аст. Таърифи сабр ҳамин аст, ки мазмуни он дар ахбор омадааст...

Сабр беҳтар мардро аз ҳар чи ҳаст,
То биёбад бар муроди хеш даст.

Пас аз ин дар сифати сабр ботафсил сухан ронда, аз ҷумлаҳои сертаркиби мураккаби тобеъ истифода кардааст. Чунончи: Ҳар ки дар тирбони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасад, зеро ки сабр мифтоҳи (калиди) кор аст ва дари хонаи роҳаш ҷуз бад-ин калид накушояд (саҳ. 127-128).


Ҷумлаи фавқдар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб буда, аз сарҷумла ва як ҷумлаи пайрави мубтадо ва ду ҷумлаи пайрави сабаб иборат мебошад. Агар ин ҷумларо ба сурати нақша тасвир кунем, чунин аст:



Баробари вусъати фикру андеша барои тафсилу шарҳи ҳар чи бештари сифати “сабр” нависанда аз қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷаю чида истифода кардааст, ки дар натиҷа теъдоди ҷумлаи пайрав ба ҳафт расидааст. Мисол: Дар калимоти мулуки Туркистон овардаанд, ки Афросиёб мардуми худро гуфт, ки ба ҳайсияти шафқати эшон фирефта машавед ва лофе, ки заданду даъвое, ки кунанд, мағрур магардед, то вақте ки эшонро биозмоед ва сабру пойдорие, ки агар маҳаки сабр тамоми айёрандешонро бар мардонагӣ эътибор кунед (саҳ. 128).

Дар ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби фавқяк сарҷумла буда, ба он як ҷумлаи пайрави пуркунанда тобеъ гардида дараҷаи якум аст, ба ин ҷумлаи пайрави дараҷаи аввал, ки нақши сарҷумларо адо менамояд, ду ҷумлаи пайрави пуркунандаи чида тобеъ шуда, дараҷаи дуюмро ташкил додаанд ва яке аз ҷумлаҳои пайрави дараҷаи дуюм ду ҷумлаи пайрави муайянкунандаи ғайричида ва як ҷумлаи пайрави замон дараҷаи сеюмро ба миён овардаанд ва ҷумлаи пайрави муайянкунандаи охир ба яке аз ҷумлаҳои дараҷаи сеюм, яъне ҷумлаи пайрави замон, тобеъ шудааст.

Нақшаи ин ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб чунин аст:




Чунон ки пештар таъкид кардем, ҳар гуфтор бо калимаи асосии гуфтор ё ишора ба ҳамон калимаи асосӣ шурӯъ мешавад. Чунончи: Гуфтори “Дар ҳаё” чунин шурӯъ шудааст: Он (ҳаё Д. Х.) хислати шариф ва сирати мақбул аст. Ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтаанд. Ҳаё аз шароити низоми олам аст.

Тавре ки мебинем, ҳар гуфтор нахуст барои таърифи мафҳуми мавриди назар бо ҷумлаи сода шурӯъ шуда, минбаъд бо ҷумлаҳои мураккаб, маъмулан, ҷумлаи мураккаби

тобеъ идома дода мешавад. Масалан, дар ҳамин гуфтори “Дар ҳаё” пас аз се ҷумлаи содаи аввал чунин ҷумлаи мураккаби тобеъ омадааст: Агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеҷ касро ба касе шарм набошад, низоми ҷаҳон ҳалок пазирад ва масолеҳи халоиқаз якдигар фурӯ резад (саҳ. 129).

Ҷумлаи мураккаби тобеи фавқаз як сарҷумла ва ду ҷумлаи пайрави чидаи шарт иборат аст, ки ба сурати нақша чунин сохт дорад:



Гоҳо баёни муаллиф чунон сода, равон ва дилнишин аст, ки ҳам ҷумлаҳо ва ҳам тартиби аъзоҳои ҷумла комилан мувофиқи забони адабии меъёри имрӯза аст. Ба сурати намуна як ҷумлаи сода ва як ҷумлаи мураккаб меорем: Мисол: Дар машварат фавоиди бисёр аст. Ин ҷумла аз гуфтори “Дар машварат ва тадбир” гирифта шуд. Ҷумлаи содаи мазкур мисли афоризм аст ва ягон калимаи нофаҳмо ва печидагие надорад, ба ҷуз ин ки вожаи “фавоид” бо ҷамбандии арабӣ сохта шудааст. Мисоли дигар барои ҷумлаи содаи чидааъзо: Меҳмон соат ба соат ба дил он ҷавонро таҳсин мекард ва ба забон санову офарини ӯ мегуфт (саҳ. 173).

Дар “Ахлоқи Муҳсинӣ” ҷумлаи мураккаби пайваст низ гоҳо аз нигоҳи таркиб, ифодаи аъзоҳои ҷумла чунон ҳунармандона таҳррезӣ шудааст, ки аз як тараф, тарзи баён дилкашу таъсиргузор буда, аз сӯйи дигар, комилан мутобиқба забони адабии меъёр мебошад. Чунончи: Саховат сабаби некномӣ ва эҳсон мӯъҷиби дӯсткомиву хуҷастафарҷомӣ аст (саҳ. 165).

Ҳамин гуна мӯъҷизбаёнии муаллифи “Ахлоқи Муҳсинӣ” дар сохтану истифодаи ҷумлаи мураккаби тобеъ низ ба назар расид.

Чанд намуна: 1. Подшоҳро лозим аст, ки дар ҳама ҳол расми таваккал фаро нагузорад (саҳ. 129); 2. Ҳақиқати адаб он аст, ки дар ҷамъии аҳвол роҳи рост дошта бошӣ (саҳ. 133); 3. Дар хабар омадааст, ки мардуми олиҳимматро ҳама дӯст медоранд (саҳ. 134); 4. Овардаанд, ки малике писари худро ба ҳарби хасме фиристода буд (саҳ. 139); 5. Банди эҳсон, ки дар дил ниҳанд, бар ҳеҷчиз фусурда нагардад (саҳ. 167); 6. Чун Асфор вилояти Райро ҳавзаи тасхир даровард, Дайламиро бо сипоҳи гарон бад-он ҷо фиристод (саҳ. 196); 7. Агар дил қавӣ нест, қувват дар даст наемонад (саҳ. 202); 8. Аз зиндагонӣ он чи рафт, боз овардани он аз ғайриимкон аст (саҳ. 219); 9. Ва падари худ – Сабуктегинро зиёфате кард, ки хонсолори фалак базме ба он зебоӣ надида буд (саҳ. 223); 10. Марде собитқадам он аст, ки аз роҳи дарвешии худ ба дағдағаи ҳеҷвасваса рӯй барнамегардонад (саҳ. 141); 11. Вақте муҳимме пеш омад, Султон ӯро ба таъҷил пеши худ талабид (саҳ. 262).

Тавреки мебинем, дар ёздаҳ ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки дар фавқ чун намуна овардем, дар ҳеҷ кадоме аз онҳо санъати саҷъ истифода нашудааст, аммо ҷумлаҳо хушоҳанг, равону фаҳмо ва таъсирбахш буда, мисли зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ҳикматомезанд. Ин аз фасоҳати каломи нависанда шаҳодат медиҳад.

Дар баъзе лаҳзаҳо баёни муаллифи “Ахлоқи Муҳсинӣ” ба андозае ширину гуворо аст, ки аз содагӣ, халқияти наҳвиёти асар дарак медиҳад ва услуби афсонаҳои халқӣ ва насри оммиёнаро ба ёд меорад. Чунончи: Овардаанд, ки пиразан говаке лоғар дошт. Ҳар сабоҳ аз хона берун кардӣ ва ба саҳро бурдӣ ва шабонгаҳ аз саҳро бозовардӣ. Ва дар ин ду вақт он гов бар рӯйи фаршҳои мулавван, ки дар пеши айвон таркибу тартиб ёфта буд, мегузашт. Рӯзе яке нудамо гуфт: Эй пиразан, ин ҳаракат макун, ки номуси мулкро мешиканӣ ва асоси ҳайбати салтанатро хароб мекунӣ. Аҷуза ҷавоб дод, ки номуси мулк аз зулм мешиканад, на ба адл. Биноии футуввати подшоҳӣ ба ҷаҳл хароб

мешавад, на ба ақл. Он чи мекунам, барои некномии подшоҳ мекунам ва худфарҷомии ӯ металабам.

Ва алҳақ рост гуфта, зеро ки аз ин сурат ҳазор сол гузашта ва ҳикояти кулбаи пиразан ва айвони Нӯшервон ҳанӯз дар дафтарҳо масбут (сабт) аст ва бар забонҳо ҷорӣ (саҳ. 222).

Тавре аз матн маълум аст, забону тарзи баёни асар дар ниҳояти равонию содаю фаҳмо буда, саршор аз калимаю ибораҳои халқӣ аст. Ба ҳамин хусусияти асарҳои панду ахлоқӣ ишора карда, забоншиноси зиндаёд С. Ҳалимиён таъкид кардааст: “ Дар осори муаллифон (осори панду ахлоқӣ Д. Х.) гарчи фикр пай дар пай баён шудааст, вале синтаксиси осори онҳо мураккаби печдарпеч нест, балки бо воҳидҳои нисбатан хурди синтаксисӣ пайҳам ба бандҳои калонтари синтаксисӣ ифода шудааст” [9, с. 83].

Як хусусияти дигари наҳвиёти “Ахлоқи Муҳсинӣ” ин аст, ки ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо калимаву ибора ва ҷумлаҳои яктаркибаю дутаркибаи навъи зерин “Овард”, “Акобир гуфтанд”, “Дар хабар омадааст”, “Арасту фармуд”, “Фаридун гуфт”, “Ҳакиме гуфтааст”, “Султон гуфт”, “Дар ахбор ворид аст”, “Ҳукамо гуфтаанд”, “Малик фармуд”, “Нақл аст”, “Бибояд донист”, “Бузургон гуфтаанд”, “Дар таърих мастур аст”, “Вазир гуфт”, “Султон фармуд”, “Бузургеро пурсиданд”, “Гӯянд”, “Ва бисёр буда”, “Нидо мезананд”, “Машҳур аст”, “Нӯшервон гуфт”, “Подшоҳ гуфт”, ”Писар гуфт”, “Чунончи нақл аст”, “Дар “Нигористон”оварда”, “Дар китоби”, “Ҷавоҳир-ул-иморат” нақл кардаанд”, “Дар ахбор омада”, “Фармуд”, “Гуфт”, “Пиндошт”, “Пурсид”, “Дар “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт” овардаанд”, “Дар китоби ахлоқовардаанд”, “Дар китоби “Сироҷ-ул-мулк” овардаанд”, “Дар ҳикоят овардаанд”, “Дар “Захират-ул-мулук” фармуда”, “Дар кутуби ҳикмат овардаанд”, “Дар ахбор мазкур аст”, “Дар кутуби ҳукамо навишта шудааст”, “Ҳикоят аст” шурӯъ гардида, дар гуфторҳои дигар такрор мешаванд. Ин ҷумлаҳо нақши сарҷумларо адо карда, ҳатман ҷумлаи пайравро талаб менамоянд. Ҷумлаи пайрави онҳо бошад, асосан, ҷумлаи пайрави пуркунандаанд, зеро феъле, ки ба вазифаи хабари ин сарҷумлаҳо меоянд, объекти бевосита ё бавоситаро тақозо менамоянд.

Ин вижагии сохти наҳвиёти асар ба мазмуну муҳтавои худи асар ва ҳадафҳои нависанда вобаста аст. Асар, ки бо усули нақлу ҳикоят ва тафсири сифатҳои баъзе категорияҳои ахлоқӣ навишта шудааст ва муаллиф вазифаи як навъ ровӣ ва ҳакамро иҷро менамояд, зикри манбаъ, сарчашма ва ишора ба онҳо ҷойи асосиро ишғол намудааст.

Ба ҳамин ҷиҳат иртибот дорад вижагии дигари сохти наҳвиёти асар, ки ба иқтибос ва нутқи айнаннақлшуда бастагӣ дорад.

Дар “Ахлоқи Муҳсинӣ” нутқи айнаннақлшуда хеле фаровон истифода шудааст. Нутқи айнаннақлшуда аз забони шахсиятҳои тиҷрихӣ: подшоҳону амирон, ҳокимону файласуфон, адибону олимон, лашкаркашону паҳлавонон ва амсоли онҳо оварда мешавад. Нутқи айнаннақлшуда аз ҷиҳати сохту таркиб чунин аст дар асар: Гоҳо дар қолаби ҷумлаи сода, гоҳо дар қолаби ҷумлаи мураккаб ва аксар дар қолаби як банди наҳвӣ оварда мешавад. Масалан, дар мисоли зерин нутқи айнаннақлшуда дар қолаби як ҷумлаи содаи амрӣ омадааст: Подшоҳ гуфт: “Дар сиёсат сухане бигӯй”(саҳ. 271).

Дар ҷойи дигар нутқи айнаннақлшуда дар қолаби ҷумлаи содаи саволӣ омадааст: Гуфт: “Дар ин маънӣ далел дорӣ?”(саҳ. 277). Нутқи айнаннақлшуда дар қолаби ҷумлаи содаи хабарӣ низ серистеъмол аст. Чунончи: Гуфт: “Зиреҳи таваккал пӯшидам ва кори худ ба вакили лутфи ҳақбозгузоштам”(саҳ. 129).

Чунонки таъкид шуд, нутқи айнаннақлшуда дар “Ахлоқи Муҳсинӣ” бештар дар қолаби ҷумлаҳои мураккаб ва банди наҳвӣ оварда шудаанд, то ки мафҳуме, андешаю фикре саҳеҳу мукаммал тавзеҳ дода шавад. Чунончи, дар мисоли зерин нутқи айнаннақлшуда дар қолаби ҷумлаи мураккаб омадааст: Овардаанд, ки Қайсари Рум аз Нӯшервон пурсид, ки бақои подшоҳӣ дар чист? Гуфт: “Ман ҳаргиз кор беҳуда нафармоям ва ҳар муҳимме, ки ба он амр кунам, ба итмом расонам” (саҳ. 141).

Дар бисёр мавридҳо нутқи айнаннақлшуда дар сохтори банди наҳвӣ оварда шудаанд. Чунончи: Пас, аввал ҷавонро ба ҷиҳати ихфои (пӯшидани сир Д. Х.) он муҳим савганд дод ва баъд аз муболиғаи бисёр ва таъкиди бешумор сирри худро ба ӯ дар миён ниҳоду гуфт: “Шунидаам, ки дар ин навоҳӣ Ҳотам ном касе ҳаст, ки лофи ҷавонмардӣ мезанад ва даъвои эҳсону мардумнавозӣ мекунад. Шоҳи Яманро зоҳир ба ӯ дағдағае дар дил ва хадшае (малоле) дар хотир падид омада ва ман марди парешонрӯзгорам ва маоши ман аз дуздиву айёрӣ мегузарад ва дар ин вило султони вилояти Яман маро талабида ва ваъдаи молу матои фаровон намуда ба гуфти он ки Ҳотамро пайдо кунам ва ба қатл орам ва сари ӯро ба туҳфа пеши малик барам. Ва ман аз зарурати вақҳи маишат ин суратро қабул карда, бад-ин қабила омадаам, на Ҳотамро мешиносам ва на роҳ ба манзили ӯ мебарам. Аз дарвешпарварӣ ва ғарибнавозии ту аҷибу ғариб набошад, ки Ҳотамро ба ман намоӣ ва дар қатли ӯ шарти мададгорӣ ба ҷой орӣ, то ман аз ӯҳдаи аҳде, ки кардаам, берун омада бошам ва ба давлати ту аз маводи шоҳ баҳраманд гардам”(саҳ. 174).

Муаллиф аз нутқи мазмунаннақлшуда низ истифода кардааст. Чунончи: Ҷамшед аз вазири худ суол фармуд, ки салотинро инсоф ба кадом сифат аз ҷумлаи заруриёт аст? Гуфт, ки рафқу нармхуӣ ва мулоимат, зеро ки раият бад-ин сифат дуои подшоҳ гӯянд (саҳ. 159).

Дигар воситае, ки сохти наҳвиёти асарро дилпазир ва оҳанги ҷумлаҳои онро гӯшнавоз сохтааст, санъати саҷъ аст. Истифодаи ин санъат дар ҳамаи асарҳои панду ахлоқии бо наср иншошуда дида мешавад. Дар “Ахлоқи Муҳсинӣ” низ аз ин санъат мавридшиносона истифода гардидааст, ки салосату нафосати баёни нависандаро таъмин намудааст: Фақирону муҳтоҷон, дарвешону гӯшанишинон; кушидаанд-гузоштаанд; писандида-носутуда; ҷаҳвардор-хушгузор; муродот-муҳиммот; гил-дил; ҳукамо-утабо; давлат-савлат; ҷаҳондор-бузургвор; сармоя-пероя; шодмонӣ-комронӣ; мулкорой-нурафзой; сафо-дуо; дафъати арҷманд-ҳиммати баланд; подшоҳӣ-ҷаҳондорӣ; ороста- пероста; хубтарин-зишттарин; дусткомӣ-некномӣ; хомӯш-фаромӯш; хушӣ-дилҷӯӣ...

Аз мутолиаи “Ахлоқи Муҳсинӣ” ва баррасии баъзе вижагиҳои наҳвии он ба ин натиҷа расидем:

1. Аз мутолиаи асар ва баррасии хусусиятҳои наҳвиёти “Ахлоқи Муҳсинӣ” маълум гардид, ки нуфузи ҷумлаҳои мураккаб нисбат ба ҷумлаҳои сода дар сохти наҳвиёти асар баръало дида мешавад.
2. Аз ҷумлаҳои мураккаб муаллиф бештар аз ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб истифода кардааст.
3. Дар муқоиса бо дигар анвои ҷумлаи мураккаби тобеи муқаррарӣ ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда ниҳоят зиёд истифода шудааст, ки инро услуби асар тақозо кардааст.
4. Дар асар нутқи айнаннақлшуда низ зиёд истифода бурда шудааст, зеро нависанда кӯшиш кардааст, ки муҳокимаю хулосаҳои худро бо далелу асноди мушаххас асоснок кунад.
5. Аз вижагиҳои ҷумлаи сода ду ҷиҳатро бояд таъкид кард: якум, камаъзогӣ; дуюм, равонию оҳангнокӣ.
6. Дар истифодаи ҷумлаи мураккаби пайваст ҳодисаи ҷолиб ҳазфи бандаки хабарӣ мебошад, ки ин ҳам ба хотири ихчамбаёнӣ ва парҳез аз такрор рух додааст

Хулоса, забон ва услуби “Ахлоқи Муҳсинӣ” хеле ҷолиб буда, шоистаи тадқиқи густурда мебошад.

АДАБИЁТ

1. Абдулазизов В. Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии тоҷик. – Душанбе, 2013.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои сода. –Душанбе: Дониш, 1987. Ҷ. 2–368 с.

3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои мураккаб. –Душанбе: Дониш, 1989. Ҷ. 3–220с.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. –Душанбе: Ирфон, 1998. – 700с.
5. Камолиддинов Б. Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2003–132с.
6. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. –Сталинобод, 1959. –294с.
7. Таджиев Д. Т. Способы связи определения с определямим в современном таджикском литературном языке. Сталинобод, 1955
8. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам Ҷ. 3. -Душанбе, 2016.
9. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XI - XII) – Душанбе, 2002. – 95 с.

НЕКОТОРЫЕ СИНТАКСИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ «АХЛОКИ МУХСИНИ» ХУСАЙНА ВОИЗА КОШИФИ

В статье раскрываются некоторые синтаксические особенности работы писателя и мыслителя XV века «Ахлоки Мухсини» Хусайна Воиза Кошифи. Выявлено, что в данной работе употребление сложноподчиненных предложений, в частности, употребление сложных предложений усложненного типа, имеет преимущество по сравнению с простыми предложениями. Исследования показали, что в этом классическом произведение употребление синтаксических единиц соответствует синтаксическим нормам современного таджикского литературного языка.

Ключевые слова: *синтаксис, слово, словосочетание, предложение, сложносочиненные предложения, сложноподчиненные предложения, текст, способы связи, однородные члены предложения.*

SOME SYNTACTIC FEATURES OF "AKHLOKI MUHSINI" OF HUSAYN VOIZA KOSHIFI

The article reveals some syntactical features of the work of the writer and thinker of the XV century "Akhloki Muhsini" by Husayn Voiza Koshifi. It was revealed that in this work the use of complex sentences, in particular, the use of complex sentences of complicated type has an advantage over simple sentences. Studies have shown that the use of syntactic units in the classic work corresponds to the syntactic rules of the modern Tajik language.

Key words: syntax, word, phrase, sentence, compound sentences, complex sentences, text, methods of communication, the homogeneous parts of the sentence.

Сведения об авторе:

Давлатбек Ходжаев *профессор, кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета, e-mail:sattori1990@mail.ru*

About the author:

Davlatbek Khodjaev *Professor of the department of Language History and Typologies of the Tajik National University, e-mail. : sattori1990@mail.ru*

НАЗАРИ С. АЙНӢ БА ШЕЪРУ ШОИРӢ (ДАР МИСОЛИ МАКТУБҲО БА А. ЛОҲУТӢ)

Наимова Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нома ва номанигорӣ яке аз қисматҳои таркибии фаъолияти эҷодии устод Айнӣ ба шумор меравад, ки дорои мавзӯъ ва масъалаҳои гуногунмебошад. Нома як жанри хурди насрӣ низ ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи устод Айнӣ дар гузашта «Муҳимтарин асари насрӣ мактубот ва иншоот буд. Насрнависи хуб он вақт ба шумор мерафт, ки мактубро хуб нависад» [2, 54]. Устод дар идомаи матлаби худ ҳамин таъкидро каме равшанӣ андохта мегӯяд: «Дар замонҳои охир насрнависӣ гуфта мешавад, ба таҳрири иншои мактубот махсус шуда монда буд. Беҳтарин муншӣ ва мактубнавис ҳамон кас ҳисоб

меёфт, ки муддаоеро, ки бо як ҷумла ифода карданаш мумкин аст, дар ду саҳифа бо калимаҳои қофиядор печонад» [2, 54].

Устод Айнӣ дар номаҳояш доир ба ҳама гуна мавзӯъҳои адабию фарҳангӣ бо шогирдону дӯстонаш изҳори ақида менамуд. Ақидаҳои С. Айнӣ доир ба шеъру шоирӣ дар мукотибот бо шоири инқилобӣ А. Лоҳутӣ бештар ба назар мерасанд. Аз ин ҷост, ки фаъолияти аҳли адаб, шогирдони устод ва хусусан А. Лоҳутӣба фаъолият ва заҳматҳои устод Айнӣ иртиботи ногусастанӣ пайдо кардаанд. «Садриддин Айнӣ, – хотиррасон кардааст Ш. Ҳусейнзода, – нисбат ба нависанда ва арбоби санъати мо бо як меҳрубонии махсус рафтор мекунад. Вай муваффақияти эҷодии ҳар як нависандаро муваффақияти тамоми адабиёти советӣ мешуморад. Ҳар гоҳ ягон норасоӣ дар кори эҷодии ин ё он нависанда содир гардад, онро ҳамчун рахнае дар фронти адабиёти советӣ медонад» [11, 136].

Устод Айнӣ дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ доир ба масъалаҳои муҳимми шеъру шоирӣ, мундариҷа ва шакл, забону услубва навовариҳои ӯ суханронда, намунаҳои беҳтарини адабиро интихоб намуда, барои сайқали маҳорат ва такмили ҳунари шоирии дӯсташ хизмати шоистаеро анҷом додааст.

Мулоҳизаҳои устод Айнӣ доир ба ҳунари нигорандагӣ, мундариҷаи ғоявӣ, забону услуб, шеъру шоирӣ ва умуман оид ба бадеиёти ашъориА. Лоҳутӣ низ хеле ҷиддиву пурвусъат ва аз ҳар ҷиҳат арзишманд мебошанд. Вақте ки сухан дар бораи шеъру шоирӣ меравад, фикру ақидаҳои донишмандону суханварони гузашта ва ҳозираро оид ба чигунагии шеър ва кӣ будани шоир зикр кардан бамаврид аст. Ин масъала дар тӯли таърихи дуру дарози адабиёти тоҷику форс ва халқҳои дигар ҳама вақт дар мадди назаридонишмандон будааст. Аз ҷумла дар «Ал - муъҷам»- и Шамси Қайси Розӣ доир ба шеър, моҳият ва чигунагии он андешаи зерин баён шудааст: «Бидон, ки шеър дар асли луғат дониш аст ва идроки маъноӣ ба ҳадаси соиб ва андешаю истидлолрост (бурҳонрост) ва аз рӯйи истилоҳ суханест андешида, мураттиби маънавии мавзун, мутакаррири (такрорёбандаи)мутасовӣ (ба ҳам баробар), ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда. Ва дар ҳад гуфтаанд сухани мураттаби маънавӣ, то фарқ бошад миёни шеър ва ҳазаёну (сухани бемазаю) каломи номураттаби бемаънӣ» [9, 161].

Ибни Сино шеъри комилро, ки пешравандаи хаёлот ва дорои вазну соҳиби қофияи муносиббошад, таъсирбахши нафсҳо гуфтааст:

«Шеър онгоҳ шеъри комил мешавад, ки агар бо муқаддимоти мухайила буда, дорои вазне, ки соҳиби қофияи муносиб бошад. Дар ин дам шеър дар нафсҳо таъсироти тезтарин медорад. Зеро ки нафсҳо бар он чи ки таркибашон мунтазам ва оҳангдор бошад, майл мекунад» [1, 243].

Ба ақидаи адабиётшинос Худоӣ Шарифов « Шеър ҳамчун баёни шавқи одамӣ бояд рӯй бар осмони маънавӣ дошта бошад » [12, 97].

Ба андешаи устод Айнӣ бошад, шеъри ҳақиқӣ шеърест, ки ба хонанда ва шунаванда ҳаяҷони ҳақиқӣ бахшад. С. Айнӣ нахустин бор бо шеърҳои худ ба арсаи адабиёт қадам ниҳода ва маҳсули адабии ӯ пеш аз инқилоб асосан аз назм иборат аст. Фаъолияти шоирии устод Айнӣ ба айёми таҳсил дар Бухоро иртибот мегирад. Ӯ аввалҳо бо тахаллусҳои «Сифлӣ», «Муҳтоҷӣ» ва «Ҷунунӣ» шеърҳо навишта бошад ҳам, азбаски он шеърҳо шогирдона буда, аз ҷиҳатишакл ва мазмуннорасоиҳо доштанд, худи шоир онҳоро сӯхта нобуд кардааст. Аз ин сабаб, бо чунин тахаллусҳо ягон шеъри вай то замони мо омада нарасидааст. Адиб аз соли 1895 бо тахаллуси «Айнӣ» шеър гуфтан гирифт ва ҳамин ном дар адабиёт маълуму маъруф гардид.

Агар дар шуури устод Айнӣҳисси шеъру шоириро дар хурдиаш Ҳабиба, Тӯтапошо ва Ҳайрат бедор карда бошанд, нахустин шахсе, ки роҳи ӯро дар ин ҷода равшантар намуд, падараш Сайид Муродхоҷа мебошад, ки устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» - яш суханиӯро чунин зикр намудааст: «Шоир шуданат мумкин аст, лекин барои ин шеърҳои шоирони калонро бисёртар хонданат, ёд карданат ва навишта гирифтанат ва бо шоирҳои калон ҳамсуҳбат шуда, аз онҳо омӯхтанат лозим аст. Ҳоло ки ту хурдсол

ҳастӣ, вазифаи ту дарс хондан, шеър хондан, шеър ёд кардан ва шеър навишта гирифтан аст. Ҳоло ба фикри шеъргӯйӣ худро овора накун» [3, 97].

Дар хусуси шеъру шоирӣ сухан ба миён оварда, андешаҳои С. Айниро дар мукотиботаш баА. Лоҳутӣ аз назар гузаронидан аҳаммияти калони илмию амалиро молик мебошад. А. Лоҳутӣҳар як шеъри тозаэҷоди худро аввал ба тариқи нома ба устод Айнӣ мефиристод ва устод аввалин мунаққиди бисёр шеърҳои Лоҳутӣ ба ҳисоб меравадС. Айнӣ шеърҳои эҷодкардаи А. Лоҳутиро хонда, ҳам муваффақият, ҳам камбудиҳои онҳоро ба назар гирифта, таъбироту мазмунҳои муносиброба матни ашъори шоир пешниҳод менамуд.

Андешаҳои С. Айнӣ чун адиби борикфаҳм барои А. Лоҳутӣ арзиши баланд доштанд. Аз ин ҷост, ки вай агар баъзан банавиштани шеъре шурӯъ кунад, онро ба анҷом нарасонида, аввало ба устод мефиристод ва агар аз назариустоддуруст мебуданд, барои идомаи шеъраш мепардохт.

Боре А. Деҳотӣ бо илтимоси як бастакор азА. Лоҳутӣхоҳиш кардааст, ки ба ғазали:

«Ёр аз дили ман хабар надорад,
Ё сӯзи дилам асар надорад» –

се байт илова кунад. А. Лоҳутӣ байтҳои зеринро навишта ба тариқи нома, аввало ба устод Айнӣ фиристодааст, ки он шеър чунин аст:

«Ё васли ту қисмати башар нест,
Ё толеи ман ҳунар надорад.
Ё ишқ хатти амон ба ӯ дод,
Ё дил зи шарар ҳазар надорад.
Ё мавсими сабри ман хазон шуд,
Ё нахли умед бар надорад»[7, 64].

А. Лоҳутӣ дар номааш ба С. Айнӣ дар хусуси ин байтҳочунин навиштааст: «Намедонам меписандед ё на... Агар инҳоро лоиқ донед, он вақт мумкин аст ҳавсала пайдо шавад, ки як ғазал кунам»[7, 64].

Устод Айнӣ ба ин шеъри А. Лоҳутӣ баҳои баланд додааст ва ӯро барои идома додани шеъраш илҳом бахшидааст. А. Лоҳутӣ ин шеърро пурра карда боз ба устод фиристодааст. Устод Айнӣ дар ҷавоби ин мактубоид ба маҳорати баланд ва сеҳру эъҷози А. лоҳутӣ дар ҷодаи суханварӣ чунин изҳори андеша кардааст:«Мо дар шеърҳои Шумо ғазалҳои равони ҳаяҷонбахшро бисёр хондаем. Аммо аҳаммияти хусусии ин ғазал дар он аст, ки бо тақлид кардани вазн, қофия ва услуби як ғазал тамоман мазмунҳои бикр суруда шудааст. Ин ғазали содаи равонбахшро ҷуз«саҳли мумтанеъ» гуфтан дигар таъбире намеёбам. Аммо ман аз баҳо додан ба ду байти охирини ин ғазал:

Ё чашми ту бар дилам рафиқ аст,
Ё шери сияҳ хатар надорад.
Ё бо дили хаста меҳрубон бош,
Ё ҷон биситон, зарар надорад, -

оҷиз ҳастам. Инро ҳам бояд бигӯям, ки

Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи бахт дар надорад.

ҳарчанд аз ҷиҳати шеърият мисли ҳамқаторони худ дар пояи аълост ва ҳарчанд мутолаакунандагони холис мефаҳманд, ки гап дар бораи ишқ меравад, дар ин ғазал мувофиқ нест. Ин бояд дар қатори он байтҳое, ки барои ғазали ҷудогона мондаед, дароварда шавад, ё ки дар ҷойи калимаи “бахт” калимаи“васл” дароварда ба ин тариқа:

Ё ба рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи васл дар надорад.

хонда шавад. Ва инчунин ба хотири ман чунин мегузарад, ки агар байти

« Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи дил сипар надорад»

«Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи ман сипар надорад».
мебуд, бо байтҳои болоии худ (бо таъбири тоҷикӣ)бе ширеш мечаспид»[7, 68].

Устод Айнӣ дар ин шеъри А. Лоҳутӣ ислоҳу иловаҳои зиёд надорад, танҳо дар ду байти А. Лоҳутӣ ду калимаро иваз намуда, дар ҷойи калимаи“ бахт”калимаи“васл”ва дар ҷойи калимаи “дил” калимаи“ман” - ро гузоштааст.

Устод Айнӣ дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ роҷеъ ба масъалаҳои шеъру шоирӣ суханронда, оид ба масъалаҳои гуногуни эҷоди бадеӣ мулоҳизаҳои ҷолиби диққат баён мекунад. «Шоир, -мегӯяд С. Айнӣ дар як мактуби ба А. Деҳотӣ фиристодааш, - бояд дар иншо кардани шеъре на танҳо робитаи сар то пои шеърро, на танҳо ҳар банд ё байт ва ё мисраъро мулоҳиза намояд ва дар болояш кор кунад, дар айни замон бояд ҳар калимаи ҷудогонаро ҷудо -ҷудо аз назар гузаронад ва робитаи маънавӣ ва оҳанги лафзии онро ба мулоҳиза гирад, на танҳо як бор, балки борҳо ин корро такрор намояд. Дар он сурат шеър нағз мешавад, шоир пеш меравад, қобилияти шоириаш ба камол мерасад, дар охир малакаи шеърия пайдо карда, мисли Лоҳутӣ бе ҳеҷ душворӣ сеҳрҳо, эъҷозҳо ба вуҷуд оварда метавонад» [4, 187].

Андешаҳои С. Айнӣ ба мавзӯву мундариҷаи ашъори А. Лоҳутӣ хелеҷолиби диққатанд. С. Айнӣҳар як шеъри эҷодкардаи дӯсташро бо камоли мамнуният пазироӣ карда, бо шавқу завқ мутолиа мекард ва бо суханони ширину обдораш дӯсташро дар ҷодаи шоирӣ барои баркамол шуданаш ҳавасманд мегардонд. А. Лоҳутӣ кӯшиш мекард, ки бо ёрии бевоситаи С. Айнӣ шеърҳои худро такмил дода, аз ҳар ҷиҳат барҷаста гардонад. С. Айнӣҳангоми баррасии шеъру достонҳои А. Лоҳутӣ муваффақият ва норасоиҳои онҳоро низ нишон додааст. Ӯ дар бораи мавзӯъ ва мақсади асосии шеърҳои А. Лоҳутӣ сухан ронда, барои исботи фикр баъзе порчаҳои шеърӣ низ оварда, онҳоро таҳлил намудааст. Масалан, пас аз овардани мисраъҳои зерин:

«Чӣ ғам аз синфи тавонгар дорад,
Ҳар кӣ шаш чун ту бародар дорад.
Ҳама ғамхору тавонои туанд,
Решаи муфтхӯронро баркан.
Аз тани душманиШӯросар кан » [5, 7]

чунин менависад: «Ҳар меҳнаткаше, ки ин мисраъҳои содаи равшани оммафаҳмро мехонад, бе ҳеҷ дағдаға аз ҷояш хеста ба кандани решаи муфтхӯрон ва ҷудо кардани сари душманони советӣ аз танашон медаромад, зеро ӯ дида истодааст, ки дар паси худ ёридиҳандагон, бародарони иттифоқдор дорад» [5, 7].

Бешубҳа мақсади шоир аз он иборат аст, ки чашми мазлумонро кушояд ва онҳоро ба муқобили душманон бархезонад. С. Айнӣқайд мекунад, ки шеърҳои А. Лоҳутӣ аз ҷиҳати ғоя қобили таваҷҷуҳва бартарӣ мебошанд. Барои мисол байте аз Хусрави Деҳлавӣ:

«Киштии сабрам ба дарё ғарқ шуд эй нохудо,
Ман Худои хеш дорам нохудо даркор нест» [5, 7]–

ро оварда, бо байти А. Лоҳутӣ, ки дар ҷавоби Хусрави Деҳлавӣ гуфтааст, муқоиса мекунад:

«Киштии фатҳам ба соҳил мерасад бо инқилоб,
Нохудои хеш дорам ман, Худо даркор нест» [5, 7]

Дар ин мисраъҳо шоир ба ояндаи нек менигарад ва боварӣ дорад, ки ба нияту мақсади худ мерасад. Бояд гуфт, ки ин ғазали А. Лоҳутӣ аз ҷиҳати мазмун ва ғоя акси ғазали ХусравиДеҳлавӣ аст. «С. Айнӣ, - қайд кардааст Ш. Раҳмонов, - шеъриҳақиқиро дар таъсири ба омма, аҳаммияти иҷтимоиашро қайд ва хотиррасон мекард» [8, 47].

Номаҳои устод Айнӣба А. Лоҳутӣ ва дигар адибони ҷавон аҳаммияти муҳимми таърихӣ ва адабӣ доранд. Ба шоирони тоҷик на танҳо осори С. Айнӣ, балки шахсияти ӯ таъсири амиқ мерасонад. Чунончӣ, таъсире, ки осор ва шахсияти С. Айнӣ ба устоди назми инқилобии Шарқ А. Лоҳутӣ бахшидааст, ҳамин гуна мебошад. Ин классикони адабиёти шӯравии тоҷик на танҳо дӯстони қадрдону қадршинос, балки устоду шогирди ҳамдигар низ буданд. Ба қавли Раҳим Ҳошим: «Яке аз хусусиятҳои барҷастаи устод Айнӣ ин буд, ки ба мукотиба аҳаммияти калон медод. Ман бо услубу мактубнависии устод сараввал ғоибона ҳанӯз дар айёми мактаббачагии худ шинос шуда будам. Мактубҳое, ки дар китоби дарсии «Таҳзибу-с-сибён»-иӯ аз номи Муҳаммадфарид, бародари вай ва падару модараш навишта шудаанд, ҳамчун порчаҳои насри бадеии дилчасп бо шавқу рағбат хонда мешавандва дар хотираҳо нақш бастаанд. Дар ин мактубҳо беҳтарин ҳиссиёти инсонӣ, меҳри пурҷӯши падару модар ба фарзанд, дилбастагии фарзандон ба падару модари меҳрубон, тавсифу тарғиби бародарӣ, дӯстӣ, меҳнат, омӯзиши илму ҳунар ва некукорӣ ифода ёфта буданд…

Аз ҳар як ҷавобе, ки устод Айнӣ ба мактубҳои ман ё рафиқони наздики ман менавишт, равшан ҳис карда мешуд, ки ӯ ба муроҷиати хаттӣ дар вақташ ва бояду шояд ҷавоб гардонданро як қисми муҳимми кори нависандагӣ ва педагогии худ мешуморид, дар ин кор ба танбалӣ, беҳавсалагӣ ва мусоҳилакорӣ роҳ намедиҳад. Дар натиҷа ҷавобҳои ӯ дар сари вақт бе таъхир, муфассал ва сареҳ мебаромаданд» [10, 14].

Бояд гуфт, ки аввалин шеъри ба услуби нав гуфтаи А. Лоҳутӣ «Таронаи синфӣ» мебошад. Дар ин шеъри устод Лоҳутӣҳолонавпардозиҳои шоир шакли муайяне ба худ нагирифта буд. УстодЛоҳутӣ бо ин қонеъ нашуда, ҷустуҷӯйи худро идомадод ва метавон гуфт, ки ба муваффақиятҳои Лоҳутӣ устод Айнӣ дар шеъри «Чамани сӯхта» мароқи зиёд зоҳир кардааст. Ӯ навовариҳои А. Лоҳутиро ҳам дар мазмун ва ҳам дар шакли ин шеър қайд мекунад: «Чамани сӯхта» ҳам шаклан ва ҳам мазмунан ҷадид аст: «Бародар А. Лоҳутӣ ба ин шеъри худ навҷавонони ҳаваскори адабиёти навро сармашқи хубе додааст» (6, 134). Ин шеър дар бораи ғоратгарии империалистони англис дар Миср навишта шудааст. Шеъри «Чамани сӯхта» аз ҳафт банд иборат аст ва дар шакли мусаммати мураббаъ эҷод шудааст. Дар ҳар як банд шоир як лаҳзаи ҷолибро бо камоли маҳорат тасвир намуда, дар айни ҳол робитаи умумии маъноии шеърро комилан нигоҳ медорад. Дар шеъри номбурда таркибҳо, тарзи баён, санъату воситаҳои тасвири бадеӣ ниҳоят тозаанд. «Дар афкори адабию танқидии устод Лоҳутӣ, – менависад Ш. Раҳмонов, - масъалаи мубориза барои мазмуну ғояи олӣ, шакли барҷастаи бадеӣ, муваффақияти мазмуну шакл, тарбияи кадрҳои адабӣ ташвиқи ҷавонон ба кори эҷодӣ, тарғиби адабиёти инқилобии тоҷик, ҳамқадамии адиб ба рӯйдодҳои зиндагӣ, инъикоси реалистона ва образнокии воқеӣ, ҷаҳонбинии нависанда, моҳияти иҷтимоӣ ва тарбиявииасари бадеӣ, робитаи адабиёт бо ҳаёти халқ, омӯзиш ва такмили маҳорати адабӣ ва монанди инҳо, ки дар шароити солҳои 20 арзиши амалӣ доштанд, аҳаммияти хосса касб кардаанд» [8, 149].

Аз мактубҳои ба якдигар ирсолкардаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ҳамчун шахсоне ба назар мерасанд, ки дӯстӣ ва рафоқати ҳамдигарро барои худ бисёр азиз медонанд. Бояд гуфт, ки мактубҳои онҳо маводест, ки дар он аз боби ин ё он рӯйдод изҳори ақида намуда ва дар айни замон нуқтаи назари худро ба нуқтаи назари

ҷамъият мувофиқ мегардонанд. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ як навъ ҳисоботи эҷодии ин ду шоҳсутуни адабиёт ба хонандагон мебошад. Дар мактубҳои С. Айнӣ ва А Лоҳутӣ андешаҳои онҳо доир ба адабиёт, нақши он дар тарбияи завқи эстетикии одамон ифода ёфтааст, ки наслҳои нави адабиётшиносон аз мулоҳизаои судманди онҳо дар таҳқиқи масъала ва муаммоҳои гуногун чун дастури роҳнамои адабиёт истифода мебаранд.

АДАБИЁТ

1. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. − Душанбе: Ирфон, 1983. −560 с.
2. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам // Куллиёт. Ҷилди 1. (Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ ва Р. Ҳодизода). −Сталинобод: Нашрдавтоҷик. , 1958. – 99 с.
3. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Дар ду ҷилд. (Ба чоп тайёркунандагон К. Айнӣ ва М. Шукуров. − Душанбе:Адиб, 1990. − 352 с.
4. Айнӣ С. Мунтахаби асарҳои илмӣ. Ҷилди аввал (Мураттиб: А. Абдураҳмонов). − Душанбе, 2008. − 256 с.
5. Лоҳутӣ А. Шеърҳои тоҷикистонӣ. − Сталинобод: Нашрдавтоҷик. , 1940. − 160 с.
6. Маҳмадаминов. А. Муҳаққиқи адабиёти советӣ // Садои Шарқ, − 1985. − №12. – С. 99 − 103.
7. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. Бо (Ба чоптайёркунанда ва муаллифи тавзеҳот Х. Отахонова). − Душанбе:Деваштич, 2003. −140 с.
8. Раҳмонов Ш. Шеър ва Айнӣ. Душанбе: Маориф, 1994. −192 с.
9. Розӣ Ш. Қ. Ал- муъҷам(Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп: У. Тоиров). −Душанбе: Адиб, 1991. −464 с.
10. ҲошимР. Таҷрибаи омӯхтани як шеър // Ҷашнномаи Айнӣ. - Ҷузъи III. – Душанбе: Дониш, 1966. − С. 21.
11. Ҳусейнзода Ш. Баҳс ва андеша. − Душанбе: Ирфон, 1964. −164 с.
12. Шарифов. Х. Шоир ва шеър. − Душанбе: Адиб, 1998. – 128 с.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ВОЗЗРЕНИЯ АЙНИ О ПОЭТАХ И ПОЭЗИИ (НА ОСНОВЕ ЕГО ПИСЕМ К А. ЛАХУТИ)

Литературоведческие мысли Садриддина Айни о поэзии составляют основу литературно-эстетических воззрений патриарха таджикской литературы. Важнейшие критические мысли Айни о поэтическом мастерстве одного из основоположников революционной таджикской поэзии устода Лахути выражены в его письмах. В этих письмах излагаются литературно – критические мысли Айни о содержании и формах поэзии, художественном мастерстве, языке и стиле, традициях и новаторстве стихотворений Абулкасыма Лахути.

Автор статьи приходит к выводу, что критические замечания и литературоведческие рассуждения Айни о поэзии Лахути, отраженные в его письмах к Лахути, имеют научно - практическую ценность и значимость для общего развития литературного процесса.

Ключевые слова: *С. Айни, А. Лохути, письма, поэзия, критические замечания, поэтическое мастерство, язык и стиль, содержание и форма, традиция и новаторство.*

LITERARY POINTS OF VIEWS OF AYNI ABOUTPOET AND POEMS(ON THE BASE OF HIS LETTTER TO A. LOHUTI)

Sadriddin Ayni's literary ideas about poetry form the basis of the literary and aesthetic views of the patriarch of Tajik literature. The most important critical thoughts of Ayni about the poetic skill of one of the founders of the Tajik revolutionary poetry of the Lahuti institution are expressed in his letters. These letters set forth the literary and critical thoughts of Ayni about the content and forms of poetry, artistic skill, language and style, tradition and innovation of the poems of Abulkasym Lahuti.

The author of the article concludes that Ayni's criticisms and literary arguments about Lahuti's poetry reflected in his letters to Lahuti have a scientific and practical value and significance for the overall development of the literary process.

Keywords: *S. Ayni, A. Lohuti, letters, poet and poem, introduction and form, language and style, wondeful speaker.*

Сведения об авторе:

Наимова Фарзона, *аспирант кафедра теория и литература новый персидско-таджикский литературы Таджикский национальный университет, e-mail: naimzoda89@mail.ru*

About the author:

Naimova Farzona, *post-graduate student of the theory and literature of the new Persian-Tajik literature Tajik National University, e-mail: naimzoda89@mail.ru*

УДК 82. 1+801. 66

РАДИФ ДАР ҒАЗАЛҲОИ ҶОМӢ

Бохруло Н.
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аксари муҳаққиқон радифро хоси шеъри форсӣ дониста, таъкид ҳам кардаанд, ки дар шеъри арабӣ танҳо дар қадимтарин намунаҳое аз сурудаи шоирони эронитабор радиф омадааст [1, 123].

Аз ҷумла муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» Рашидаддини Ватвот бар ин назар аст, ки «… арабро радиф нест магар муҳаддисон, ки бархе ба такаллуф бигӯянд» [1, 79]. Шамси Қайси Розӣ радифро «ба форсиён махсус» [2, 176] дониста, Абдураҳмони Ҷомӣ низ радифро «хоссаи шуарои Аҷам» [7, 142] таъбир кардааст.

Аз муҳаққикони назарияи шеъри гузашта Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ дар «Ал–мӯъҷам» аввалинбор маънии истилоҳӣ ва ҳунарии онро шарҳ дода, аз ҷумла навиштааст: «Ва радифи қофия калимае бошад мустақим мунфасил аз қофия, ки баъд аз иштоми он дар лафз ояд, бар вачҳе, ки **шеърро дар вазну маънӣ бад-он ҳоҷат бошад** ва ба ҳамон маънӣ дар охири ҷумлаи абёт мутакаррар шавад…» [3, 210].

Радиф дар шеъри форсии тоҷикӣ қофияро мукаммал сохта, таносуби комилеро дар сохтори шеър ба вуҷуд меоварад. Корбурди огоҳонаи он майдоне густурдаро барои ҳунарнамоии шоир муҳайё месозад. Агар дар корбурди радиф эътидол риоя шавад, «ҳам чафту басти абётро маҳкамтар ва мутмаинтар месозад ва ҳам ҳунари шоирро менамоёнад ва аз ин тариқ шеърро инсиҷом ва ҳаловати бештаре мебахшад» [2, 35]. Ба ин далел, шоирон низ бакоргирии радифро мояи ифтихор дониста, ба ҷанбаи ҳунарии он таъкид варзидаанд. Аз ҷумла, Хоқонӣ «радиф шеъри маро омадӣ ба кор» гӯён нақши онро дар устуворӣ ва таносуби сохтории шеър таъкид кардааст. Ду аср аз ӯ пештар Лукарӣ низ аз шеъри мураддафи хеш ифтихор карда гуфтааст:

Соқӣ, бидеҳ он гулгун қарқафро,
Наёфта аз оташи газ тафро.
Наздики амир Аҳмади Мансур
Бар кушк бар ин шеъри мураддафро [2, 210].

Воқеан ҳам радиф яке аз неъматҳои шеъри форсии тоҷикӣ буда, аз ҷиҳати мусиқӣ, маъонӣ ва аз назари таркибот ва маҷозҳои бадеъ ба шеър зебоӣ ва аҳамият мебахшад ва мояи бедории афкору андешаҳо ва ангезиши завқи солим мешавад.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Рисолаи қофия» «бар сабили истиқлол»-и [7, 142] радиф «дар охири ҳама абёт» [7, 142] таъкид варзида, худ дар таҷрибаи шоириаш дилнишинтарин ашъор, ба вижа мусиқиёттарин ғазалиёташро дар шакли мураддаф сурудааст. Радифи ғазалҳои Ҷомӣ бо содагӣ ва бепироягӣ ба шеъри ӯ ҳусн бахшида, ба аносири дигари байт дарҳам омехтаанд ва таносуби сохтори ғазалро қавӣ сохтаанд. Дар тарзи нигориши шоир такрори вожагон, ҳамовоӣ ва таносуби калимот ё худ тазоди байни онҳо гӯши ҷони соҳибони завқро менавозад ва хотири ононро ба нишот меоварад. Аз ин назар, таҳқиқу таҳлил ва шинохти нақш ва ҷойгоҳи радиф дар

ғазалиёти Ҷомӣ ба масъалаи ташаккул ва таҳаввули радиф дар шеъри тоҷикӣ марбут мешавад.

Корбурди радифҳои ғайриодӣ ва маъмулӣ далели онанд, ки Ҷомӣ ба он гурӯҳи шоироне мансуб аст, ки навъҳои зикршудаи радифро огоҳонаистифода карда, ба ин васила ҳудуд ва миқёси ҳунарии корбурди онро танаввуъ ва тафаннун бахшидааст. Шоири бузург дар ин замина ҳам дақиқии суннатии радифсозиро риоя кардааст, ҳам вожаҳоеро ба кор гирифта, ки диққати хонандаро бо оҳанги ғайриодиашон ҷалб мекунад. Бо мақсади гуногунранг сохтани ҳайати радифҳо Ҷомӣ вожаҳои маъмулӣ ва серистифода, аз қабили **гӯям**, **гирям**, **мегӯям**, **кардем**, **нагирям** ва ғайраро ҳадафмандона ба кор гирифтааст.

Дар ин равиш корбурди таркибҳои феълӣ низ дар тарзи нигориши шоир мусиқизо ва муассир аст. Масалан:

Биё, эй ашк, то бар ҳоли зори **хештан гирям**,
Чу шамъ аз меҳнати шабҳои тори **хештан гирям** [6, 231].

Дар радифи **хештан гирям** илова ба феъли том буданаш ва таносуби он бо бофти ғазал, офаринишҳои ҳунарӣ ва мусиқиёиро ҳам аз такрори мусавватҳо ва сомитҳо, муроот, назир, тазод, маҷоз ва ғайраро метавон бо чашми ҳис дид ва бо гӯши завқ шунид.

Камоли ҳунари шоирро дар ин равиш аввалан бакоргирии огоҳонаи радиф ва танаввуъи он ошкор созад, аз сӯи дигар дар тарзи нигориши ӯ радиф ҷанбаи таъкид гирифта, такрори бештари калимот сухани шоирро устувортар ва нағмаи онро дилнишинтар сохтааст.

Зоти радифҳои ҷумлаӣ ва шабеҳи ҷумла дар ғазалиёти Ҷомӣ ҷойгоҳи хос дошта, такрори онҳо мусиқизост. Ин навъи радифҳо фаровон ба чашм мехӯрад, ки гоҳе чанд рукни арӯзиро месозанд:

Эй ба боло **ҳамон, ки медонӣ**,
Ту гулӣ, мо **ҳамон, ки медонӣ**.
Гар равӣ дар чаман, зи рашки қадат
Равад аз ҷо **ҳамон, ки медонӣ**.
Бари ту симобу андар сим
Санги хоро **ҳамон, ки медонӣ** [6, 506].

Радифи ин ғазал аз ду рукни арӯзӣ ташкил ёфта, оҳанг ва мазмуни шеърро тақвият бахшидааст. Ба ифодаи дигар, радиф дар ғазалҳои Ҷомӣ нақши мусиқоӣ ва савтӣ, ваҳдат бахшидан ба афкор ва тахаюлоти шоир, эҷоди мафҳумҳо ва таркибҳои нав дар шеър, эҷоди ваҳдат байни сароянда ва хонанда, барҷастасозии тасвир ва мазмунро дорад, ки то ҷое хусусияти хосси ғазалҳои шоирро низ ифода мекунад.

Ҷомӣ зимни корбасти тамоми коркардҳои ёдшудаи радиф бо истифода аз зарфиятҳои забонӣ, аз ҷумла эҷоди маънои маҷозӣ, киноӣ ва истиории ҷадид дар таркиби калом ҳамаи хусусиятҳои радифро ифода карда тавонистааст. Масалан, дар ғазали зервожаи **нагирям** ба унвони радиф илова ба ифодаи ранҷи қаҳрамони лирикӣ ба василаи ифшои ҳол, зимни барҷаста кардани мазмун ва ваҳдат бахшидан ба афкор ва тахаюли худ, бо эҷоди ваҳдат байни сароянда ва хонанда бо ин вожа ва ба вуҷуд овардани наздикии дидорӣ ва шунидорӣ, мафҳуми хос, яъне фоҷиаи ҷудоии як инсонро аз гумкардаи худ ба сароҳат таҷассум намудааст. Илова бар ин, интихоби ин вожа ба унвони радиф мӯҷиби тадоъии маъонии вожаи **нагирям** ва маънии маҷозии он дар зеҳни хонанда ва офариниши мазмуни тоза шудааст. Инак ин ғазал:

Даме нагзарад, к-аз ғамат хун **нагирям**,
Зи васлат ҷудо мондаам, чун **нагирям**?
Чу афзун шавад дамбадам бе ту дардам,
На мардам, агар ҳар дам афзун **нагирям**!
Набинам ба тарфи чаман сарви нозе,
Ки аз шавқи он қадди мавзун **нагирям**.
Наёрам гоҳе сӯи лаб ҷоми бода,
Ки бар ёди он лаъли майгун **нагирям**!

Зи Лайлӣ маро ҳеҷ гаҳ ёд н-ояд,
Ки бар меҳнату дарди Маҷнун **нагирям**.
На хуни ҷигар монд, не оби дида,
На аз беғамӣ дон, ки акнун **нагирям**.
Набинам гаҳе гиряи зори Ҷомӣ,
Ки аз дидаву дил бар ӯ хун **нагирям** [6, 227].

Дар ин замина метавон гуфт, ки ҳунар ва таҷрибаи шоирии Ҷомӣ дар корбурди радиф чанд нуктаи муҳимро пеши назар меорад:

а) радиф дар ғазалҳои Ҷомӣ натанҳо мушкилофарин нест, балки тавонистааст ба афзоиши зарфиятҳои маъноӣ низ ёрӣ расонад.

б) Ҷомӣ дар сохтани радифҳои таркибӣ тавонманд ва навовар аст.

в) андешаҳои маҳдудро оид ба радиф барҳам мезанад.

Шафеии Кадканӣ яке аз аломатҳои таъсирбахшии радифро дар эҷоди таъбироти хоси забони шеър, тавсиъаи маҷозҳо ва истиораҳо мебинад, ки ҳақ аст [4, 142]. Чунин фазилати радиф дар ғазалҳои Ҷомӣ назаррас буда, шеъри ӯро пурранг ва таъсиргузор кардааст. Ба унвони мисол ба мақтаи зер аз як ғазали шоир таваҷҷуҳ кунед:

Ҷомӣ аз дарди ҷудоӣ ҳасби ҳоле менавишт,
Аз қалам оташ алам берунзаду дафтар **бисӯхт** [5, 289].

Ин ғазал дорои ҳафт байт буда, назар ва андешаи тозаи шоирро ба воқеият ба сурати бадеъ ифода кардааст. Бо таваҷҷуҳ ба абёти ғазал пай бурдан душвор нест, ки Ҷомӣ аз ҳамнишинии радифи феълии **бисӯхт** бо ҷузъҳои дигари матни ғазал таркибҳо, киноятҳо ва маҷозҳои бадеъӣ падид овардааст, ки аввалан қудрати шоириятӯро дар офаридани маъонӣ ва таркибҳои хос собит мекунад, сониян арзиш ва мавқеи радифро дар шеър бозгӯ менамояд.

Ҷомӣ бо истифода аз радифи зикршудаи феълӣ (бисӯхт) ба миқдоре таркиботи маҷозӣ, истиъорӣ ва киноӣ офарида, имконе фароҳам овардааст, ки хонанда бидуни таваҷҷуҳ ба риоя нашудани ваҳдати маъноии радиф, онҳоро ба осонӣ ва бегумон мепазирад.

Ҷомӣ бо истифодаи ин радиф тавонистааст, ки илова ба маънои зоҳирӣ хонандаро бо маънои маҷозӣ ва киноии радифҳои таркибӣ ошно созад.

Ҷомӣ дар эҷоди радиф монанди Хоқонӣ ҳинҷоршиканӣ накардааст, балки яксонии маъноиро риоя намудааст ва ба василаи офариниши таркибҳои истиъорӣ, киноӣ ва маҷозӣ зебоии бештари шеърро таъмин намудааст.

Ҳамин тариқ, аз ин мурури кӯтоҳ метавон ба ин натиҷа расид, ки радиф дар ғазалҳои Ҷомӣ пас аз қофия омада, дорои маънӣ ва ҳавзаи лафзии хос мебошад ва дар бофти калом маънои маҷозӣ ё худ киноиеро падид меоварад. Ба ифодаи дақиқтаре, Ҷомӣ дар эҷоди ғазал ба радиф аҳамияти фаровоне дода, навад дар сади ғазалҳояшро бо радиф гуфтааст. Дар ин миён радифҳои ҷумлаӣ, феълӣ, замирӣ ва таркибӣ дар тарзи нигориши ӯ ҷойгоҳи хос доранд. Шоири тавоно дар офариниши радиф илова ба таъмини забонҳои калон, мазмунҳои тозаро низ ҳадафи эҷодӣ қарор додааст, ки афзалиятҳои тарзи корбурди радиф дар тарзи нигориши ӯст.

АДАБИЁТ

1. Ватвот Р. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър / Рашидаддини Ватвот. Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳотиХудоӣ Шарифов - Душанбе: Адиб, 1990. – 160 с.
2. Мударрисзода А. Радиф дар шеъри форсӣ / Абдурризо Мударрисзода // Номаи пажуҳишгоҳ, 14 / 2. – с. 34 – 39
3. Қайси Розӣ, Шамсиддин Муҳаммад. Ал – муъҷам фӣ маъойири-ил- ашъор – ил – Аҷам / Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи он Урбатулло Тоиров – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
4. Кадкании Шафеъӣ, М. Мусиқии шеър / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ: чопи дувум, - Теҳрон: Огоҳ, 1378. – 168 с.
5. Ҷомӣ, А. Осор. Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди 1 / Абдураҳмони Ҷомӣ. (Ба чопҳозиркунандаАфсаҳзод Аълохон). – Душанбе: Адиб, 1986. – 559 с.
6. Ҷомӣ, А. Осор. Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди 2 / Абдураҳмони Ҷомӣ. (Ба чопҳозиркунандаАълохон Афсаҳзод). – Душанбе: Адиб, 1987 – 576 с.

7. Ҷомӣ, А. Осор. Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди 8 / Абдураҳмони Ҷомӣ. МураттибонАбӯбакр Зуҳуриддинов, Алӣ Муҳаммадиев, АсрорРаҳмонов – Душанбе: Адиб, 1990. – 496 с.

РЕДИФ В ГАЗЕЛЯХ ДЖАМИ

Редиф (словосочетания, повторяющиеся в конце стиха) в персидско-таджикской поэзии является важной структурой согласования смысла с рифмой, который также оказывает влияние на трансформацию стиха в музыку, создавая при этом песню. Этот поэтический метод широко и по-своему используют все персоязычные поэты. Редиф, являясь важным средством развития структуры языка и создавая созвучие стиха подобно музыке, занимает особое место в газелях Джами. Этот великий поэт уделяет особое внимание редифу и почти все его газели написаны именно с использованием стиля редифа. Целесообразное использование редифов в предложениях, в деепричастиях, местоимениях и составных предложениях в его стихах, обеспечивает единство смысла, красоту речи и свежее содержание, что говорит о поэтическом мастерстве этого великого поэта.

***Ключевые слова**: Редиф, рифма, газели Джами, единство смысла, созвучие стиха, поэтическое мастерство*

RADIF IN GHAZALS OF JAMI

Radif (word or phrases repeated at the end of the verse), in Persian-Tajik poetry, is an important structure for harmonizing meaning with rhyme, which also influences the transformation of the verse into music, creating thus a song. This poetic method is widely used in its own way by all Persian-speaking poets. Radif, being an important means of developing the structure of the language and creating a consonance of verse like music, occupies a special place in ghazals of Jami. This great poet gives particular attention to radif and almost all his ghazals are written using the radif style. The expedient use of radifs in sentences, verbals, pronouns and compound words in his poems, provides unity of meaning, beauty of speech and fresh content, which points to the poetic skill of this great poet.

***Keywords:** Radif, qaafiyaa, Jami's ghazal, unity of meaning, consonance of verse, poetic skill*

Сведения об авторе:

***Назар Бохруло,** аспирант отдела классической литература Института языка и литературы имени А. Рудаки АН Республики Таджикистан, e-mail: nazarbahrullo@gmail.com*

About the author:

***Nazar Bahrulo**, graduate student of the Department of Classical Literature of the Institute of Language and Literature named after Rudaki of Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, e-mail: nazarbahrullo@gmail.com*

Б. ОРТИҚОВ ВА ҲИКОЯИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

Исматуллоев М.Р.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Болта Ортиқов (1924 - 2001) аз ибтидо ба навиштани ҳикоя мепардозад ва бо роҳи эҷоди нав бо шаклу хусусиятҳои хоси ададбии худ ба дили бачагон роҳ меёбад. Ҳикояҳои Болта Ортиқов дар маҷмӯаҳои «Таътил», «Ба калонкардаат раҳмат», «Духтарчаи нағз», Себи орухӯр», «Ҳандалак», «Паҳлавон», «Бачаҳои лолазор», «Доғи хун» ва «Қиссаи мумиё» гирд оварда шуда, дар бораи ҳаёти пурҷӯшу хурӯши бачагон ва кору кирдори хонандагони имрӯза баҳс мекунанд.

Яке аз маҷмӯаҳои калони Болта Ортиқов бо номи «Повест ва ҳикоя» соли 1984 барои бачагони синни миёнаи мактабӣ ва синни хурди мактабӣ аз чоп баромад. Дар ин маҷмӯа чор повест: «Таътил», «Полвон», «Бачаҳои Лолазор», «Қиссаи мумиё» ва 22 ҳикоя барои бачагони синни миёна ва хурди мактабӣ, 10 ҳикоя барои хурдтаракон ҷамъ оварда шудаанд. Ҳикояҳоаз ҳаёти ҳаррӯзаи бачагон маълумот дода, инъикоси ҳаёти

воқеии онҳоро дар бар мегиранд. Маҳз воқеаву ҳодисаҳои ҳаёти наврасон сабаби ба риштаи наср кашидани таҳаюлоти нависанда гардида, пешкаши хонанда гардидаанд. Мавзӯъҳои асосии ҳикояҳои Болта Ортиқовро дӯстӣ, бародарӣ, якдигарфаҳмӣ, хониш, ҳурмату эҳтиром, далерӣ, ҷасорат, бетараф набудан, омӯхтани касбу ҳунар ва ғайра ташкил додаанд. Масалан, дар ҳикояи «Сӯхтор» дар бораи қаҳрамонии ду писарбачаи деҳотӣ Ҳайдар ва Толиб сухан меравад. Онҳо вақте ки нисфирӯзӣ ба хирмани колхоз барои падаронашон нону ангуру чой мебаранд ва аз байни гандумзори хоҷагӣ мегузаранд, мебинанд, ки чӣ тавр гандумзор сӯхта истодааст:

«- Ӯҳ! Ҳайдар! Нигоҳ кун, сӯхтор-ку!

Ман ба тарафе, ки ӯ нишон медод, нигоҳ карда дидам, ки каме дуртар аз мо, дар паҳлӯи роҳи оҳан сӯхтор пайдо шудааст.

Аз афти кор сӯхтор аз шарорачаҳои ангиштсанг, ки аз алавхонаи паровоз бо ҳамроҳи дуд мебарояд, пайдо шуда буд» (3, 310).

Бачаҳо вақтро аз даст надода, бо чусту чолокии худ ба куштани алангаи оташ сар мекунанд. Аммо забонаи оташ аллакай масоҳати зиёдро зери коми худ гирифта буд:

«Ҳарду ба даруни сӯхтор давида медаромадем, алафҳои сӯхтаистодаро бо пойҳоямон лагад мекардем, сангу кулӯх ҳаво дода, оташро хомӯш карданӣ мешудем, лекин фоида намебахшид.

– Ҳайдар – гуфт Толиб. Ман ба вай нигоҳ кардам. Абрӯ ва мижгонҳои ӯ сӯхта буданд.

– Тоз, ба хирманчиҳо хабар деҳ! – тарафи хирманро нишон дода гуфт ӯ» (3, 311).

Тамоми аъзои бадани Ҳайдар ба сӯзиш омада буд, вале фурсатро аз даст надода, ба сӯи хирман давид ва ягон сад метри дигар монда буд, ки Ҳайдар ба замин меафтад. Ӯ фарёд заданӣ мешавад, аммо овозаш намебаромад. Баъди якчанд дақиқа ӯ худро дар рӯи дастони падараш мебинаду оҳиста ба падараш мегӯяд, ки «дар қади роҳи оҳан сӯхтор аст» ва боз аз ҳуш меравад.

«-Давед! Давед! Ҳама ҷо сӯхта истодааст! Давед!

Ҳама ба тарафи роҳи оҳан давида рафтанд. ман боз аз ҳуш рафтам» (1, 312).

Ҳамин тариқ, бачаҳо эҳсос мекунанд, ки нигоҳубини моликияти ҷамъиятӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шахси солимфикр буда, онро ҳамеша чун гавҳараки чашм муҳофизат намудан лозим аст. Инчунин, Ҳайдару Толиб бачагони далеру ҷасуранд ва дар ҳама ҳолат дасти худро барои кӯмаки дигарон дароз менамоянд.

Болта Ортиқов дар ҳикояи дигар, ки «Дӯстӣ» ном дорад, дар бораи хониши Аҳмад дар мактаб ва бо русбача Коля дар лагери пионерӣ шинос шудану дӯстӣ варзиданро инъикос намудааст. Аҳмад аз ҳамаи фанҳо баҳои хубу аъло мегирифт, аммо аз фанни забони русӣ, ки муаллимашон Галина Николаевна буд, баҳои «ду» мегирифт. Лекин баъди он ки дар лагер бо Коля шинос мешавад, бо забони русӣ ҳам хондану навиштанро ёд мегирад ва дар рӯзи дуюми дарс баъди диктант навиштан аз Галина Николаевна суханони хуб шунида, баҳои «хуб» мегирад, ки самараи дӯстии бачагони тоҷику рус буд. Дар бораи хусусиятҳои эҷодиёти Б. Ортиқов профессор Ҷ. Бобокалонова чунин ибрози андеша намудааст: «Хусусиятҳои намоёни эҷодиёти Б. Ортиқов иборат аз он аст, ки чӣ қаҳрамонҳои асарҳояш, чӣ мавзӯъҳои рангинаш муҳиманд ва аҳамияти ахлоқӣ-тарбиявӣ доранд. Ба ҳамин хусусиятҳо ҳикояҳои нисбатан беҳтарини нависанда «Сӯзани пӯлодин», «Сим», «Сумка» ва монанди инҳо моликанд, ки дар ҳар кадоми ин ҳикояҳо симои фардии қаҳрамонҳо, хатти муайяни ҳаракати онҳоро дида метавонем (2, 117).

Дар ҳақиқат ҳикояҳои аввалини Б. Ортиқов аз камбудӣ ва нуқсонҳоорӣ набуданд ва аз тарафи адабиётшиносон ва мунаққидон дар солҳои 50-60-уми садаи бистум зери танқид шуда буданд. Дар баъзе ҳикояҳои ин давра, ба монанди «Ҳамроҳи сунъии замин», Полшӯяк», «Ҳандалак», «Шофёр» ва ғайра насиҳатҳои дуру дароз, кашол додани сухан мушоҳида мешавад ва нависанда барои кушода додани амалиёт ва симои қаҳрамонҳояш кӯшиши ҷиддӣ зоҳир накардааст.

Солҳои шастум ва ҳафтодуми садаи бистум Б. Ортиқов баъди пайдо намудани таҷрибаи бойи эҷодӣ ба навиштани асарҳои мукаммалтар махсусан барои эҷоди

образҳои мушаххас кӯшиши ҳамаҷониба намудааст. Чунончи, ҳикояи «Себи орухӯр» қиссаи аҷибе мебошад, ки бо обу рангитоза навишта шуда, мазмуни баланди тарбиявӣ дорад. Қаҳрамонҳои марказии ҳикоя ду писарчаи хурди деҳотӣ мебошанд. Қаҳрамони асосии асар бо писари Маъруфамак, ки номаш Фотеҳ буд, дӯстӣ дошт. Маъруфамак шахси ҳалиму хоксор буд. Ӯ бачаҳоро дӯст медошт, онҳоро дар гирди худ ҷамъ оварда, ҳар хел ҳикояву қиссаҳои аҷоиб нақл менамуд.

Маъруфамак дар лаби ҳавзи ҳавлиаш як себи орухӯр дошт ва ин себ дар вақтипухтанаш чунон ширин мешуд, ки дар деҳа ин хел себ набуд. Чи калонсолон ва чи хурдсолони деҳа пухта расидани себи сурхи Маъруфамакро бесаброна интизорӣ мекашиданд. «Себи орухӯр ба дараҷае хуштамъ ва ширин мешуд, ки ҳатто каме бехабар монанд, онро аз болои дарахт худи оруҳо хӯрда мерафтанд. Аз он фақат пӯсти тунук ва донаҳои майда-майда боқӣ мемонаду бас. «Ҳамин ки себи орухӯр мепухт, ҳавлии Маъруфамак ранги тӯйхонаро мегирифт. Ягон рӯзе беодам намешуд. Ҳамсояҳо паси ҳам меомаданд. Нишаста, мудаои табъ себ мехӯрданду байни худ таъриф мекарданд. Таъми ҳеҷ кадом себи қишлоқро ба он баробар карда наметавонистанд» (3, 351).

Аммо бачаҳо ҳис мекунанд, ки худи Маъруфамак аз себи ҳавлии худаш намехӯрад. Онҳо мақсад мегузоранд, ки аз соҳибхона инро пурсида, аз сирри он бохабар мешаванд. Рӯзе Маъруфамак себи калони сурхро гирифта ба Фотеҳҷон медиҳад ва бачаҳо ҷуръат намуда, ба ӯ ин саволро медиҳанд. Амак аввал хомӯш нишаста, баъд ба бачаҳо сирри он ҳодисаро муфассал нақл менамояд:

«- Шаш ё ҳафтсола будам, - гуфта ҳикояташро сар кард Маъруф амак. -Тобистон ҳаво гарм буд. Рӯзе чанд бор оббозӣ мекардем. Он вақтҳо саҳни ҳавлӣ васеъ буд. Дар миёнаҷои ҳавлӣ ҳавзча, дар як лабаки он дарахтча буд. Худаш нозук, ба шамоли сахттар хам мешуд. Танааш сарангушти ман барин борик буд.

Росташ, ман дар ҳавзча дуруст шино карда наметавонистам. Бинобар ҳамин, аввал нӯги шохи дарахтчаро маҳкам медоштаму сонӣ дар рӯи об кайф карда шино мекардам. Бо ду поям обро тапар – тупуркунон зада, онро ба чор тараф пош медодам.

Падарам маро медиду дартоз омада:

– Ҳой, ҳой Маъруф! – гӯён шиддат мекард. - Дарахтчаро сар те! Сар те!... - Ин дарахти мевадор, писарам, - гӯён падарам ба насиҳат додан мегузашт. – Аз нӯги шохчааш дошта хам кунӣ, танаи вай лат мехӯрад. Фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам» (3, 352).

Маъруфамак ин ҳодисаро нақл намуда, дар бораи бори дуюм ба оббозӣ машғул шуда, дарахти навниҳолро мешиканад ва рӯзи дигар падараш ҳавзчаро аз хок пур мекунаду дарахтро ду-се поя зада мебандад. Ва ӯ худро дар назди дарахт гунаҳкор меҳисобаду аз меваи он намехӯрад:

«Хайрият, ки дарахтча хушк нашуд. Вай ба воя расид, ҳосил кард. Вале ба назарам чунин менамояд, ки ҳанӯз аз дилаш ҳамон алам нарафтааст. Вай ҳамеша ба сӯи ман бо нафрат менигарад. Гӯё «Ту нобудкунандаи ман будӣ. Чаро боз ба наздам меоӣ, боз бамеваам даст дароз мекунӣ? – мегӯяд.

Себи орухӯре, ки бо ширинаш ба ҳамаи аҳли деҳа манзур мебошад, ҳамон дарахчаи ман шикастагӣ аст» (3, 353).

Хулоса, ин ҳодисаи нақл намудаи Маъруфамак бачаҳоро хеле мутаасир намуд. Гарчанде ки Маъруф амак ин амалро дар хурдиаш содир намуда буд, аммо ниҳолчаро парвариш кард ва самараашро тамоми аҳли деҳа мечашанду ба ӯ «офарин» мегуфтанд.

Бале, ҳикоя хеле ҷолиб омадааст ва ба дили хонандаи хурдсол зуд ҷо мекард. Илова бар ин, дӯст доштани меҳнатро дар қалби бачагон мепарварад.

Болта Ортиқов ҳикояҳои «Муҳаррири ҷавон», Ҳандалак», «Тангаи зард», «Лой» ва ғайра дар мавзӯҳои гуногун сухан гуфта, моҳияти ҳар як масъалаву ҳикояҳоро батафсил нақл намуда, гиреҳкушоии онҳоро ба наврасон нишон додааст. Мусбат ҳал шудани ҳар амали бачаҳо, боиси боз ҳам шавқовартар шудани ҳикояҳо гардидааст.

Як қисми ҳикояҳои маҷмӯа барои хурдтаракон навишта шудааст. Ҳикояҳо хурд-хурд буда, муҷаз нигошта шудаанд. Онҳо дар мавзӯҳои гуногуни тарбиявӣ навишта шуда, ба завқи табиати бачагон мувофиқанд. Чунончи, дар ҳикояи «Аз ин мондаву аз

он ронда» дар бораи пишаки ҳарисе сухан меравад, кибаъзе табиати бачагон ба монанди ғурур, худписандӣ, беҳурматиро мазаммат менамояд. Дар ҳикояи «Ба калонкардаат раҳмат» нависанда тарбияи дурусти ду писарбача – Табар ва Зафарро инъикос намудааст. Онҳо дар канори роҳ бозӣ доштанд, роҳгузаре аз онҳо як коса об хоҳиш менамояд, аммо Табар ҳар хел баҳона мекобад:

«-Меовардаму дар хонаамон коса надорем, гӯён баҳона кард.

– Дар сатил биёрӣ ҳам майлаш, писарам, - гуфта боз зорӣ кард роҳгузар. – Хез, шери амакаш.

– Мехестаму аммо дар хонаамон об набудагист-дия, - гӯён баҳонаи дигар ёфт. – Сатиламон ҳам сӯрох шудагӣ» (…, 390).

Роҳгузар дар қаҳру ғазаб шуда буд, ки дар ин ҳолат Зафар як коса об оварда ба роҳгузар дод. Роҳгузар ба Зафар «Ба калонкардаат раҳмат, писарам» - гуфту ба роҳи худ рафт.

Тарбияи дурусти фарзанд, ба ақидаи нависанда, пеш аз ҳама аз падару модар ва оила сарчашма мегирад. Амалҳое, ки фарзандон дар кӯчаю мактаб содир мекунанд, боиси ташвишу ранҷи волидайн мегарданд. Б. Ортиқов дар ин навъ ҳикояҳояш ба мақсад ноил гаштааст.

Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ибтикори Асосгузорисулҳуваҳдат, Пешвои миллат, Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қонун дар бораи «Масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» ба тавсиб расонида шуда, амалӣ гардида истодааст. Ин қонун барои боз ҳам ба тарбияи дуруст фаро гирифтани наврасон мусоидат намуда, вазифаҳои мушаххасро дар назди падару модароноид ба тарбияи фарзанд мегузорад.

Ҳикояҳои ҳаҷвии Б. Ортиқов барои калонсолон, ки бо ҳаҷви тезу тунд писанди хонандагон гардидааст, ҷолиб аст. Ҳар ҳикояе, ки бо қалами нависанда навишта шудааст, калтакест бар сари ҳаннотон, муфтхӯрон, косалесон, хушомадгӯёну қаллобон. Нависанда камбудӣ ва нуқсонҳои дар ҷамъият ҷойдошта ва шахсони алоҳидаро зери тозиёнаи танқид гирифта, онҳоро фош намудааст. Образҳои манфии ин гуна персонажҳо дар ҳикояҳои «Ормони Ҳодӣ Пиён», «Дарси расм», «Қассоб», «Хизмати хирсона», «Раиси ҳисобдон» ва ғайра моҳирона инъикосёфтаанд. Умуман, ҳикояҳои Болта Ортиқов бо хусусиятҳои таълимӣ ва тарбиявии худ дар адабиёти бачагонаи тоҷик мавқеи арзандаро доранд.

АДАБИЁТ

1. Амонов Р. Правда жизни и художественная правда. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 381с.
2. Бобокалонова Дж. Материалы по таджикской детской литературе. – Душанбе: Маориф, 1975. – 208с.
3. Ортиков Б. Повести и рассказы. – Душанбе: Маориф, 1984. – 398с.

БОЛТА ОРТИКОВ И ТАДЖИКСКИЕ ДЕТСКИЕ РАССКАЗЫ

Автор статьи указывает на элементы, которые носят воспитательный характер в детских историях Б. Ортикова. В них раскрыты темы: дружбы, братства, уважения и взаимопонимание, смена героев, овладение профессией. Повести «Таътил», «Полвон», «Бачаҳои Лолазор», «Қиссаи мумиё» предназначены для детий младшего возраста.

Интересные истории увлекают детей различными жизнеными ситуациями, возникающими препятствими, решения которых достигается с помощью добрых дел и проявления положительных качеств характера героев, которые являются примером для маленьких читателей.

Ключевые слова: *проза, детская литература, жанр, критик, соискатель.*

BOLT ORTIQOV AND TAJIK CHILDREN STORIES

Researcher in his article indicates on the elements, which have educationfeature in the children history of B. Ortiqov. The themes, like friendship, brotherhood, respect and relationships, brave of heroes, professionmastering are described in his works. Essays, like"Tatil", "Polvon", "Bachahoi Lolazor", "Qissai mumiyo" are written for the children of small age. An interesting history attracts children form difference lite situation arose barriers, decision which is

reached by the help of kind activities and emerge of heroes character which are example for littlereaders.

Keywords: *prose, children literature, genre, critic, literature, researcher.*

Сведения об авторе:

Исматуллоев Мирзо Раджабалиевич, *кандидат филологических наук, доцент, докторанту ТГПУ им. С. Айни*

About the author:

Ismatulloev Mirzo, *Ph. Din philology sciences, Associcele professor, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.*

МАСОИЛИ ИЛМУ МАОРИФ ДАР НАХУСТНАШРИЯҲОИ ДАВРИИ ТОҶИК

Хуршед Андамов

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки матбуоти сирф тоҷикӣ аз нашри нахустин рӯзнома -«Бухорои шариф» дар таърихи 11 марти соли 1912 ба вуҷуд омадааст. Бояд зикр кард, ки пайдоиши матбуоти тоҷик дар оғози садаи 20 -ум пурра ба фаъолияти маорифпарварони тоҷик алоқаманд аст. Чун сухан аз ин ҳаракат меравад, ҳадафи аслии маорифпарварон низ рушди маориф, дигаргунсозии низоми маорифи кишвар ва ба ин васила беҳтар кардани сифати таълиму тадрис дар мактабҳо ва босавод кардани мардум буд. Дар ин росто, яъне ислоҳоти илму маориф дастандаркорони «Бухорои шариф» заҳмати зиёде кашидаанд. Ин аст, ки бархе аз муҳаққиқон, «Бухорои шариф» -ро ба як маънӣ на танҳо аввалин нашрияи тоҷикӣ, балки нахустнашрияи соҳаи маориф низ мепиндоранд. Зеро дар шумораи аввалини нашрия ҳадафи рӯзнома баробари хизмат ба ислом «дар нашри осори маориф», хизмат ба рушди маориф дониста шудааст, «Пас бар ҳасби авқот ва замина пояи улуми маорифро бояд тараққӣ дод» [1, 1].

Дар ин мақола ибрози умедворӣ мешавад, ки аҳли илму маориф ривоҷи илмро бо самимияту ҷиддият хоҳонанд. Бо он ки “Бухорои шариф” рӯзномаро илмӣ, адабӣ, ахлоқӣ, фаннӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буд, аммо ҳадафи наҷиберо пайгирӣ кард ва ин ҳам бошад таҷдиди ҷомеа ва ислоҳи мактабу мадорис аст. Аммо муҳим ва зарур будани рӯзномаро барои рушди маориф дар ҷомеа равшанфикрони давр хуб дарк намудаанд. Ба таъкиди равшанфикрон рӯзнома беҳтарин асбоб дар нашр ва таълими маъориф мебошад.

Ба хотири огоҳӣ пайдо намудани мардум аз навгониҳои ҷомеа аз шумораи нахустини “Бухорои шариф” оғоз намуда, ҳаводиси тозаи олам дар “Бухорои шариф” мунъакис меёфт. Дар ҳар саҳифа, гӯшаҳои “Ахбори маҳаллӣ”, “Хабарҳои хориҷа” ҷой доштанд. Зеро аҳли эҷоди нашрия огаҳ будани мардумро афзалтар аз нодониву ногоҳӣ медонистанд ва на танҳо аз ҳаёти дохили Бухоро, балки аз рӯйдодҳои хориҷӣ низ хабарҳо таҳия мекарданд. Дар аксари навиштаҳои худ, рушанфикрони «Бухорои шариф» аз бесаводии аҳли ҷомеа ва аз бемаънавиятӣ изҳори ташвиш карда ва нигоштаҳои пурдарду аламеро дар ин замина таълиф карданд то ба мардум таъсире расонанд. Зеро ҳар навиштаи онҳо муаммои рӯз ва иллати ҷомеаи он замонро дар бар мегирифт. Бо ёдоварӣ аз гузаштаи пурифтихор, равшанфикрон орзуи онро менамоянд, ки ин ғубори ҷаҳолату нодонӣ зудтар аз кишвар дур гарданд. Аз боби ободии Ватан ҳарф зада онҳо таъкид намудаанд, ки “бузургтарин хидмати ватани имрӯза (омма – Х. А.) ин аст, ки дар таълими нашри маориф ва мактаб ва ислоҳу тартиботи таълим ва таҳсилу илм кӯшиш намоянд” [1. 1].

Нияту мақсуди маорифпарварон, ки дар аксарият навиштаҳояшон зикр шудааст, ба оммаи мазлум зарраи умедро барои фардо равшан месохт. Чунончӣ, дар мактубе, ки ба рӯзнома омадааст, мехонем; “Умедворем, ки ҷамъияти нашри маориф ва ислоҳи мактаб

ташкил шуда, саъодат ва шарофати ҳар қавм ва миллат ҳамоно манфиат ва марбут ба таълим ва такмили дастгоҳи маъориф ва тарбият аст” [2. 2].

Аз навиштаҳои “Бухорои шариф” бармеояд, ки маорифпарварон дар ғами фардои миллати тоҷик буда бештар барои наҷоти миллат, эҳёи арзишҳои миллӣ ва барпо намудани ҷомеаи маънавӣ талош мевазиданд. Ба надешаи донишманди тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ “Масъалаи растагорӣ, масъалаи асосии замон буд, ки дар сари он ҳар равшанфикре ба таври худ теша ба решаи андеша мезад” [3.7].

Бояд таъкид кард, ки ин гуна шеваи андешаронии аҳли равшанфикри Бухоро барои аҳли ҷомеа писанд буд. Хонадагони рӯзнома умедвории худро аз равшанфикрону маорифпарварони давр жар мактубҳои худ ба идора баён намуданд. Онҳо рушди бомароми ҷомеаро дар оянда ба донишмандон нисбат дода, таҷдид ва ислоҳи ҷомеаро ба ширкати фаъоли аҳли фарҳангу зиё марбут донистанд.

Ҳамзамон хонадагони рӯзнома низ барои амалӣ шудани афкори волои маорифпарварон на танҳо ҳамовозӣ мекарданд, балки таблиғу тарғиб менамуданд. Мусаллам аст, ки равшанфикрони давр дар нигоштаҳояшон воқеияти рӯз ва иллатҳои ҷомеаро матраҳ намуда, масъалаи асосии давр, таҷдид ва ислоҳи ҷомеаро ҳамаҷониба ба риштаи таҳлилу баррасӣ гирифта ва таъкид мекарданд, ки рӯзе фаро хоҳад расид, ки баробари башарияти пешқадам гом хоҳем бардошт.

Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва Мирзо Сироҷи Ҳаким ду тан аз равшанфикрону маорифпарварони аввали садаи 20 буданд, ки дар куллия нигоштаҳояшон тариқи “Бухорои шариф” мавзӯи илму донишандӯхтан ва тараққии миллати тоҷикро ҳадафи аслӣ ва аввалиндараҷаи худ мешумориданд. Мирзо Сироҷ дар баробари Мирзо Ҷалол дур шудани мардум аз илму донишро омили асосии паст рафтани сатҳи зиндагии инсонҳо ва камбуди мутахассисон медонад. Ӯ таъкид менамояд, ки барои соҳибкасб гардидан ҳар як пешаро бояд хуб омӯхт, вагарна бидуни таҳсил наметавон ба мақсуд расид. Зеро ба гуфтаи вай, “имрӯз мо илм ва санъатро аз даст дода, мӯҳтоҷ ва парешон гаштаем? Бо ин касрати нуфуз ва доштани маҳсулоти панба ва пашм ва абрешим чаро як корхона надошта бошем? Чаро тиҷоратхонаи дуруст ва як идораи ширкати чанднафаре ҳам мавҷуд надорем? Илми тиб ва ҳифзи сиҳатӣ аз мулки мо ба куллӣ маҳв шуда, ному нишоне боқӣ намондааст. Як табибе, ки аз илми тиб ва як ҷарроҳе, ки андак аз илму ташреҳ бохабар бошад, надорем, ҳар атторие табиб ва ҳар сартарош ҷарроҳ ва ҳар пирзани қобила ва ҳар корафтода файласуф аст” [4. 2].

Мирзо Сироҷ хуб дарк намуда, ки бе мактабу устод нафаре соҳиби касбе шуда наметавонад.

Масъалаи умдаи дигаре, ки бештари равшанфикрон, аз ҷумла Мирзо Сироҷро бетараф нагузоштааст, ин муаммои китобхонаҳо дар аморати Бухоро аст. Ин мавзӯъ дар мақолае бо номи “Лузуми қироатхона ва китобхона” дарҷ гардидааст. Мирзо Сироҷ китобхонаро барои танвири афкори аҳолӣ лозим дониста, таъкид менамояд, ки “доштани китобхона аз барои ҳар қавму миллат лозим аст” [4. 3]. Ин маорифпарвари тоҷик китобро яке аз омилҳои рушди ҷаҳонбинӣ ва афкори омма ҳисобида, таъкид намудааст, ки ташкил ва зиёд намудани сафи китобхонаҳо амали саривақтист. Чун мардуми тоҷик аз азал ба китоб майлу рағбати зиёд дошт ва барои мардуми фарҳангдӯст, китоб чизи муқаддас аст, “сухани китобӣ эътибори куллӣ дошт ва дар оддитарин мавриди зиндагӣ ҳам аз рӯи тавсияи китоб амал мекарданд”[4. 3].

Бо дарки он ки китоб ба ташаккули маънавии шахс ва соҳибилм гардидан мусоидат менамояд, равшангарон дар аксарият нигоштаҳояшон ба ин мавзӯъ таваҷҷӯҳ намудаанд. Бешак “Бухорои Шариф” таблиғгари илм аст. Зеро аз оғоз то ба охир ин омили асосии инсонсоз мавриди таблиғи рӯзнома қарор гирифтааст. Воқеан, метавон гуфт, ки бузургдошти илму дониш дар навиштаҳои ҳама равшанфикрони Осиёи Миёнаи ибтидои садаи 20 ба назар мерасад.

Аз навиштаҳои маорифпарварон бармеояд, ки ҳолати нобасомони ҷомеа онҳоро дар канор нагузошта, онҳо бо дарду алам дар бораи ақибмондагии маънавии мардум

матолиби мухталиф нашр мекарданд. Онҳо аз ин роҳ ба дарди ҷомеа малҳам мебахшиданд ва аз тариқи тарғибу ташвиқи илмомӯзӣ мардумро роҳнамоӣ карда ва онҳоро аз вартаи ҷаҳолату нодонӣ наҷот медоданд. Ба хотири исботи андешаҳо ва афкори худ, равшанфикрони давр аз боби пешравӣ ва рушду нумӯи соҳаҳои мухталифи мамолики Ғарб мисолҳои фаровонро дар навиштаҳояшон истифода мебурданд. Албатта ин амали равшанфикронро саривақтӣ донист, зеро қисми зиёди аҳолӣ ба сабаби қашоқӣ ва нодорӣ ба ҷузъ зодгоҳи худ ва ҳудуди аморат, шояд дигар маҳаллеро надида буданд. Аксари равшанфикрон, ки ба сафари кишварҳои хориҷа баромада буданд, дидаву шунидаҳояшонро рӯи саҳифаҳои рӯзнома менигоштанд ва дар бораи пешрафтҳои он кишварҳо қиссаҳо мекарданд.”Тӯҳафи аҳли Бухоро” аз арзишмандтарин китоби Мирзо Сироҷ аст, ки дар пайи сафарҳояш ба хориҷи кишвар навишта шудааст.

Ба таври хулоса рӯзномаи “Бухорои Шариф”-ро бидуни шак таблиғгари илм бигӯем хато намешавад, зеро аз оғоз то ба охир ин омили асосии инсонсоз дар саҳифаҳои нашрия матраҳ шудааст.

Рӯзномаи “Бухорои Шариф” чун нахустин нашрияи тоҷикӣ дар инъикоси воқеиии муаммо ва иллатҳои ҷомеа, дар тарғибу ташвиқи мактабҳои усули ҷадид, дар таблиғи ислоҳ ва таҷдиди ҷомеа нақши босазо дорад. Ин аст, ки нахустнашрияи тоҷикӣ заминаро барои дигар нашрияҳои ин давр барои инъикоси мушкилоти мактабу маориф фароҳам кард. Зеро бидуни шакку шубҳа, рӯшанфикрони оғози садаи 20 - уми тоҷик ба маънии пурра - маорифпарвар, тарафдори аҳли маориф буданд. Яке аз симоҳои барҷаста дар ин росто, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ (1875-1919), ки вай ношир ва муассиси нашрияи дузабонаи «Самарқанд» (апрели соли 1913) буд. Тибқи иттилои «Шӯълаи инқилоб” мавсуф аз сармояи худ, мактаби тоҷикӣ кушод ва барои тарбияи маорифпарварони Самарқанд хизмати бузурге кардааст. Бо вуҷуди

баъзе ихтилофи назар шоҳидони ҳол изҳор намудаанд, ки ин шахси наҷиби тараққихоҳ ва навовар дар солҳои қабл аз инқилоб ва аввали Ҳукумати Шӯро бисёр хизматҳои шоистаеро барои мардуми тоҷик анҷом додааст. Зеро дар ҳамаи 45 шумораи рӯзномаи таъсисдодаи мавсуф ба «Самарқанд» роҷеъ ба масъалаҳои мактабу маориф мақолаҳо чоп шудаанд. Дар 200 мақолаи ин рӯзнома проблемаи мактабу маориф ва ба хусус усули таълими ҷадидия мавриди баҳс қарор гирифтааст. Муҳаққиқи тоҷик, профессор Мурод Муродов дар бораи ин нашрия менигорад, “Дар “Самарқанд ба ҷузъ масъалаҳои мактабу маорифи нав, балки рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии шаҳри Самарқанд, Туркистон ва Русиву мамлакатҳои дигар низ интишор мегардиданд. Аммо матолиби тоҷикии онро асосан қазияҳои мактабу мадраса ташкил медиҳанд” [5. 54 – 55].

Маҷаллаи “Оина” низ аз дигар иқдомҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аст, ки 20 августи соли 1913 бо ҳамроҳии чанд нафар аз маорифпарварон, аз ҷумла Муҳаммадқулӣ Урунбойзода нахустин шумораи он ба табъ расидааст. Беҳбудӣ дар сармақолаи маҷаллаи “Оина” ҳадафи аслии нашрияро таблиғи мактабу маориф ва бедории рӯҳии мардум унвон мекунад, «Агар аз онҳо пурсида шавад, ки ислоҳ аз куҷо сар мешавад, ҷавоб хоҳанд гуфт, ки аз мактаб ва маориф. Чунки ҳаёти миллат вобаста ба мактабу мадраса аст. Мактаб ва мадрасаи кадом миллат, ки обод аст, он миллат худро мудофиа мекунад, ҳам соҳиб ва ҳокими дигар миллатҳо мегардад, мактаб ва мадрасаи кадом миллат, ки хароб аст, ҳоли худи он низ хуб нест… Пешрафти фазлу ҳунар, ислоҳи ахлоқ ва одоб, хубии маишат ва зиндагонии ҳар тоифаро сабаб мактаб ва мадраса аст. Оре, ба мо - туркистониён, иморати мактаб ва маориф кам нест, вале кайфияти таълими он хуб нест ва илме, ки ба замони мо лозим аст, дар мактабу мадрасаҳои мо нест…» [6.2].

Аммо дар нашрияҳои Беҳбудӣ як сабаби қафомонии мактабу маориф дар муллову мударрис дониста шудааст. Дар ин масъала - усули нодурусти таълими мактабу мадрасаҳои Бухоро, барномаҳои нокифояи таълимии онҳо, хотираҳои устод Айниро ба хотир овардан кофист. Ислоҳи усули мактабдорӣ ва барномаи он дар назарияи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар ҷойи аввал меистад. Ба назари ӯ, дар мактаб баробари илми

динӣ, илмҳои замонавӣ: география, тиҷорат, ҳандаса, тиб ва ғайра низ бояд омӯхта шавад.

Масоили мактабу маориф, ба дунболи "Бухорои шариф" ва нашрияҳои «Самарқанд» ва «Ойина»-и Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, дар «Шӯълаи инқилоб» низ ба таври густарда инъикос ёфтааст. Муҳаррири ин нашрияи бонуфузи тоҷикӣ, Саидризо Ализода, азбаски худ муассис, муаллими мактабҳои нав ва муаллифи китобҳои дарсӣ буд, ба мактабу маориф таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ва зиёд дошт. Аҳамияти китобҳои дарсии таълифкардаи ӯ ба ҳамагон маълум аст. Мавсуф соли 1920 китоби дарсии «Китоби нахустин» ва 1926 «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-ро таълиф кард, ки дар мактабҳо таълим дода мешуданд. Ин китобҳо то кунун аҳамияти худро гум накардаанд. Ализода ҳанӯз пеш аз инқилоб дар рӯзномаи «Ойина» дар бораи ислоҳоти мактаб, зарурияти таълими илмҳои лозима мақолае чоп намуда, изҳор намуда буд, ки ислоҳоти ҷомеа аз мактабу мадраса оғоз меёбад. Дар солҳои нахустини барқароршавии ҳукумати шӯравӣ, Саидризо Ализода муаллим буд, баъди таъсиси рӯзномаи «Иштирокиюн» ба он ба кор гузашт. Вақте дар ҳукумати Туркистони шӯравӣ шӯъбаи форсӣ таъсис ёфт, Ализода мудири он таъин гардид. Аз 7 марти соли 1919 муҳаррири «Шӯълаи инқилоб» буд. Хизматҳои ӯ дар ин вазифа дар ҷиҳати инъикоси соҳаи мактабу маориф зиёд аст. Ҳамин тавр, Саидризо Ализода яке аз фидоиёни мактабу маорифи тоҷик буд. Аз ин рӯ, «Шӯълаи инқилоб» бо сарварии ӯ дар инъикоси масъалаҳои маориф нақши сазовор ва созанда гузошт.

Афзун ба нашрияҳое, ки зикрашон рафт, рӯзномаи аз ҳама бонуфуз ва пурифтихори миллати тоҷик «Овози тоҷик» низ дар инъикоси масъалаҳои мактабу маориф саҳми барҷаста гузоштааст. Аслан гиред, вазифаи асосии ин нашрия бедор намудани миллати тоҷик, худшиносӣ ва маърифатандӯзӣ буд. «Овози тоҷик» (аввал «Овози тоҷики камбағал») 25 августи соли 1924 ҳамоно баъди ташкили ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон нашр гардид. Он аз рӯзи аввал ба таъбири Садриддин Айнӣ «ба танвири афкор ва таълими маориф кӯшид». Бинобар ин, устод Айнӣ шеъре бо номи «Овози тоҷик» навишт, ки дар он зикр шудааст:

Фақат бемактабӣ дар аҳди ҳозир
Каме монеъ шуд аз парвози тоҷик [7.1] .

Ба ин тартиб, масъалаҳои асосии рӯзномаи мазкур аз инъикоси ҳаёти мактабу маориф, босавод гардондани аҳолӣ, маърифатнок намудани онҳо иборат буд. Соли 1925 дар Конибодому Исфара митинг ташкил шудааст. Ин далел маҳз аз ин газета дарёфт шуд. Хабар дода мешавад, ки митингчиён талаб карданд, ки мактабҳои ин ду шаҳр ва коргузории давлатӣ дар ин шаҳрҳо ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шавад. Зеро мардуми ин шаҳрҳо тоҷиканд. Дар як силсила мақолаҳои Садриддин Айнӣ ва Саидризо Ализода мушкилоти ба мактаб ҷалб намудани ҷавонон, таъсиси мактабҳои тоҷикӣ, нашри китобҳои дарсии тоҷикӣ, тарбияи муаллимони ҷавони мактабҳои тоҷикӣ бардошта шудааст. Дар рӯзнома аз ҳаёти мактабу маориф, муаллимони тамоми минтақаҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна хабару мақолаҳо чоп мешуданд. Қисмати зиёди онҳо мақолаҳои проблемавӣ буданд, масъалаҳои ба миёномадаро баррасӣ намуда, масъалагузорӣ карда, роҳи ҳалли онҳо низ нишон дода мешуд. Чунончӣ, Саидризо Ализода дар мақолаи «Тоҷиконро чӣ тавр мефиребанд?» ҳодисаи маҷбуран бо забони ӯзбекӣ таълим додани бухориёнро мавриди танқиди шадид қарор дода, ниҳоят мегӯяд; «Имрӯз - фардост, ҳамаи тоҷикони Бухоро бо овози баланд фарёд кунанд: Мо тоҷикем ва ба забони тоҷикӣ бояд дарс бихонем [8. 3].

Ҳамчунин, яке аз ташаббусҳои неки рӯзнома аз он иборат буд, ки муаллимони соҳибмаълумот, ҷавононро аз шаҳрҳои марказӣ даъват мекард, ки ба ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор раванд, мактабҳои тоҷикӣ таъсис диҳанд, дар босавод намудани мардум саҳм гузоранд. Дар ҳамон солҳои бистуми асри бист низ даъвати «Овози тоҷик» бенатиҷа намонд. Маҳз бо даъвати ин нашрия бисёр шахсони босавод аз шаҳрҳои марказӣ ба ноҳияҳои дурдасти тоҷикнишин ба кор рафтанд.

Рӯзнома барои муайян кардани сатҳи саводи ҷавонон озмун эълон карда буд. Рубрикае дошт бо номи «Сарбозони илму маорифи тоҷик», ки дар он аз таҷрибаи муаллимони пешқадам ва фидоӣ нақл карда мешуд. Ногуфта намонад, ки «Овози тоҷик» нахустин ва ягона рӯзномае буд, ки забони нашри худро тоҷикӣ номид. Минбаъд он замимаҳои худро пайдо кард. Чанде аз онҳо пурра ба соҳаи маориф бахшида шуданд. Аз ҷумла, аз 13 январи соли 1929 замимаи «Саводи меҳнат» аз чоп мебаромад, ки барои муаллимоне, ки ба таълими алифбои лотинӣ гузаштаанд, дар назар дошта шуда буд. Он ҳашт шумора чоп шуд. Дар замима қоидаҳои гузариш ба алифбои лотинӣ чоп гардид. Ҳамчунин, оид ба мактабҳои нав, таҷрибаи омӯзгорони пешқадам хабару мақолаҳо чоп мешуданд. Мавзӯи асосии замима чун тамоми матбуоти ҳамондавраинаи тоҷик пурра аз миён бардоштани бесаводӣ маҳсуб меёфт. *М*аълум аст, ки вазифаи рақами яки маориф аз иҷрои ҳамин вазифа иборат аст.

Нашрияи дигар, "Иди тоҷик", ки баъдтар бо номи "Бедории тоҷик" ҳамзамон бо замони таъсиси Комиссариати халқи маориф ё Вазорати маорифи имрӯза (15 марти соли 1925) рӯзномаи сирф соҳавӣ аст, ки зери таҳрири нахустин нозири маорифи Тоҷикистон Аббос Алиев чоп шуд. Рӯи чоп омадани ин нашрия, тавъам будани кори маорифу матбуотро комилан собит кард. Зеро дар он солҳо матбуот ва маориф ба як мақсад хизмат мекарданд. Сабаби ба зимаи нозири маориф вогузор шудани таҳрири рӯзнома аз он иборат буд, ки Аббос Алиев таҷрибаи ноширӣ низ дошт (муддате муҳаррири «Озод Бухоро» буд – **Х. А**). Зеро 95 дарсади мутасаддиёни рӯзнома низ кормандони Комиссариати халқи маориф буданд. Илова ба ин матбаае, ки дар он рӯзнома чоп мешуд, дар тобеияти маориф буд. Дар ин вазъият Комиссариати халқи маорифи Тоҷикистон аввалин маҷаллаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ, адабӣ, фаннӣ, илмӣ ва танқидии соҳаи хеш - «Дониш ва омӯзгор»-ро таъсис дод. Шумораи якуми он ба муносибати яксолагии комиссариати маориф 1 марти соли 1926 аз чоп баромад. Зеро маориф ҳамеша ба матбуот, нашрияву маҷаллаҳо эҳтиёҷ дорад ва имрӯз ҳам ин ниёз кам нашудааст. Нашри “Дониш ва омӯзгор” нишондиҳандаи он аст, ки мардуми тоҷик аз нахустин рӯзҳои пайдоиши матбуоти советӣ, масъалаи мактабу маориф ва илму фунунро дар қадами аввал гузошта ва онро сарманшаи ҳастии миллат ва шукуфоии он медонанд. Аз ҷониби дигар ба чоп расидани маҷаллаи “Дониш – омӯзгор” далели он аст, ки Комиссарияти халқи маорифи Тоҷикистон барои амалӣ шудани мақсадҳои ин сохтор, яъне тараққии илму дониш ва баланд бардоштани қадру манзалати омӯзгорон алоқаманд аст. Дар маҷалла шоире бо номи Сурур дар таърихи чопи “Дониш – омӯзгор” гуфтааст:

Миллати тоҷик дар роҳи маориф зад қадам,
Кард инак баҳри ҷалби илм ҷони худ нисор… [9].

Аммо Аббос Алиев, муҳаррири масъули “Дониш ва омӯзгор”, дар сармақолаи худ бо номи «Иди яксолагии маорифи мо» рушди маорифи тоҷикро ҳамчун муҳимтарин зарурати замон арзёбӣ карда, роҷеъ ба комёбиҳо ва пешомадҳои соҳа сухан меронад. Вазифаҳои асосии маҷалларо аз тарғиби мактабу маориф, расондани ёрии методӣ ба омӯзгорон ва таҷрибаи пешқадам, иборат медонад.

Маҳз пас аз чопи ин ду нашрия, нашрияҳои омӯзгорӣ ё педагогӣ зиёд шуданд. Муҳимтарини он - маҷаллаи «Дониш – биниш» аст, ки дар моҳи августи соли 1927 дар Самарқанд рӯи чопро дид. Пас метавон хулоса кард, ки дар баробари чопу густариши нашрияҳо ва маҷаллаҳои маорифпарварӣ дар оғози солҳои 20 - уми садаи 20 -ум, ҷомеаи Тоҷикистон, ки тоза соҳиби ҷумҳурӣ шуда буд, ниёзи ҷиддӣ ва қотеъ ба як маҷаллаеро дошт, ки тавонад, мушкилоти соҳаи маорифу фарҳанг ва забону адаби тоҷикро бо баррасии мушикофонаи паҳлӯҳои нозуку нуҳуфтаи он, фарогир бошад. Ин маҷалла дар нахустин шумора

- “Дониш – биниш”, ки баъдан бо номи “Раҳбари дониш” нашр шуд, ба истилоҳе ливо ё парчами донишу маърифат ва забону адабро боло барафрохт ва дар ташаккули

матбуоти тоҷик ва рушду такомули бахшҳои умдаи давлатдорӣ ва ҳаёти мардуми тоҷик саҳмгузор гардид.

АДАБИЁТ

1. Мирзо Ҷалол. Ғояи омол // Бухорои шариф. 1912. №1, 11 март.
2. Мактуб аз Бухорои шариф // Бухорои шариф, 1912. №5, 16 март.
3. Шакурӣ Муҳаммадҷон. Сарнавишти форсии тоҷикии Фароруд дар садаи бист". –Душанбе. Адиб, 2003.
4. Мирзо Сироҷ. Лузумидониш. // Бухороишариф. 1912. № 28, 12 апрел.
5. Муродов М. Аз замон то замон (Нигоҳебапублитсистикаитоҷик). –Душанбе. Шуҷоиён, 2010. – 248 саҳ.
6. Беҳбудӣ Маҳмудхоҷа. Сармақола // Оина. 1913. №1, 20 август.
7. АйнӣС. Овозитоҷик // Овози тоҷик. 1924. №1, 25 август.
8. Ализода С. Тоҷиконро чӣтаврмефиребанд?. // Овозитоҷик, 1927. №12, моҳи декабр.
9. Сурур. // Дониш ва омӯзгор. 1926. №1, 1 март.

ПРОБЛЕМЫ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ В ПЕРВЫХ ТАДЖИКСКИХ ПЕЧАТНЫХ ИЗДАНИЯХ

В этой статье анализируются проблемы науки, и образования в первых изданиях таджикской печати начала XX века. А, именно «Бухорои шариф» (“Священная Бухара"), “Шуълаи инқилоб» ("Пламя революции"), «Овози тоҷик» ("Голос таджика"), “Бедории тоҷик”("Пробуждение таджика") и других изданих, созданых основу для появления журнала "Раҳбаридониш” в 20-и и 30-и годах XX века.

Ключевые слова: *первые издания, наука и образование, таджикские школы, проблемы библиотек, исправление общества, интеллигенция и просветители, национальное возрождение, интеллектуальное пробуждение.*

PROBLEMS OF SCEINCE AND EDUCATION IN THE FIRST TAJIK PRINT EDITION

This article analyzes the problems of science and education in the first editions of the Tajik press of the early 20th century. Namely «Bukhoroi Sharif» («Holy Bukhara»), «Shulai inqilob» («Flame of the Revolution»), «Ovozi tojik» («Voice of Tajik»), «Bedorii tojik» («Awakening Tajik») and other publications provided the basis for the appearance of the journal «Rahbari Donish» 20 and 30 years of the twentieth century.

Key words: *first editions, science and education, Tajik schools, the problem of libraries, fix society, intellectuals and educators, national rebirth, intellectual awakening.*

Сведения об авторе:

Хуршед Андамов *– соискатель Таджикского национального университета, e-mail:**hamdam2005@mail.ru***

About the author:

Khurshed Andamov*, researcher of Tajik National University, e-mail: hamdam2005@mail.ru*

САДРИДДИН АЙНӢ ВА НАҚДИ МАТБУОТИ ТУРКӢ ДАР ИБТИДОИ АСРИ БИСТ

Субҳони Аъзамзод

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ба аҳли таҳқиқ пӯшида нест, ки дар роҳи шаклгирии афкори миллии маорифпарварӣ ва ҷадидии тоҷикони Фароруд (охири садаи нуздаҳ ва ибтидои садаи бист) нақши рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии олами ислом, зуҳури матбуоти туркиву тоторӣ ва форсӣ хеле чашмрас аст. Ин ҷанбаи таърихи афкори сиёсӣ-иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии халқи тоҷик дар навиштаҳои адабиётшиносон, муаррихон, файласуфон, муҳаққиқони таърихи матбуот борҳо бо меъёр ва равишҳои гуногуни қазовати таърих – чи дар аҳди шӯравӣ ва чи дар замони Истиқлоли миллии кишвари

Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва бознигарии нарму шадид қарор гирифтааст. Яке аз масоили мубрам дар ин чашмандоз **таваҷҷӯҳи равшангарону зиёиёни тоҷик ба зуҳурот ва рӯйдодҳои кишварҳои исломӣ, аз ҷумла ба «намунаи туркӣ»-и рушду равнақи илму маориф ва адабиёту фарҳанг дар ибтидои садаи бист** аст, ки дар маъхазҳои ин давра нақш ёфта, диққати аҳли таҳқиқ ва мутолиаро ба таври хоса ба худ мекашад. Аз ин ҷиҳат, силсилаи маводи муҳим ва раднопазир – асарҳои таърихӣ, адабӣ, публитсистӣ, сафарномаҳо, тазкираҳо, мақола ва навъҳои дигари осори матбуотӣ, номаҳо, бархе аз аснод ва ғайра, ки тақрибан дар фосилаи солҳои 1880-1929, аз замони таълифоти Аҳмад-махдуми Дониш то осори зиёиёни шӯравии охири солҳои 20-уми садаи бист ба миён омадаанд, дар ихтиёри аҳли илм қарор доранд.

Аз фаъолияти маорифпарварӣ ва ҷадидии устод Садриддин Айнӣ – яке аз муборизони номвари ин давра низ метавон дарёфт, ки ӯ ҳамеша ва дар ҳар мавриди созгори марбут ба навсозии шуур ва тафаккури насли нави тоҷик ба рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии кишварҳои дигар, аз ҷумла Туркия рӯй оварда, ҳар маводи лозим ва муфиди туркиро дар роҳи банду басти тафаккури илмиву эҷодии худ ва насли замон ба кор гирифтааст. Аз ин рӯ, барои устод Айнӣ ва равшангарони замон яке аз роҳу василаҳои расидан ба ормонҳои рушди адабиёту матбуот ва мактабу маориф «*намунаи туркӣ*»-и рушди ин шохаҳои ақлониву зеҳнӣ ба шумор мерафт. Асарҳои арзишманди «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (1918), «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ва осори дигари адабиётшиносиву таърихнигорӣ, адабӣ, мақолаҳои илмиву публитсистӣ ва, дар баъзе маврид, номаҳои устод Айнӣ маводи дасти аввалро дар бар доранд. Ба вежа, китоби «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» таърихи гӯё ва мабсути зуҳурот ва муборизаҳои шадиди зиёиёну равшангарони тоҷик дар роҳи расидан ба Инқилоби фикрӣ дар Бухоро мебошад, ки асос ва бунмояи он бо бунёди мактаби усули савтия ва зуҳури матбуоти миллӣ дар ин қаламрав иртиботи амиқ дорад.

Дар ин асар масъалаи ҳаёту мамоти миллати тоҷик бо сабки иҷтимоии тавъам бо таҳқиқи ҳолу аҳволи замон баррасӣ шудааст, ки Аҳмад- махдуми Дониш, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Абдурауфи Фитрати Бухороӣ ва чанде дигарон ба кор гирифта буданд. Дар ин ки муаллиф дар усули нигориш ҷанбаи таҳқиқи илмиро ба таври хос риоя кардааст, чунин менависад: «**…ҳар чизе ки дар боби таърихи усули савтия дар Бухоро дар ин дафтар сабт ёфт, аксарашро таҳқиқ қарда, иттилоъ пайдо кардам, вагарна то ин таърих худам биззот аз ин олам хабаре надоштам. Ҳар воқеае, ки баъд аз ин таърих дар сари ин масъала рӯй дод, дар аксараш биззот мубошир будам**» [2, с. 35].

Ин аст, ки ҷанбаи сиҳатии қавлу нақл ва бовардошт ба аснод ва натиҷагириҳои китоб моро бо муҳимтарин равиш ва сифатҳои тарҳрезии усулии онзамонии бардошт аз адабиёт ва мактабу маориф ошно мегардонад. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» беҳтарин намунаи таҳқиқи иҷтимоии таърих аст, ки бо сабкҳои хос ва мумтози таърихӣ ба миён омада, дар контексташ назарияҳои умдаи миллии бунёди адабиёту матбуоти тоҷикро бо назардошти арзишҳои камназири исломӣ нуҳуфта дорад. Замоне, ки ин асар ба миён омад, алҳол равиши таҳқиқи марксистӣ-ленинӣ дар баррасии адабиву таърихӣ қоим нашуда ва, аз ин лиҳоз, устод Айнӣ кӯшиш ба харҷ надодааст, ки тарҳ ва бунёди назарии ин асарро аз зовияи диди таълимоти мазкур устувор гардонад. Бад ин тартиб, табиист, ки дар асар имконият, фикр, табъ, рӯҳу равони вежаи баррасии маорифпарварӣ ва ҷадидӣ бо назардошти арзишҳои суннатии исломӣ ҷойгоҳи мушаххас дарёфтаанд.

Симои устод Айнӣ дар паси ҳар сатр ба сифати муаррихи огоҳ ва рамзошно аз равандҳо ва ҷараёнҳои шадиди иҷтимоии ибтидои садаи бист, муҳаққиқ ва мунаққиди заррабини иҷтимоиёт, адиби мӯйшикоф ба чашм мерасад, ки бо дониши фарогир ва ҳамаҷиҳатаи сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва матбуотӣ масоили мубрами вақтро ба аҳли замона гӯшзад мекунад, уқдаи замонро бо дарки ҳамаҷонибаи амонати таърих боз мекунад, ба дасти наслҳо калиди чораҷӯӣ ва мудаббирии дардҳои ба назар бедавои замонро медиҳад. Аз ин ҷиҳат, ин асар имрӯз чеҳраи воқеии муаллифро пеши назар меоварад.

Бо назардошти асли мақсад – ручӯъ ба «намунаи туркӣ» дар бунёди нави адабиёту матбуот ва мактабу маорифи тоҷик дар ибтидои садаи бист ба баррасии ин ва дигар таълифоти илмиву публитсистии устод Айнӣ пардохтан айни муддаост. Дар айни замон нақду таҳлили ин осор зарурати рӯйоварӣ ба дигар маъхазҳои ин давраро пеш меоварад. Аз ҷониби дигар, ҳудуди мавзӯъ дар бисёр маврид таваҷҷӯҳ ба ҷуғрофияҳои дигари рӯйоварии зиёиёни замонро дар пай дорад. Ҳаройина ҷуғрофияи густурдаи таҳлилу нақди мавзӯъ имкони васеъ медиҳад, ки дар таъини махсусиятҳои рӯҳиву равонии ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ибтидои садаи бист ба натиҷа ва бардоштҳои ҷолибе расем ва моҳияти рӯйдодҳои он давраро бо тарозуи биниши густурда муайян намоем.

Аввалин мубтакир ва созмондиҳандаи мактаби нав дар байни зиёиёни мусалмони Русия маорифпарвари маъруфи тотор Исмоилбеки Ғаспаронии Қиримӣ будааст, ки «**фикри лузуми ислоҳи макотиб ва мадорисро ба воситаи ҷаридаи «Тарҷумон» дар байни муслимин интишор дода, вуҷуби ислоҳро ба далоили ақлия ва нақлия исбот намуда, пеши афкори омма арзу баён кардан гирифт**» [2, **с. 29**].

Аз ишораҳои устод Айнӣ нуктаи муҳим он аст, ки дар фосилаи замонии байни таъсиси мактаби Боғчасарой – **1883** то падид омадани аввалин мактаби воқеии усули савтия дар Бухоро – **1909** вуруди рӯзномаву маҷаллаҳои туркӣ, тоторӣ ва форсӣ аз кишварҳои Туркия, Тотористон, Ҳиндустон, Миср – «Тарҷумон», «Ҳабл-ул-матин», «Парвариш», «Вақт» ва мутолиаи онҳо омили асосии шиносоии аҳли Бухоро бо рӯйдодҳо ва мазоҳири сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии ҷаҳон ва олами ислом маҳсуб мешуданд. Ин ҳол барои падид овардани макотиби нав ба унвони маркази омӯзиш ва парвариши завқу салиқаи насли тоҷик дар рӯҳияи замонавӣ бетаъсир набудааст. Бино ба ишораи устод Айнӣ бо мутолиаи ҷаридаи «Тарҷумон» имкони ошноӣ бо «муҳассаноти усули савтия» пайдо мешуд.

Ин матлаб – яъне «муҳассаноти усули савтия» дар «Тарҷумон» чунин маънӣ дорад, ки асосҳои илмиву иҷтимоӣ, заминаҳои маънавӣ ва назарияҳои таъсиси мактаби усули савтия дар он ба таври густурда ҷой дорад, ки пажӯҳиши ҷудогона дар ин боб ба муҳаққиқи таърихи адабиёт ва матбуоти тоҷик дар роҳи тадқиқи амиқу усулии ин давраи таърихи адабиёт ва нақди адабии тоҷик хеле муфид хоҳад буд.

Ҳамин тавр, ишораҳои хосаи устод Айнӣ ба сифати шахсияти огоҳи матбуоти туркиву тотории ибтидои садаи бист ба таҳқиқи ҷиддӣ дар роҳи дарки ҳақиқати муборизаҳои зиёиёни тоҷик ниёз дорад:

– «навҷавонони Бухоро… муҳассаноти мактабро дар рӯзномаҳо хондаанд» [2, с. 61];

– «матбуот ва ҷароиди исломӣ ба иқтизои мақсаду маслак дар ин боб (баста шудани аввалин мактаби усули савтия – *Айнӣ*) мақолаҳо навишта, уламои Бухороро **танқидоти сахти муҳиққона** карданд» [2, с. 73];

– «ҷароиди исломӣ (дар бораи интибоҳ – С. А.) зиёда хидмат карданд, ба танвири афкори мардум ва ба рафъи асбоби ин гуна фаҷоеъ кӯшиданд»;

– «дар ҷаридаи «Вақт» ба имзои «Бухороӣ» хеле мақолаҳои ҷонсӯз нашр шуда, ба хонандагон хуб таъсир кард» [2, с. 91].

– «ҷаридаҳои русиву мусалмонӣ масъалаи ислоҳоти Бухороро васила карда, мақолаҳо менавиштанд, роҳҳо нишон медоданд ва ташвиқҳо мекарданд» [2, с. 181].

Ин ишораҳои арзишманд моро ба ҷустуҷӯи ин маъхазҳои муҳими матбуотӣ водор мекунанд ва ба натиҷае мерасонанд, ки барои ошкор кардани асл ва ҳақиқати муборизаҳои ибтидои садаи бист ба ҷуз аз нерӯҳои дохилӣ ба нерӯҳои корвари берунӣ ё лоақал нерӯҳои худии забондон бо фарогирии забонҳои туркиву тоторӣ ва арабӣ ниёз дорем, ки имкон, ҳавсала ва салиқаи кор бо манобеъро дошта бошанд. Имрӯз мутахассисоне заруранд, ки маводи мазкурро аз матбуоти туркиву тоторӣ ва форсизабони кишварҳои исломӣ ва ғайриисломӣ фароҳам оваранд, ба забони асл мутолиа кунанд ва мағзу моҳияти онро барои офаридани таърихи мукаммали ҳаёти сиёсиву иҷтимоии миллати тоҷик дар ин давраи пурҷӯш ба кор гиранд…

Дар яке аз ин гуна арзёбиҳо салиқаи нақкодии устод Айнӣ дар мавриди мақолоти маҷаллаи озарии «Мулло Насриддин» хеле ҷолиб ба чашми аҳли мутолиа мерасад: «**Маҷмӯаи «Мулло Насриддин», ки дар мазҳаканависӣ ҳамто надошт, заҳри танқидро ба**

ҳуллаи ҳазл муҳалло карда мехӯронд, дар ин воқеа (баста шудани мактаби Мунзим – *Айнӣ*) расмҳои маънидор кашида, дар як сафҳа сад китоби танқидро ба назари бинандагони босавод ва бесавод ҷилва дод» [2, с. 73].

Ба ин тариқ, матолиби маҷалла ва дигар намунаҳои матбуоти туркиву озарӣ ва тоторӣ дар муайян кардани роҳу василаҳои рӯйоварии аҳли зиёи тоҷик ба мазмуну мӯҳтавои туркӣ, мундариҷаи рӯйдодҳо, намунаҳои матбуот, шахсиятҳои намоёни ин миллат қобили зикр ва таваҷҷӯҳ буда, ба таҳқиқи густурда ниёз дорад. Алҳол мутолиаи намунаҳои ин маҷалла дар забони асл ба ҳар ойин ба мо ғайриимкон аст, аммо дар зимни баррасии иртиботи зиёиёни тоҷикии ибтидои садаи бист ба мавзӯоти туркӣ ҳатман ин нукотро бояд дар назар дошт. Ин вазифаи муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷик ва равобити адабии халқҳои тоҷику турк аст. Гарчанде муҳаққиқи кӯшои таърихи равобити адабии халқҳои тоҷику озарӣ, адабиётшинос Валӣ Самад дар бозгӯи нақши маҷаллаи «Мулло Насриддин» дар худшиносии миллии тоҷикон масъала ба миён гузошта ва мақолае низ таълиф кардааст, таҳқиқи муфассали он аз умдатарин вазифаҳо маҳсуб мешавад.

Аз таълифоти В. Самад ин нукта равшан мешавад, ки устод Айнӣ дар саҳифаҳои ин маҷалла бевосита ширкат карда, «дардҳои дар Бухоро дармон наёфтаашро ба «Мулло Насриддин» мебарад ва аз пайи дармони он мешавад». Муҳаққиқ дар бозгӯи ин матлаб диққати аҳли таҳқиқро ба мақолаи устод Айнӣ «Ахбори Бухорои қадим» дар маҷаллаи «Мулло Насриддин» (1910, №23, 14 июн) ҷалб кардааст, ки дар он бо ҳасрати сӯзон «аз хусуси баста шудани мактабҳои усули ҷадид дар Бухоро ва роли уламои иртиҷоӣ дар он» сухан рафтааст [3, с. 70].

Сабаби умдаву асосии ҳусни таваҷҷӯҳ ва ихлоси навоварони таълим ва тарбияи замонавии (модернии) бухорӣ дар ибтидои садаи бист зуҳури вақоеи инқилобӣ ва навсозиҳои сиёсиву иҷтимоии кишварҳои бузурги исломӣ, аз ҷумла Туркия мебошад, ки ин қаламрав дар таърих ба сифати маркази Хилофати Исломия маъруф ва машҳур гашта буд.

Рӯйоварии ҷадидони тоҷикро ба Туркия ормонҳои инқилобӣ ба миён овард. Нуқтаи такяи ҷавонбухороиён ҷавонтуркон ва инқилоби туркӣ буд, ки ба маҳдуд кардани ҳокимияти мутлақи султони турк имкон ёфт. Устод Айнӣ зимни нақду таҳлили амиқи вақоеи марбут ба фароҳам омадани заминаҳои ҷиддиву усулии «Инқилоби фикрӣ» ҳарчи бештар ба моҳият ва зуҳури рӯйдодҳои навини инқилобии олам таваҷҷӯҳ кардааст, ки дар ин роҳ яке аз манобеи муҳим кишвари Туркия ва рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии он мебошад. Аз бахшҳои аввали китоби устод Айнӣ дар заминаи мактабҳои аввал ба усули савтия дар Бухоро бо далелҳои ҷолибе метавон бархӯрд. Муаллиф қабл аз ҳама диққати алоқамандонро махсусан ба «**аҳволи санаи 1326**», яъне соли 1908 ҷалб карда, ҳушдор медиҳад, ки «**инро бояд аз хотир набарорем**». Матлаб ин аст, ки «**ҳамон сол дар мамлакати Туркия инқилоб воқеъ шуда, дар маркази Хилофати Исломия машрутият ва ҳуррият эълон ёфт. Ба ин муносибат ҷарида ва маҷмӯаҳои илмӣ, динӣ ва иҷтимоии ҳурри афкор дар Истанбул нашр ёфта, ба танвири афкори олами Ислом хидмат мекарданд» [2, с. 42].**

Ин аст, ки аҳли маърифат ба хурдтарин рӯйдодҳои ин кишвар, нашри намунаҳои матбуот, адабиёт ва осори нақливу ақлии он таваҷҷӯҳ зоҳир карда, дар фаъолияти равшангариашон аз онҳо ба суди миллат гирифтаанд. Ҳар маводи муҳими илмӣ, адабӣ ва матбуотие, ки аз маркази хилофати исломӣ – Истанбул расида, бо нигоҳи сара ва хайр мавриди таваҷҷӯҳ ва мутолиа қарор гирифтааст. Чунончи, устод Айнӣ аз василаи дастрасии зиёиёни тоҷик ба маҷмӯаи илмиву динии «Сироти мустақим», ки дар идораи уламои динии Истанбул нашр мегардид, хеле равшан дарак медиҳад: «**Нусхаҳои аввали ин маҷмӯаро ба воситаи Абдураҳмони Саъидӣ аз Мирзо Абдулқодир писари Мирзо Муҳйиддин (Абдулқодир Муҳиддинов – С. А.) гирифта, ба мутолиааш мушарраф шудам» [2, с. 42-43].**

Диди пурвусъат ва густурдаи устод Айнӣ имкон додааст, ки дар арзёбии ҷойгоҳи ҳамин гуна осори сара ва дараҷаи аввали илмӣ, адабӣ ва матбуотӣ сифати мумтози ноқидӣ зоҳир карда, бо бориксанҷии вежа ба таъин ва арзёбии фазилати онҳо пардозад.

Ин гуна хусусияти интиқодӣ дар ҷусторҳои маорифпарварӣ ва ҷадидии ӯ арзиши баланде доранд, ки мо дар раванди таҳқиқот борҳо ба он мутаваҷҷеҳ будаем. Дар мавриди «Сироти мустақим» чунин доварии ноқидонаи устод Айнӣ ҷолиб аст: **«Ин маҷмӯа чунон мукаммал ва чунон мутобиқи Қуръон ва ҳадис буд, ки як бор мутолиа карданаш ба танвири афкори мисли мо парешонрӯзгорон кифоя мекард» [2, с. 43].**

Табиист, ки масъалаи мактабу маориф дар Бухорои ибтидои садаи бист ҳамвор ва бидуни баҳсу мунозираи шадиду фаҷеонаи уламо ва машоихи мутаассиб анҷом напазируфта, ҷанҷолу пархоши даҳшатангез ва фоҷиаборе дар пай дошт. Дар ин маврид имкони қалами қиёсу муқобала ва радду бадали устод Айнӣ бо назардошти ин ки «**таърих иборат аз такаррури вуқӯот аст**», оид ба умумият, айният ва шабоҳати воқеаҳои ҳаммонанди «ғавғои мактаб» дар Бухоро ва кишвари Русия ҷанбаи татбиқии қазияро чанд маротиба меафзояд. Аз ин рӯ, аз диди мусаннифи рӯйдод «барои ба хубӣ эзоҳ ёфтани ғавғои мактаб дар Бухоро, ба тариқи иҷмол ғавғоҳои ҷадид ва қадими мусалмонони Русия ва асбоби он»-ро баён кардан хеле муҳим ва усулӣ аст.

Аз мӯҳтавои баҳсу мунозираи тараққипарварон ва муллоёни мутаассиби Русия низ фаҳмидан душвор нест, ки тараққихоҳони рус дар амри расидан ба ормон ва ниятҳояшон кишвари Туркияро намунаи ибрат, такя ва шоистаи пайравӣ ба шумор оварда буданд. Чун дар Русия ҳукумат риштаи корро ба даст гирифта, дар пайи танбеҳи гунаҳкорони сиёсӣ гардид, мутаассибон аз ин истифода карда, тараққихоҳонро гунаҳкори сиёсӣ ба қалам медоданд. Ҷамъиятҳои хайрия ва илмияро ҷамъиятҳои сиёсӣ мешумурданд ва мегуфтанд: «**Инҳо ҷаридаҳои туркӣ мехонанд ва ба аҳли сиёсати Туркия робита доранд**» [2, с. 45].

Маҳз ҳамин таваҷҷӯҳи равшангарони рус ба кишвари Туркия ба нуқтаи такяи зиёиёни тоҷикӣ низ табдил ёфтааст.

Натиҷаи баҳсу мунозира бо уламои мутаассиб оид ба масъалаи мактаб боиси рӯйоварии бевоситаи бархе аз тараққипарварон ба кишварҳои пешрафта гардид. Аз ҷумла, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва Усмонхоҷа – писари Мавлонхоҷа ба унвони яке аз талабаҳои барушди Бухоро ба Боғчасарой ва Истанбул барои дидани мактабҳои усули савтия ва дарёфти иттилоот аз мактабҳои мунтазам сафар карданд [2, с. 48].

Устод Айнӣ аҳамият ва ҷойгоҳи ҷаридаи «Тӯрон»-ро дар таърихи интибоҳи фикрии тоҷикон махсусан дар назар дошта, онро «аввалин асари хомаи Ғиёсиддин Махдум ва **навзоди аҳди шабоби таҳририаш**» ба шумор меоварад, ки ба фавту фанои он тоб наовард ва Бухороро тарк кард. Яке аз арзиши муҳими «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» ин буд, ки «чун ин ду ҷарида дар вақти муҳорибаи Итолиё ва Балкан бо Туркия мунташир шуданд, аҳолии аз сиёсат ва ҷуғрофияи олам бехабари Бухоро дорои маълумоти муҳима гардиданд…»

«Инқилобҷӯёни равшангар илму фарҳанги нави замониро аз Шарқу Ғарби муосир ҷустаанд, лекин фарқашон аз инқилобкорон ва бисёр зиёиёни Ғарб ин будааст, ки бунёди маънавии фарҳанги нави замониро устувор кардан мехостанд. На нерӯйи харобкор, балки нерӯйи бунёдкори инсонро ба ҷунбиш оварданӣ буданд. Бозгашт ба асли худ лозим омада буд, вале бозгашти замонӣ, бозгаште, ки тибқи хосту ниёзи асри бистум бошад, дар назар буд» [4, с. 35].

Ба таҷрибаи таърихии кишварҳои ҷаҳон чашми ибрат дӯхтани равшангарони тоҷик барои дарку фаҳмиши роҳу усулҳои ба вуҷуд овардани инқилоби маорифпарварӣ ва ислоҳоти иҷтимоӣ зарурат дошт. Шинохти аҳамият ва нақши шахсиятҳои матраҳи ин инқилобҳо низ зарурати муҳиме барои ошкор кардани моҳияти рӯйдодҳои замона дошт. «Таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангии гузаштагони худ ва ҷаҳони муосир ба назари маорифпарварони тоҷик барои тартиб додани барномаи навсозии маънавии ҷомеа лозим буд» [4, с. 35].

Устод Айнӣ ақлкӯтоҳии арбоби аморатро дар он медид, ки «агар султон Абдулҳамид панҷ-шаш адад мактаб таъсис намекард, агар панҷ-шаш адад ҷавонтурконе, ки имрӯз ҳастанд, намерасиданд, то ҳол дар рӯйи дунё на мамлакати Туркия мемонд, на инқилоби он, на Хилофати Исломия мемонд, на масъалаи халъу насби халифа».

Вежаи равшангарии тоҷикист, ки ба кору пайкор ва ҷойгоҳи фаъолияти шоҳи Туркия бо диди ноқидӣ рӯй меоварад. Устод Айнӣ дар посух ба афкори арбоби ҳукумат хидмати шоҳи Туркияро дар бунёди макотиб арҷ гузошта, чунин менависад: «Султон Абдулҳамид дар таъсиси макотиб хато накардааст».

Интиқоди кирдорҳои султон, ки устод Айнӣ пайгирӣ кардааст, мағзу моҳияти равшангарӣ дорад, ки ба ҳар сурат диду таваҷҷӯҳии зиёиёнро ба ҷойгоҳи ӯ ба исбот мерасонад: **«Хато дар он ҷост**, ки ба истибдод мағлуб шуда, ба қавли одамони хоин фирефта гардида, тарбиятёфтагонро тазйиқ кард. Ба хуфиябозӣ ахлоқи уламову умароро фосид намуд. Фидокорони рашидро қатлу нафй фармуда, маҳв кард. Чанд нафар фидокоре, ки аз чанги истибдоди султон Абдулҳамид амон ёфта буданд, ба кӯшишҳои фавқуттоқа дар майдони сиёсат бозӣ карданд ва бақияи ватанашонро аз дасти истибдоду аҷониб халос намуданд. Агар султон Абдулҳамид тарбиятёфтагонро тазйиқ намекард ва ба таксири афроди эшон мекӯшид, хоинонро аз дарбор дур мекард, ҳароина ин ҳама фалокат ба сари давлати Туркия намеомад ва ватан порча-порча намегардид; муҳорибаи Таробулус ва фоҷиаи Балкан рӯй намедод; ҷавонтуркон ба султон Абдулҳамид амният пайдо мекарданд ва ҳаргиз дар сари халъ намеомаданд; султон Абдулҳамид то охири умр ҳофизи Хилофати Исломият ва ҳомии олами Ислом шуда, ба шараф ва ифтихор зиндагонӣ мекард» [2, с. 163].

Дар паси ин ҳарфҳо нуқтаи дол ба сари амири Бухоро гузошта шудааст, яъне ин интиқод навъе аз интиқоди шадиди амири Бухоро низ ҳаст. Ба ин васила гӯшзад шудааст, ки «ин нуқтаҳо ба хаёли ҳукумати Бухоро намегузашт, ҳамаи ҳимматашро дар манъи мактаби алифбохонӣ сарф мекард» [2, с. 163].

Ин интиқоди султони кишвари Туркияро як навъ ҳушдор барои амири Бухоро метавон пазируфт, ки агар ӯ низ амри султони Туркияро идома диҳад, он рӯз дур нест, ки халъи Абдулҳамид ба сари ӯ хоҳад омад.

Ҷойи шак нест, ки Аҳмад махдуми Дониш, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Абдурауфи Фитрати Бухоройӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон аз мунтақидони барҷастаи иҷтимоии замон буданд, ки салиқаи наққодии иҷтимоиро барои бозгӯи ҷанбаҳои мухталифи зиндагии мардуми Бухоро ба кор гирифтанд. Устод Айнӣ дар айни вақоеи марбут ба ислоҳотхоҳӣ ва ситези уламои мутаассиб ба интиқоди усулии афкори муфрити ислоҳотгарони Бухоро пардохтааст.

Ҳусни ихлос ва эҳтироми устод Айнӣ ба Туркия ва пешрафтҳои он на нишонаи туркгароӣ ва таваҷҷӯҳ ба пантуркизм маҳсуб мешуд. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби пажӯҳишгаронест, ки ба интиқоди ақидаи баҳсбарангези бархе муаррихон пардохтаанд, онҳое, ки «мактаби усули ҷадид» – мактаби нави маорифпарваронро «маркази пантуркистӣ» эълон кардаанд [4, с. 35]. Гуфтугӯ аз ин боб аз доираи мақола берун аст.

Туркия ва ҷумҳуриҳои туркии озарӣ на танҳо манбаи пайдоиши афкори пантуркӣ ба шумор меравад, балки бисёре аз равшангарон ва ходимони матбуоти тоҷик дар роҳи сохтмони тарҳи маънавии Бухоро аз андешаҳои файзбори мунавварфикрони ин қаламрав нашъа бардоштанд.

ПАЙНАВИШТ

1. Айнӣ, Садриддин. Таърихи инқилоби Бухоро / С. Айнӣ / Аз ӯзбекӣ тарҷумаи Р. Ҳошим. –Душанбе: Адиб, 1987. –240 с.
2. Айнӣ, Садриддин. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ / Таҳти назар, бо кӯшиш ва муқаддимаи К. С. Айнӣ / Таҳиякунандаи матн, мураттиби вожанома ва муҳаррири масъул М. Умаров. –Куллиёт. Ҷилди 14. –Душанбе: Матбуот, 2005. –272 с.
3. Самад, Валӣ. «Мулло Насриддин» ва худшиносии тоҷикон / В. Самад. –Дарси хештаншиносӣ. –Душанбе: Ирфон, 1991. –С. 93-108.
4. Шакурӣ, Муҳаммадҷон. Садри Бухоро. Чопи дуввум. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо–Душанбе: Деваштич, 2005. –330 с.

САДРИДДИН АЙНИ И ЕГО КРИТИКЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ ОТНОСИТЕЛЬНО ТУРЕЦКОЙ ПЕЧАТИ В НАЧАЛЕ XX ВЕКА

В статье речь идет о критических взглядах Садриддина Айни относительно статуса турецкой печати, роли политических, социальных и культурных событий восточных

стран, в том числе, Турции в формировании просветительских взглядов и идей таджиков Фароруда. Данный исторический аспект социально-политической, литературной и культурной мысли таджикского народа не раз был подвергнут анализу и рассмотрению в трудах литературоведов, историков, философов, а также исследователей истории печати, которые руководствовались различными критериями и методами.

Ключевые слова: *литературная критика, турецкая печать, критика турецкой печати, просветительство, газеты*

SADRIDDIN AYNI AND CRITICISM OF THE TURKISH PRESS AT THE BEGINNING OF THE 20TH CENTURY

The article deals with Sadriddin Ayni's critical views retering to the status of the turkish press, the role of political, social and cultural events in Eastern countries, from among Turkey in devolopingthe educational views and ideas of the tajiksofVarorud. Thegiven historical aspect of the socio-political, literary and cultural thought of the tajik people has repeatedly been analyzed and examined in the researches ofscientistsof literature, historians, philosophers, and researchers of the history of the press, who were guided by various criteria and methods. .

Keywords: *literary criticism, turkish press, criticism of the turkish press, enlightenment, newspapers*

Сведения об авторе:

Аъзамов Субхонжон Бахромжонович, *кандидат филологических наук, заведующий кафедрой современной таджикской литературы ХГУ имени академика Бободжана Гафурова, e-mail:subhonazamzod@mail.ru*

About the author:

Azamov Subhonjon Bahromjonovich, *candidate of philology sciences, head of the department of Tajik Modern Literature of Khujand State University named after academician Bobodjan Gafurov, e-mail:subhonazamzod@mail.ru*

АҚИДАҲОИ АДАБӢ - ЭСТЕТИКИИ МАОРИФПАРВАРОН ВА ҶАДИДОН

Абдураҳмонов М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Барои он ки ҷараён ва ё ҳаракати нав дар ҷомеа пайдо шавад, бояд асос ва заминаҳои пайдоиши худро дошта бошад. Ҷараёни ҷадидия низ оғози пайдоиши худро дорад, ки ба ҳамин маънӣ Е. Э. Бертельс ҳануз соли 1936 навишта буд «Начинать изучение джадидизма с XX век нельзя корни его далеко уходят в прошлое и отразить весь сложний ход его развития можно только при условии тщательного анализа его первых шагов»[2, с. 9]. Ин аст, кизаминаи ба вуҷуд омадани ин ҷараёни фарҳангиву сиёсиро Бертельс Е. Э. аз Аҳмади Дониш дониста, қайд мекунад, ки дар натиҷаи сафарҳои ӯ ба Русия (ба Петербург) рисолаҳои арзишмандаш ба миён омада, боиси пайдоиши ҳаракати мазкур дар Осиёи Миёна гаштааст. Дар натиҷаи ин сафарҳо ҷаҳонбинӣ, диди зебоишиносӣ ва назари эстетикии Дониш ба кулли тағйир ёфта, ба Амир Музаффар ислоҳот дар сатҳи давлату давлатдориро пешниҳод намуд. Ӯ аз корхонаюкоргоҳҳо, театру осорхонаҳои Руссия дидан намуда, ба Шарқи мусалмонӣ, ба вижа Бухоро муқоиса намуд. Дар баробари Аҳмади Дониш устод Садриддин Айнӣ низ дар қисмати дуюми «Ёддоштҳо» роҷеъ ба барномаҳои хушку бемантиқи мударрисони мадрасаҳои Бухоро бо таассуф, чунин изҳори назар мекунад: «Мутолаакунандагони ин порчаҳо хоҳанд пиндошт, ки талабагони мадрасаҳои Бухоро модом, ки 19 сол бар болои як программаи маҳдуд кор мекардаанд, бояд дар илмҳои дар он программа зикрёфта мутахассиси замони худ шуда, мебаромада бошанд. Афсӯс ин гуна гумон кардан нодуруст ва пиндори хушк аст»[1, с. 136]. Ҷараёни ҷадидия дар оғоз ҳамчун як нуҳзати фарҳангӣ байни мардум муаррифӣ шуда, бо гузашти вақт он барои дигаргун

сохтани давлатдорӣ ва сарнагун кардани аморатиқдом намуда, ҷавонони озодандешро муттаҳид намуд. Ҳаракати ҷадидия дар Осиёи Миёна бо роҳи таблиғу ташвиқ ва ҷалб намудани ҷавонон ба омӯзиш ва аз худ намудани илм оғоз ёфтааст. Ҷадидон фаъолияти таблиғотии худро дар Бухоро ҳамчун рамзи марҳилаи нав дар байни ҷавонон ташвиқ мекарданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки дар як муддати кӯтоҳ мардумро соҳиби хату савод ва илму дониш мегардонанд. Воқеан, ин ҷараён тавонист дар фурсати кӯтоҳ мардумро китобомӯзу ҷаридахон намуда, дар ҳаёти сиёсии мамлакат таҳаввулоти сиёсиро ба миён оварад. Сарвари ҷадидони Осиёи Миёнаро Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва Абдулқодири Шакурӣ, дар Тошкант ин масъулиятро Мунавварқорӣ Абдурашидов ба зимма доштанд. Зикр бояд кард, ки Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ пас аз хатми мадраса ба кишварҳои гуногун барои дидани оламу одам ва тарзи зиндагиву маишати онҳосафарҳо намудааст. Масалан, солҳои 1903- 1904 ба Қазон, Уфа, Оренбург сафар намуда, аз тарзи тадриси мактабу мадраса дар ин шаҳрҳо огоҳӣ пайдо мекунад.

Ин буд, ки ибтидои асри ХХ дар Осиёи Миёна, бахусус Бухоро ба кушодани мактабҳои усули нав мепардозад ва ҳомии чунин мактабҳо дар ин сарзамин мегардад. Мардум дар ибтидо ба мактабҳои усули нав мароқ зоҳир накарданд. Дар чунин мактабҳо фарзандони равшанфикрон, тоҷирон ва мардони озода ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Баъд аз андак муддате маълум гардид, ки мактабҳои усули нав дар муддати шаш моҳ толибилми хешро соҳиби хату савод мекардааст. Натиҷаи тадрис ва омӯзиши ин мактабҳои усули ҷадид сокинони БухороюСамарқандро водор намуд, ки ба таҳсили фарзандон дар чунин мактабҳо шароит фароҳам ованд. Агар дар мадрасаҳои Бухоро муллобача дар муддати нуздаҳ сол соҳиби хату савод гардад, пас дар мактабҳои усули нав толибилм дар муддати беш аз шаш- ҳафт моҳ соҳиби хату савод шуда, озод ҷаридаҳои даврро мутолиа мекард. Дар Бухоро ҷадидон бо мушкилӣ ва машаққат мактабдорӣ мекарданд. Яке аз чунин мактабҳои усули нав бо ташаббуси устод Айнӣ ва Абдулвоҳиди Мунзим соли 1909 дар Бухоро ифтитоҳ ёфтааст. Садриддин Айнӣ ва Абдулвоҳиди Мунзимба таълиму тадрис ва кушодани мактабҳо даст ёфта, дар он баробари илмҳои динӣ омӯзиши илмҳои замони навро ба толибилмон мақсади худ қарор дода буданд, зеро, тарзи тадрис ва омӯзиши мадрасаҳо, омӯзиши якмаром ва ҳифзи қориёнаи муллобачаҳо, шаллоқу чӯбзаниҳои мударрисон, зулму озори пайвастаи муллобачаҳоро, ки устод бо чашми худ дида буд, боиси нафрати эшон гашт. Ҳамин тарзи тадрисро Садриддин Айнӣ дар «Мактаби кӯҳна» тасвир намуда, аз сабақи хеш ёдовар шудааст. Тарзи нави таълиму тадрис китобҳои дарсиро тақозо мекард. Ин буд, ки устод Айнӣ дар як муддати кӯтоҳ барои шогирдон китоби қироатии «Таҳзиб-ус-сибиён», «Таътил-ул қуръон», «Заруриёти диния» ва ғайраро иншо намуд. Айнӣ пеш аз он, ки мактаби усули ҷадидиро ифтитоҳ намояд, барои омӯзиши усули таълим як муддат ҳамроҳи Саидраҳмони тоторкор мекунад. Ӯ дар ин мактаб вазифаи тарҷумониро иҷро мекард. Дарсҳои омӯзгорони тоторро барои толибилмони тоҷик баргардон менамуд, аз таҷрибаи онҳо баҳра мебардошт, ки ин барои ташкил намудани мактаби усули ҷадид замина гузошт. Мактаби усули нави устод Айниву Мунзим, ки дар ҷодаи тадрис ба комёбиҳо ноил гардида буд, аз чашми муллоҳои ҷоҳилу бесавод, хурофотпарасту тангназар дур намонд. Тавассути дасисаи онҳо амир салоҳи корро дар бастани мактабҳои усули нав дид. Бо фармони амир соли 1909 ин мактаб баста шуд. Толибилмони босавод тавонистанд дар ибтидо озодона ва баъдтар ба таври пинҳонӣ ҷаридаҳои гуногунро ҳам бо забони туркӣ –ӯзбекӣ ва ҳам бо забони тоҷикӣ мутолиа намоянд. 11 марти соли 1912 бо ташаббус ва дастгирии Мирзо Сироҷи Ҳаким аввалин шумораи рӯзномаи «Бухороишариф» ба нашр расид. Дар ин рӯзнома, муаллифон роҷеъ ба мавзӯҳои мубрам ва муҳими рӯз ибрози андеша мекарданд. Дар шумораҳои гуногун роҷеъ ба илм, фарҳанг, ҷуғрофия ва дастовардҳои гуногун дар соҳаи илму техника маълумоти зарурӣ додамешуд. Муаллифон дар мақолаҳои хеш доир ба зарурати омӯзиши илму дониш маълумот дода, кушодани мактабҳои усули навро таблиғу ташвиқ мекарданд. Боиси зикр аст, ки аввалин тарҷумаҳои осори адабони рус Л. Н. Толстой ва А. М. Горкий дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ба нашр расида буданд. Мубаллиғон ва сарварони ин ҷараён Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдулқодири Шакурӣ,

Мунаввар Қорӣ, Сиддиқии Ачзӣ, Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷон Ҳамдӣ ва дигарон дар кушодани мактабҳои усули нав саҳми хешро гузоштаанд. Донишмандон ва мунавварфикрони ибтидои асри ХХ дар асарҳои худ, ки бо диду нигоҳи тоза иншо меёфт, ҳаёти нав, омӯзиши пайвастаро тараннум кардаанд. Инсон табиатан зебоидӯст аст, ин зебоӣ барои инсон модарзодӣ нест, онро аз муҳити иҳота намудааш ба даст меорад ё зиндагӣ ба ӯ медиҳад. Олам саросар пур аз зебоист, ин ҳама зебоиҳоро инсони комил бо чашми сар мебинад ва дар тарозуи ақл бар мекашад ва онро дар ҳаёти худ тадбиқ мекунад. Завқи эстетикӣ ҳангомимуошират, тарзи пӯшидани либос, ороиши манзили зист, аз худ намудани дониш ва ғайра зоҳир мегардад. Ҷадидон дар асарҳояшон тарзи таълиму тадрис, сабақгирии толибилмон, тозаю озода нигоҳ доштани китобҳои дарсӣ, муомилаю муошират муадаббона бо ҳамсабақон ва дигар хислатҳои наҷиби инсониро талқин мекарданд. Омӯзиши забони русро ҷаҳолатпарастон ширк дониста, онро манъ мекарданд. Баробари вусъат пайдо кардани маорифпарварӣ ва ба роҳ мондани ҳаракати маорифпарварӣ ва равобити фарҳангӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои Аврупо, омӯзиши забони русӣ таълимоти диниро дар ин бобат рад намуд. Ин буд, ки омӯзиши забони русиро Ачзӣ зарур ва судман дониста, навиштааст:

Мусалмонон чаро дармактаби рус,
Намехонанду месозанд номус?!
Забони ӯ туро н-орад ба ҷӯз суд,
Расӣ аз илми русӣ сӯи мақсуд.

Ҳангоме ки дар бораи зебоӣ ва арзишҳои он сухан меравад бояд ду навъи он ба инобат гирифта шавад: зебоии ботинӣ ва зебоии зоҳирӣ. Дар сурати тавъам гардидани ин ду зебоӣ инсони комилро дарёфтан мумкин аст. Маорифпарварон баробари таблиғи онҳо ҳиссиёти ватандӯстиро дар навиштаҳои хеш ташвиқ мекарданд. Ба андешаи онҳо муҳаббат ба Ватан бояд дар лавҳи хотири ҳар инсони нексиришт маскан гузида бошад. Ба ҳамин маънӣ Мирзо Сироҷи Ҳаким ин матлаброчунин баён кардааст:

Ободии ин Ватан ба мо фарз,
Бошад, ки адо кунем ин қарз.
Кошонаи худ кунем обод,
Рӯҳи падарони хештан шод.

Ба андешаи Холиқ Мирзозода «Завқи эстетикӣ дар ҳисиёти ҳама ҳаст, вале мумкин каму зиёд бошад, тарбияи шууронаи зебоӣ метавонад дараҷаи онро баланд кунад, ки яке аз воситаҳои он адабиёти бадеӣва образҳои ибратбахши он мебошад»[3, с. 18]. Ин ҳиссиётро шахс метавонанд тавассути тарбияи бо шуурона инкишоф диҳад. Ҷадидон дар баробари мақсадҳои дигари хеш ҳамин матлаброниз ҳадафи худ қарор дода, дид ва завқи зебоипарастиро ба воситаи асарҳои бадеӣ таҷассум намудаанд.

Пайнавишт:

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2009.
2. Бертельс Е. Э. Рукописи произведений Ахмада Каллэ Н. Труды таджикстанской базы. Том 3. - Изд. АН. СССР. Москва – Ленинград, 1936.
3. Мирзозода Х. Адабиёт, таълим ва тарбия. –Душанбе: Маориф, 1983.

ЛИТЕРАТУРНО – ЭСТЕТИЧЕСКИЕ ИДЕИ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙИ ДЖАДИДОВ

В статье приводятся некоторые социальные умозаключения о просветительских процессах и движении «Джадидизм», а также рассматривания эстетические идеи представителей движения «Джадидизм».

Ключевые слова: *эстетика, просвещение, издание, школа.*

LITERARY AND ESTHETIC IDEAS OF ENLIGHTENERS AND JADIDS

This article consists of some social thoughts about educational processes and the Jadidiya movement, as well as discusses the esthetic ideas of the representatives of the Jadidiya movement.

Key words: *esthetics, education, publication, school.*

Сведения об авторе:

Абдурахмонов Махди, *соискатель докторской степени PhD кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета им. СадриддинАйни*

About the author:

Abdurahmonov Mahdi, *an applicant of the first year of PhD in Faculty of Tajik Philology Literature Chair, Tajik State Pedagogical Univtrsitynamed after Sadriddin Ayni.*

ИССЛЕДОВАНИЕ ПЕРЕВОДА СТИХОТВОРЕНИЙ М. Ю. ЛЕРМОНТОВА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЭСТЕТИЧЕСКОЙ ИНТЕРФЕРЕНЦИИ

Куввatова С. М.

Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни

Одно из явлений художественного восприятия национальной литературы является эстетическая интерференция. Она встречается в различных формах и в читательском восприятии реализуется сильнее всего. имея свои характерные особенности, отличается от восприятия переводчиком литературного произведения.

Основным источником расхождений между переводом и оригиналом текста является иная языковая система, которая по своим объективным данным не в состоянии передать все тонкости воспринимаемого содержания. Надо учесть трудности языкового порядка. Переводчик, в совершенстве владеющий языком, на котором создан оригинал, изучая творчество иностранного писателя, его стиль, художественную манеру стремится избежать различного рода несоответствий и ошибок [7, с. 356].

Стремясь точно и верно воссоздать на родном языке произведение писателя, переводчик всегда желает привести его в соответствие и связать два разных начала в нем: план выражения – грамматическую и лексическую структуру языков – с планом художественного содержания. В читательском же восприятие, как более субъективном, имеющим стихийную природу, мы чаще встречаемся не с соотношением разных языковых и культурных норм, а с их смешением, которое рождает интерференцию [1, с. 218].

На основе соотношения планов содержания и выражения исследователи выделяют понятия доминанты. Доминанта – это конкретный элемент, который переводчик считает наиболее ценным в тексте, которому он придает особое значение в передаче на другом языке идеи произведения.

В процессе перевода доминанта как основапереводческой деятельности может быть не только в произведении, но и в переводчике и в воспринимающей культуре с точки зрения интерференции, наиболее интересным представляются первый и третий случаи. Тогда, когда переводчик ищет и выделяет доминанту в подлиннике, возникающее в его переводе расхождения будут относиться преимущественно не к области интерференции, а к интерпретации, то есть явлению, связанному с достижением и относительно полного понимания того смыслового ядра, которое составляет первооснову словесного текста. Если же он находит доминанту в воспринимающей культуре, – культуре возможного читателя – то в целом перевод на другой язык будет складываться иначе: не из многообразия смыслов художественного содержания подлинника, а из круга традиций, форм, образов своей литературы. В данном случае вполне справедливо говорить и об

эстетической интерференции, даже тогда, когда речь идет о вольном или подражательном переводе[1, с. 216].

Например, анализируя эстетическую интерференцию в переводах стихотворений М. Ю. Лермонтова Хабибом Юсуфи, мы наблюдаем интерпретацию. Произведения М. Ю. Лермонтова переводились многими таджикскими поэтами и переводчиками. В своем сообщении мы проанализировали перевод стихотворения М. Ю. Лермонтова «Смерть поэта»Хабибом Юсуфи. Перевод Хабиба Юсуфи доминантой выделяет собственно текст М. Ю. Лермонтова. Переводчик старается не отходить от оригинала, как в лингвистическом, так и в эстетическом плане. Об этом говорит первая же строфа:

Погиб поэт - невольник чести,
Пал, оклеветанной молвой,
С свинцом в груди и жаждой мести,
Поникнув гордой головой!. . [4]

Шоир ҳалок гашт!- ба номус буд гулом-
Қурбони захри шикваю буҳтону кина шуд,
Дар сина сурб, ташнадил аз баҳри интиқом,
Хам гашта бо ҳамон сари пур-ифтихори худ!. . [2]

Как видим, Хабиб Юсуфи старается передать не только лингвистическую точность, но и сохраняет ритмику стиха, и пытается передать точную стилистическую окраску самих слов. Сравните: «поник» переводится как «хам гашта», «гордый» как «пур-ифтихор». Дело в том, что в таджикском есть синоним «ғурур», но оно более жесткое, воинственное: ғурур – гордый, недоступный, величественный.

При подобном дословном переводе, конечно же, появляется эстетическая интерференция, связанная с особенностями культуры языка-народа оригинала. Это связано, в первую очередь, с тем, что в каждой культуре по отношению к другой имеются эстетические лакуны. И в переводе Х. Юсуфиподобные лакуны передаются дословно, что приводит к эстетической интерференции:

И прежний сняв венок, - они венец терновый,
Увитый лаврами, надели на него. [5, с. 413]

Пешина басти гул бигирифтанду ҷои он
Бигзоштанд бар сари у тоҷи хоргин[3, с. 217]

Понятно, что в этих примерах можно отметить определенную интерференцию: венок – тоҷ. Таджикская лексема имеет слишком широкое значение. В оригинале же слово несет переносное значение. «Терновый» переводчик перевел как«хоргин», дословно «репей». Этой заменой переводчик нарушает библейский символ, вложенный М. Ю. Лермонтовым: поэт как мученик, распятый бесчестием на кресте.

И, соответственно, потерявшим свою символику и не очень понятным для таджикского читателя становится и продолжение данной темы:

Аммо ҳамеша ништари пурзаҳри вай ниҳон
Мекард заҳрнок дар у номвар - чабин. [2, с. 5]

Как видим, перевод Х. Юсуфи близокк оригиналу по ритмике и по передаче самой идеи.

Необходимо учесть идеологическую основу перевода следующего отрывка:

Но есть и Высший суд, наперсники разврата,
есть Божий суд, он ждет, он не доступен звону злата,
И мысли, и дела он знает наперед[4. Стр 35] .

Аммо ки ҳаст суди худо, маҳрамони фисқ!
Ӯро садои зар накунад ҳеҷ асар ба гуш,
Вай суди мудҳишасту бувад интизоратон,
Донад зи гуфта пеш ҳама коруборатон. [2, с. 6]

В Исламе тоже есть определенный Высший суд. Поэтому эстетическая интерференция в данном случае является осознанной, и близка к интерпретации переводчика.

Интересен разбор еще одного фрагмента данного произведения:

Что ж, веселитесь... Он мучений
Последних вынести не мог,
Угас, как светоч дивный гений,
Увял торжественный венок. [5, с. 412]

УЮсуфи:

Акнун чӣ чора? Айш кунеду шавед шод…-
Ба охирин азоб набуд тоқаташ дигар:
Хомуш шуд чу шамъ аҷоиб даҳо, - зи сар
Он тоҷи шаъну шуҳрати даврони мо фитод. [2, с. 5]

Как видим, в данном фрагменте переводЮсуфи лингвистически более близок оригиналу. В то же время этот перевод отличается тем, что здесь наблюдается эстетическая интерференция в употреблении слова «светоч». Эта лексема в русском языке несет несколько значений, в том числе имеет и переносное значение. Кстати, чаще это слово в русском языке и употребляется в переносном значении. Если вспомнить творчество того же Пушкина, а позднее Некрасова, это слово в роли осветительного приспособления практически не употребляется.

Юсуфи же переводит эту лексему-значение как «свеча» (шамъ). В таджикскомязыке слово шамъ не имеет этого переносного значения. Поэтому подобный перевод приводит к эстетической интерференции.

Таким образом, часто переводчики сознательно прибегают к эстетической интерференции, чтобы передать некую идею или общий смысл произведения. Определенную роль в этом может сыграть идеологическая направленность собственно перевода, связанная с эпохой времени перевода.

У Лермонтова после названия стихотворения даётся эпиграф, но он сохранился не во всех изданиях. В массовых изданиях эпиграфа нет, или он даётся лишь в примечании. Вероятно, это объясняется тем, что в советское время литературоведы старались показать всех великих людей более революционными. И цензура не допускала эпиграфа с обращением к царю: «Отмщенья, государь, отмщенья! Паду к ногам твоим…» [4, с. 34]. В переводе Юсуфиэпиграфсохранился: «Интиқом, эй, подшоҳо, интиқом! Пеши поҳои ту ман сар мениҳам…» [2, с. 4].

В стихотворении Лермонтова 72 строки, а в переводе 75. Увеличение объема объясняется тем, что Юсуфи добавляет 3 строки.

Каждая из 3 частей перевода передаёт интонационный строй лермонтовского стихотворения – ораторское обличение первой части, элегическую скорбь второй части, патетический приговор 3-й части.

Творческая самостоятельность Хабиба Юсуфи проявилась в том, что он воспринял в поэзии Лермонтова то, что могло духовно обогатить его народ.

Хабиб Юсуфи был, несомненно, многим обязан Лермонтову: к нему пришла слава лучшего таджикского переводчика Лермонтова не случайно. Учась у русского классика, Юсуфи воспринял самое существенное у Лермонтова: народность и высокую идейность, присущие его произведениям, а также их романтическую окрыленность [6, с. 8].

ЛИТЕРАТУРА

1. Комиссаров В. Н. Теория перевода. – М: Высшая шк. , 1990. – 250 с
2. Лермонтов М. Ю. Асарҳои интихобшуда. Сталинобод-Ленинград. Нашрдавтоҷик, 1941. 53 с
3. Лермонтов М. Ю. Асарҳои мунтахаб. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1954. – 373 с
4. Лермонтов М. Ю. Избранное. –М. : Просвещение, 1984. -400 с.

5. Лермонтов М. Ю. Собрание сочинений в четырех томах. Том первый. М. -Л. Изд-во АНСССР, 1958. – 754 с
6. Мелехова Е. Через всю жизнь. Коммунист Таджикистана. 1971, 28 июля
7. Розенфальд А. З. Переводы произведений Лермонтова на таджикский язык. В книге: Литература народов Советского Союза. Ереван. Изд. Ер. Ун-та, 1974.

ИССЛЕДОВАНИЕ ПЕРЕВОДА СТИХОТВОРЕНИЙ М. Ю. ЛЕРМОНТОВА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЭСТЕТИЧЕСКОЙ ИНТЕРФЕРЕНЦИИ

Вданной статье автор анализирует Лермонтова «Смерть поэта», переведенный Хабибом Юсуфи с точки зрения эстетической интерференции. Здесь же говорится о том, как Юсуфи в своём переводе старается передать не только лингвистическую точность, но и сохраняет ритмику стиха, и пытается передать точную стилистическую окраску самих слов.

***Ключевые слова**: эстетическаяинтерференция, доминанта, оригинал, ритмика, стилистическая окраска, читатель, лексема.*

THE RESEARCH OF TRANSLATION OF POEMS OF M. U. LERMONTOVA FROM THE POINT OF VIEW OF AESTHETIC INTERFERENCE

In this article the author reviewed the poem of Lermontov "Death of poet" translated by Habib Yusufi from the point of aesthetic interference. Hence, the point is that, as Yusufi in translation tries to submit not only linguistical formations but also record the rhythm of the poem, end and try to give exact stylistic color of its word.

***Keywords:** ethical interference, dominant, original, rhythm, stylistic color, reader, leksem*

Сведения об авторе:

***Куватова С. М.,** саискатель кафедры русской и мировой литературы ТГПУ им. С. Айни, e-mail: princes0871@mail.ru*

About the author:

***Quvatova S. M.** the researcher in the Department of Russian and World Literature, e-mail: princes0871@mail.ru*

АҲАМИЯТИ ИСТИФОДАИ МАТНҲОИ АДАБӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Солеҳов Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар замони мо вобаста ба мақому мартабаи забони тоҷикӣ дар ҷомеаи муосир ва пиёда кардани сиёсати давлат дар мавриди татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон » масъалаи беҳтар гардонидани таълими забони тоҷикӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот беш аз пеш муҳим ва мубрам мегардад. Бояд гуфт, ки омӯзиши забони тоҷикӣ ба ҳайси забони расмии коргузории кишвар дар баробари моҳияти муҳими илмию таълимӣ аҳамияти сиёсӣ низ дорад. Чунки давлат омӯзиш, тарғиб, таҳқиқ ва истифодаи васеи забони тоҷикиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангӣ пуштибонӣ менамояд. Ҳамасола (дар кишва) 5 – октябр ҳамчун рӯзи Забони тоҷикӣ таҷлил карда мешавад ва он ба тақвими ҷашнҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст. Соли 2008 дар суханронии худ ба ифтихори бистумин солгардӣ таҷлили Рӯзи забон Президенти Ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забонро нишонаи асосӣ ва муайянкунандаи асолату ҳуввияти миллӣ номида, гуфта буданд: «Забони мо баёнгари сарнавишти мо, мояи ифтихору сарафрозӣ ва пойдевори ваҳдати ҷовидонаи милати мост»[1].

Забони давлатӣ, бешубҳа, яке аз арзишҳои бузурги миллӣ, нишонаи равшани истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърих, маънавиёт, ахлоқ ва рӯҳу равони халқи

тоҷик мебошад. Аз ин рӯ, таълиму тадрис ва омӯзиши он ҳам бояд пеш аз ҳама ба аслҳои консептуалии зикргардида ва махсусан мақому мартабаи расмии он такя намояд. Устодони забони тоҷикӣ пайваста бо таълифи дастуру барномаҳо ва таҳлили маводи таълимию китобҳои дарсӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки сатҳу савияи таълими забони давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳои таҳсилот беҳтар карда шавад. Бо вуҷуди ин, имрӯз дар ин риштаи фаъолияти устодони забон ва адабиёти тоҷикӣ масъалаҳои ҳалталаб ҷой доранд, ки он пеш аз ҳама ба талаботи имрӯза ва сатҳи инкишофи забони тоҷикӣ ҷавобгӯ набудани маводи таълимӣ мебошад. Ба назари мо бо маводи таълимӣ ва усулҳои тадриси солҳои ҳафтоду ҳаштоди садаи XX забони адабии имрӯзаро, ки дар қиёси замони номбурда ба куллӣ фарқ мекунад, омӯзонидани душвор аст.

Айни замон дар рушди забони адабии имрӯза ду сарчашмаи муҳим, аввалан забони адабии классикӣ ва забонҳои ҳамрешаи форсию дарӣ хеле фаъол гардиданд. Тӯли 20 – 25 соли охир аз ҳисоби захираи луғавии сарчашмаҳои мазкур вожаҳои зиёде ба забони имрӯзаи мо ворид ва роиҷ гардиданд, ки онҳо бешубҳа таркиби луғавии забонро ғановат бахшиданд. Аз ин рӯ матнҳои адабии аҳди шӯравӣ, ки ба ҳайси маводи омӯзишӣ дар китобҳои дарсӣ оварда мешаванд, ба ҳолати имрӯзаи забони тоҷикӣ мувофиқат намекунанд. Чунки вожаҳо ва истилоҳҳои зиёде, ки аз забони русӣ ҳамчун вожаҳои ба истилоҳ «русӣ – интернатсионалӣ» иқтибос мешуданд, имрӯз истифода намешаванд. Барои донишҷӯи имрӯз аллакай калимаҳои коммунизм, сотсиализм, колхоз, бригадир, бухгалтер ва ғайра нофаҳмо ва ноошност. Ин қабил калимаҳо, ки дар матнҳои гуногуни ҳамондавра серистеъмол буданд, тадриҷан ба захираи вожаҳои архаистӣ ворид мегарданд. Ба ҷойи онҳоро истилоҳу вожаҳои нав, ки бархе аз онҳо аз забони адабии классикӣ ва баъзеи дигарашон ба василаи қолабҳои суннатии вожасозӣ ва истилоҳсозии тоҷикӣ ба забони адабии муосир ворид мегарданд ва ё сохта мешаванд ва мустаъмал мегарданд, ки ин як раванди табии ғановати забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ аст.

Забони адабии имрӯза аз ҳар ҷиҳат ба забони ноби адабиёти классики тоҷикӣ наздик шуда истодааст. Дар чунин марҳилаи инкишофи забони адабӣ, ҳангоми таълиму тадриси он ба матнҳои хубу омӯзандаи адаиёти гузаштаи тоҷикӣ такя намудан хеле судманд мебошад. Ин шеваи тадриси забонро имрӯз на танҳо устодон ҳангоми таълими он, балки муаллифони дастуру китобҳои дарсӣ низ истифода мекунанд. Профессор Б. Камолиддинов ин ҷиҳати сабки нигориши китоби «Наҳви забони тоҷикӣ» - ро дар муқаддимаи он махсус қайд намудаанд[2].

Таҷрибаи дар асоси матнҳои хубе мисли «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ, «Гулистон» - и Саъдӣ, «Калила ва Димна» - и Абулмаолии Насруллоҳ ва шеъри волои Ҳофизу Бедил омӯхтани забони тоҷикӣ лексика ва сарфу наҳви онро мо дар гузашта доштем. Ин шеваи таълими забон имрӯз дар факултаҳои забон ва адабиёти Донишгоҳи Теҳрон, Донишгоҳи Кобул, факултаи ховаршиносии Донишгоҳи Санкт- Петербург ба таври васеъ истифода мешавад. Устоди зиндаёд А. Н. Болдирев бо донишҷӯёни гурӯҳи эроншиносӣ «Гулистон» - и Саъдиро мехонданд. Имрӯз мо матнҳои хуби соддакардашудаи ин асарро дар ихтиёр дорем ва аз онҳо бояд дар дарсҳои забони тоҷикӣ босамар истифода кунем. Яке аз матнҳои ҷолиби таваҷҷӯҳ ва дорои арзиши хоси таълимӣ ин матни таҳиянамудаи номзади илми филология Б. Шарифзода мебошад. Ин матн асосан бо мақсади омӯзиш дар факултаҳои дахлдори ДДОТ ба номи С. Айнӣ таҳия гардидааст. Таҳиякунандаи матн ба аҳамияти таълимии ин шоҳкории Саъдии Шерозӣ ишора намуда, менависад: «Дар тӯли асрҳо «Гулистон» дар мадрасаву мактабҳои Шарқ, аз ҷумла Мовароуннаҳр, Афғонистон, Эрон, Озарбойҷон ҳамчун китоби дарсӣ хизмат кардааст»[3]. Бартарии матни мазкур дар он аст, ки дар охири ҳар як ҳикоят луғатҳои душворфаҳм, вожаҳои ба хонандаи имрӯза ноошно шарҳ дода шудааст. Ғайр аз ин мафҳумҳо ва номҳои шахсиятҳои таърихӣ низ тавзеҳ мешаванд. Масалан, дар ҳошияи ҳикояти тоифаи дуздони араб вожаҳои корвон, булдон, маъво, дафъ, насақ, мудовамат, муқовимат, баргумоштан, қавм, қурси хуршед, таматтуъ, миннат ниҳодан, фасод, авлотар, ахгар ва ғайра шарҳ дода шудаанд, ки ҳамаи ин калимаҳо дар забони адабии имрӯза ва махсусан дар матнҳои гуногуни адабӣ, расмии

коргузорӣ ва матбуот серистеъмол ҳастанд. Донишҷӯ зимни мутолиаи ҳикоёти «Гулистон» на танҳо калимаҳои зебою серистеъмоли забони тоҷикиро аз худ мекунад, балки ӯ бо хазинаи маърифату ахлоқ, ҳодисаю воқеаҳои пурҳикмати рӯзгори муаллими ахлоқ – Саъдии Шерозӣ ошно мегардад. Дар ин асар ба қавли Б. Шарифзода беҳтарин суннатҳои «педагогии Шарқ бо услуб ва сабки марғуб таҷассум ёфтааст»[4]. Дар ҳикоятҳои дорои хасоиси насри мусаҷҷаъ, овардани байту пораҳои шеърии дорои мазмунҳои панду ахлоқӣ на танҳо ба тарбият ва ташаккули завқи зебоишинохтии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад, балки дар ғановати ҷаҳони маънавӣ ва ахлоқии ҷавонон нақши калон мебозад.

Устоди забони тоҷикӣ боз ҳамин гуна матнҳои бедоркунандаи шавқу завқи донишҷӯро метавонад аз осори Убайди Зоконӣ, «Баҳористон» - и Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ» - и Восифӣ, осори манзуми Низомӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Маснавии маънави» - и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва дигарон интихоб карда, дар дарсҳои забони тоҷикӣ ҳам ба ҳайси маводи таълимӣ ва ҳам ба сифати маводи кори мустақилонаи донишҷӯён истифода намояд. Мутолиаю аз худ намудани порчаҳои насрии классикӣ, қолаби тафаккури тоҷикии донишҷӯёнро ислоҳ менамояд ва дар онҳо малакаи дуруст ифода кардани фикрро ба забони тоҷикӣ тақвият медиҳад. Дар ин росто бояд таъкид кард, ки имрӯз мо яке аз беҳтарин ва зеботарин матнҳои насри тоҷикӣ «Таърихи Байҳақӣ» - ро дар даст дорем, ки он чанде қабл ба хати имрӯзаи тоҷикӣ баргардон шудааст. Ин матни зеборо дар ҳамаи кишварҳои форсизабон ва ё дар қаламрави имрӯзаи забони форсии тоҷикӣ ҳамчун намунаи барҷастаи забони адабии классикӣ меомӯзанд. Ба қавли Маликушшуарои Баҳор забони осори Байҳақӣ чунон ҷаззобу рангин аст, ки ҳатто миёни донишмандон истилоҳи «сабки Байҳақӣ» роиҷ гардидааст[5]. Барои собит намудани ин андеша ба ҷумлаҳои зерини Байҳақӣ таваҷҷӯҳ мекунем: «Дидори Султон бар моҳ уфтод ва гургониёнро аз рӯшноии он офтоб фахру шараф афзуд», «Бузург мардо, ки ӯ домани қаноат тавонад гирифт ва ҳирсро гардан фурӯ тавонад шикаст», «Аҳмақ мардо, ки дил дар ин ҷаҳон бандад, ки неъмат бидиҳад ва зишт бистонад», «Ҳар кас, ки хештанро натавонист шинохт, дигар чизҳоро чи гуна тавонад донист…». Дар ин ҷумлаҳо на танҳо шеърияти каломи тоҷикӣ ба ҷилва меояд, балки аксари онҳо дорои маъниҳои баланди панду ахлоқӣ низ ҳастанд, ки барои донишҷӯ хеле муфиду омӯзанда аст. Дар матни ҳикоятҳои «Таърихи Байҳақӣ» на танҳо қолабҳои маъруфи ибораю ҷумласозии тоҷикӣ, балки луғатҳои зиёди хоси форсии моваруннаҳрӣ фаровон ба кор меравад. Дар ин асар ҳикоятҳои зиёди хонданӣ ва пурҳикмате аз рӯзгори подшоҳон, ҳакимон ва бузургони гузашта бо забони соддаю оммафаҳм ривоят мешавад, ки аз онҳо устодон метавонанд пораҳои муҳимашро дар дарсҳои амалӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён аз фанни забони тоҷикӣ истифода намоянд. Илова бар ин, мо дар адабиёти муосири тоҷикӣ матнҳои хубе дорем, ки аз лиҳози забон, тарзи баён ва шеваҳои нигориш дар онҳо на танҳо назокати иборасозию ҷумлапардозии тоҷикӣ, балки сарватҳои бебаҳои қабатҳои луғавии он бозтоб мегардад.

Бояд гуфт, ки забони тоҷикӣ дар тӯли беш аз ҳазор соли мавҷудияти худ ғолибан дар мутуни адабӣ аз ҷумла тавассути каломи шоирона инкишоф ёфтааст. Назокатҳои ин забон, тобишҳои маъноӣ, тарзҳои ифодаи рамзию истиёравӣ ва ғайра асосан дар матнҳои назмӣ бештар бозтоб мегарданд. Аз ин ҷиҳат метавон ба таври умумӣ ба хулосае расид, ки дар замони мо истифодаи босамару оқилона ва огоҳонаи матнҳои манзуму мансури классикӣ ҳангоми таълими забони тоҷикӣ муфид ва муассир хоҳанд буд. Тавассути мутолиа, баррасӣ ва азёд кардани шеърҳо донишҷӯ на танҳо иттилои тозаи адабию таърихӣ ва ахлоқӣ мегирад, балки захираи луғавиаш қолаби тафаккуру андешароииаш беҳтар гардида бо забони тоҷикӣ зебо ҳарф задан ва зебо навиштанро меомӯзад. Зеро ҳадафи омӯзиши забони тоҷикӣ дар гурӯҳҳои русӣва ғайрифилологӣ асосан омӯзонидани нутқи шифоҳӣ ва хаттии босаводона аст. Ба назари мо, барои ба ин ҳадафи таълимӣ ноил гардидан истифодаи бештари матнҳои адабии хуб ва ҷолиби диққат, матнҳое, ки завқи донишҷӯро бедор мекунанд, меҳру муҳаббати ӯро ба забони шоиронаи тоҷикӣ меафзоянд муҳим ва муассиранд.

АДАБИЁТ

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон. – Душанбе: Шарқи озод, 2011, саҳ. 5-6.
2. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе: Сомониён, 2010. -С. 4.
3. Саъдӣ. Гулистон (Таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот Боймурод Шарифзода). – Душанбе: ДДОТ, 2015.
4. Саъдӣ. Гулистон, саҳ. 5.
5. Маликушшуарои Баҳор. Сабкшиносӣ, ҷ. 2. – Теҳрон, 1337. -С. 67.

ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЛИТЕРАТУРНЫХ ТЕКСТОВ В УРОКАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Одной из актуальных проблем обучения таджикскому языку, является эффективность его преподавания. В данной статье особо подчеркивается роль изучения литературных текстов на уроках таджикского языка, как эффективный инструмент освоение языка. Автор особо акцентирует внимание на использовании дидактических текстов из творчества классиков таджикско-персидской литературы на уроках таджикского языка.

***Ключевые слова**: таджикский язык, обучение, литературные тексты, преподавание языка, таджикско – персидская литература, дидактические тексты.*

THE EFFECTIVENESS OF THE USE OF LITERARY TEXTS IN THE LESSONS OF TAJIK LANGUAGE

One of the actual issues of learning of the Tajik language is the effectiveness of its teaching. This article highlights the role of the study of literary texts in the Tajik language lessons as an effective tool for the development of language. An author particularly emphasizes the use of didactic texts of the creative works of classics of Tajik-Persian literature in the lessons of Tajik language.

***Key words:** Tajik language, learning, literary texts, language teaching, the tajik - persian literature, the didactic texts.*

Сведения об авторе:

***Солехов Шамсиддин Аслиддинович,** доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы ТГПУ им. С. Айни, e-mail: soleh59@mail.ru*

About the author:

***Solehov Shamsiddin Asliddinovich,** Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature of the TSPU. S. Ayni, e-mail: soleh59@mail.ru*

АДАВОТИ ШЕЪР ВА МУҚАДДАМОТИ ШОИРӢ(АЗ НИГОҲИ ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ)

Умриддин Юсуфов

Институи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рӯдакӣ

«Ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъори-л-Аҷам»-и Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ дар таърихи адабиёти порсии тоҷикӣ севумин ва ба навбаи худ муҳимтарин китоби балоғат дар заминаи шинохти фунуни салоса (арӯз, қофия ва нақду-ш-шеър) ва бахше аз воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад, ки нисбат ба осори пешиниён дар ниҳояти камол таълиф шудааст. Онро худи муаллиф «дар ин фан ҷомеътар аз ин насохтаанд ва дар ин ин навъ муфидтар аз ин ҷамъ насохта» [3, 23], Абдуқаҳҳор ибни Исҳоқ мутахаллис ба Шариф соҳиби «Лисону-л-қалам» «китобест дар ғояти лутфу покӣ ва ороста ба анвои фавоид» [1, 2], Абдулҳусайни Зарринкӯб «дар ҳамаи фунуни шеър аз арӯзу қофия ва бадеъ ва нақди шеър, ки дар забони порсӣ то он ғоят ва ҳатто то кунун чунон китобе аз ҳайси ҷомеият ва диққат [таълиф-У. Ю.] накардаанд»[2, 417], Абдунабӣ Сатторзода «яке аз пурқимматтарин асарҳои назарӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик»

[4, 69] тавсиф кардаанд. Ин, аз як сӯ, нишон медиҳад, ки фанни балоғати порсии тоҷикӣ аз марҳалаи таъсис ва шаклгирӣ ба раванди тозаи таквину тадвини фунуни балоғӣ ворид гардида, аз сӯи дигар, ҳамчун сарчашмаи муътабари балоғат шинохта шуд, ки то он замон дар адабиёти порсӣ собиқа надошт. Зеро дар асри XIII дар баробари «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъори-л-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ инчунин тазкираи «Лубобу-л-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, рисолаҳои «Меъёру-л-ашъор» ва «Асосу-л-иқтибос»-и Хоҷа Насираддини Тӯсӣ ба вуҷуд омаданд, ки «афкори адабӣ ва эстетикии асрҳои миёнаи форсии тоҷикӣ дар ин қарн нисбат ба гузашта қадами қатъие пеш гузошта, хеле такомул ёфт ва ба гузоштани масъалаҳои муҳимми назарӣ ҷуръат намуд» [4, 85].

Муаллиф қисми хотимаи китоби худро “фотиҳаи ҳақиқати илм ва воситаи икд (гавҳарҳо)-и ин синоат” номида, дар он дидгоҳҳои адабӣ ва назариёти бадеии худро баён намудааст. Ӯ хотимаро, -менависад Уилям Смит, - ба маводе ихтисос медиҳад, ки фаротар аз тарҳи ғайри қобили инъитоф ва мавзӯоти аслии матни китоб аст [5, 161]. Ба андешаи мо, ин бахшро ба ҷуръат “адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ” метавон номзад кард, ба ин далел, ки он нақши як навъ дастури ҳунари шоириро дорад. Бояд гуфт, ки ин бахши рисола ба баъзе нуктаҳои “Қобуснома”-и Унсуралмаолии Кайковус ва “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ шабеҳ аст.

Фасли панҷуми боби дувумро, ки ба мавзӯи тағйири алфоз аз манҳаҷҷи савоб ва хатоҳои маънавӣ бахшида шудааст, низ метавон ба ҷуръат ба бахши нақди адабии Шамси Қайс дохил кард. Бояд гуфт, ки аксари ин гуна нақдҳо дар кутуби балоғии арабӣ, аз ҷумла муқаддимаи “аш-Шеър ва-ш-шуаро” - иИбни Қутайба ад-Динаварӣ, “ас-Синоатайн”-и Абӯҳилоли Аскарӣ, “ал-Умда”-и Ибни Рашиқ вуҷуд доштанд, ки Шамси Қайс аз онҳо истифода бурдааст.

Шеър дар баробари моҳият (модда) ва вуҷӯҳ (сурат), инчунин адавот дорад. Бинобар фармудаи Шамси Қайс: “Бидон, ки шеърро адавотест ва шоириро муқаддамотест, ки бе он ҳеч касро лақаби шоирӣ намезебад ва бар ҳеч шеър номи нек дуруст наёяд” [3, 443].

Ин адавот бо моҳият (маъно) ва сурат (лафз) таҷзия шуда, ба эҷоди шеър замина мегузорад. Маҷмӯи ин адавот дар дидгоҳи адабии Шамси Қайс аз чаҳор қисм: а) калимоти саҳеҳ, б) алфози азб, в) ибороти балеғ ва г) маонии латиф таркиб ёфта, онро “чун дар қолаби авзони мақбул резанд ва дар силки абёти матбӯъ кашанд, шеъри нек хонанд ва тамоми санъат ҷуз ба истикмоли олот ва адавоти он даст надиҳад” [3, 444]. Бар ин мабнӣ, ин адавот барои шеър аз аҳамияти вижа бархурдор буда, Шамси Қайс онро ба аъзои шахс шабоҳат додааст: “ва камоли шахс бе саломати аъзо ва абъози он сурат набандад”.

“Муқаддамоти шоирӣ” дар назариёти бадеӣ ва зебошинохтии Шамси Қайс аз мақулотест, ки шартҳои махсуси худро дорад, ки муҳимтарини онҳо ба қарори зайланд:

– вуқуфи шахс аз муфрадоти луғате, ки бар он шеър хоҳад гуфт;

– интихоби ақсоми таркиботи саҳеҳ ва пешгирӣ аз алфози фосид ва нодуруст;

– шинохти роҳу равиш ва сабку сиёқи калом дар таъсиси мабонии шеър ва сулуки маноҳиҷи назм (ба истилоҳи имрӯза мактабҳои адабӣ, ҷараёнҳои фикрӣ, сабкшиносӣ ва ҷараёншиносии шеър);

– пайравӣ аз суннату тариқати шоирон дар хусуси ситоиш ва сифоту дараҷоти мухотабот ва омӯхтани фунуни таъризот, лавозими тасреҳот, қавонини ташбеҳот, анвои таҷнисот, қавоиди мутобиқот, муғолатот, вуҷӯҳи муҷозот, истиорот ва соири маснӯоти калом;

– корбасти амсолу ҳикам дар мавқеи худ, донистан ва огоҳии комил доштан аз таърихи гузашта ва аҳволи мулуки пешиниён ва зиндагинома ва осори донишмандони барҷастаи қаблӣ;

– фарқи маъонии латиф аз заиф;

– дарёфти зебоии ҳусни матлаъ ва лутфи мақтаъи шеър, то ҳар маъниро дар кисвати иборате лоиқ ба минассаи (манзалаи) назм нишонад;

– иҷтиноб варзидан дар саради сухан аз маонии сард, ташбеҳоти козиб, ишороти маҷҳул, имооти мушкил, иҳомоти нохуш, таҷнисоти мутакаррир, авсофи ғариб, истиороти баид, муҷозоти нодуруст ва такаллуфоти сақил, тақдими таъхироти нодилписанд;

– дар ҳама абвоб аз қадри ҳоҷот ба тарафе аз ифроту тафрит берун наравад (яъне ҳадди эътидолро риоят кунад-У. Ю.) ва аз молобудд накоҳад ва дар молояънӣ наяфзояд [3, 444].

Аз шартҳои дигар ва ҳатмии муқаддамоти шоирӣ, ба қавли Шамси Қайс, вуқуф ёфтан аз илми арӯзу қавофӣ барои шинохти баҳрҳои қадиму ҳадис, фарқи авзони хуш аз нохуш ва “шояд ва нашояд”-и зиҳофҳо, дарку фаҳми абёти саҳеҳ аз сақим, тамйизи қофияи аслӣ аз маъмул, мукаррар хондани ашъори устодон ба хотири созгор омадани “моддаи табъ ва мояи хотир” мебошад. Пеш аз он, ки ба гуфтани шеър оғоз намояд бояд шартҳое, ки дар фавқ ишора шуд, иҷро намояд, “он гаҳ шеъри ӯ чун чашмаи зулол бошад, ки мадад аз ҷӯйҳои бузург ва рӯдҳои амиқ дорад ва чун маъҷуне хушбӯй ояд, ки равоеҳи он машоми арвоҳро муаттар гардонад” [3, 444-445].

Навиштани ҳар асар, аз ҷумла асари бадеӣ, хусусан шеър тартиби муайяне дошта, нахуст бояд тарҳи он рехта шавад. Дар назариёти адабии Шамси Қайс тарҳи нигориши шеър аз чаҳор рукн иборат аст: “чун ибтидои шеъре кунад ва оғози назме ниҳад, а) нахуст насри онро пеши хотир орад, б) маонии он ба саҳифаи дил нигорад, в) алфозе лоиқи он маъонӣ тартиб диҳад ва г) вазне мувофиқи он шеър ихтиёр кунад” [3, 445].

Илова ба ин, шоир ҳангоми эҷоди шеър бояд ба ду ҷанбаи муҳими балоғӣ таваҷҷуҳи вижа дошта бошад: а) сиёқати сухан ва б) тартиби маонӣ [3, 445].

Шамси Қайс дар баробари адабиётшиноси забардаст ва номӣ буданаш, инчунин шоири маъруфи замони худ буд. Ба ин далел, дар рисолааш ба ҷузъитарин масъалаҳои таълифи шеър аҳамияти махсус додааст: “Ва аз қавофӣ онч мумкин гардад ва хотир бад-он мусомаҳат кунад бар варақе бинависад ва ҳар чӣ аз он саҳлу дуруст бошад ва дар он вазн ҷойгир ва мутамаккин ояд, интихоб кунад ва шойгону маъмулро бад-он роҳ надиҳад. Ва... қасидаро бар сабили мусаввада таълиқ занад ва кайфа мо иттафақа (чунонки иттифоқ уфтод- У. Ю.) бигӯяд ва бинависад. Ва агар иттифоқи уфтодагии қофияте дар маъние ба кор бурда бошад ва байте машғул карда, баъд аз он маънии беҳтар рӯй намояд ва байте аз он азбтар даст диҳад ва он қофият дар ин байт мутамаккинтар ояд, нақл кунад. Пас агар ба байти аввал ҳоҷат бошад онро қофияте дигар талабад, вагарна тарки он орад. Ва чун абёт бисёр шуд ва маонӣ тамом гашт, ҷумларо марратан баъда ухро аз сари иттиқон боз хонад ва дар нақду танқеҳи он муболағат намояд ва миёни абёт талфиқ кунад ва ҳар якро ба мавзӯи хеш боз барад ва тақдиму таъхир аз он зоил гардонад, то маонӣ аз якдигар гусаста нашавад ва абёт аз якдигар бегона нанамояд. Ва ба ҳамаи вуҷӯҳ тавофуқи абёт ва масориъ ва татобуқи алфоз ва маъонӣ лозим дорад, чи бисёр бошад, ки ду мисроъ ё ду байт аз якдигар аз роҳи маънии мутаносиб наёяд ва бад-он сабаб равнақи шеър ботил гардад [3, 445-446].

Яке аз лавозимоти муқаддамоти шоирӣ ба истеъдоти фитрӣ ва маҳорате, ки тавассути таҷриба, хусусан таҳқиқи осори бадеӣ ҳосил шудааст, вобастагии қавӣ дорад. Ба иборати дигар, онро метавон ҳунари шоирӣ номид. Шоир аз назари Шамси Қайс “наққоши чирадаст” буда, бояд “дар тақосими нуқуш ва тадовири шоху баргҳо, ҳар гуле бар тарфе нишонад ва ҳар шох ба сӯе берун барад ва дар рангомезӣ, ҳар сибғ (ранг) ҷое харҷ кунад ва ҳар ранг ба гуле диҳад, онҷо, ки ранги сер лоиқ ояд, ним сер сарф накунад ва онҷо ки ранг равшан бояд, торик ба кор набарад” [3, 446-447].

Соҳиби ал-Муъҷам дар инҷо ба ду мақулаи адабӣ: а) ҳусни таълиф ва б) таносуби таркиб, ки бинои шеърро ташкил медиҳад, диққат варзида, баъдан дар хусуси интихоби мавзӯъ ба тафсил мулоҳизаҳои муфид меронад.

Шамси Қайс охирин бахши фасли вижаи “Дар зикри баъзе аз аҷноси шеър, ки мусталаҳ ва мутадовили оммаи шуарост”-ро ба мутакаллиф ва матбӯъ ихтисос додааст.

Шеър бино ба таърифи Шамси Қайс аз лиҳози муҳтаво ба ду навъи мутақобил - мутакаллиф ва матбӯъ ҷудо шуда, дар навбати худ дорои мухтассоти тамйизкунанда низ мебошад. Шеъри матбӯъ дар назариёти адабии Шамси Қайс ҳамон шеъри нек буда,

муаллиф сохтори онро бо таркиботи зер низомманд намудааст: а) насри балеғ ва назми бадеъ, б) қавофии дуруст, в) маонии латиф ва алфози хуб, г) ҳуруфи калимоти он бар ҳам уфтода ва талаффузи калимоти он мушкил набувад, д) тағнисоти он мутакаррир ва санъати он мутакаллиф набошад, е) бинои он бар машҳуроти луғати дарӣ саҳеҳ бувад ва аз ғароиби луғати фурс ва мусталаҳоти ҳар як вилоят (лаҳча - У. Ю.) пок бошад, ё) калимоти арабӣ, ки дар муҳовароти порсигӯён наёяд, дар он мустаъмал набувад, ж) аз ҳуруфи завоид ва ҳашвҳои қабеҳ, ки ҷиҳати анбориши байт истеъмол кунад ва аз тағйироти алфоз, ки қудамо зарурати онро дар ашъори хеш ҷоиз доштаанд, холӣ бошад, з) ба шунидан осон ва ба гуфтан душвор [3, 431], яъне саҳлу мумтанеъ бувад.

Ӯ шеъреро, ки дар он санъатҳои лафзӣ, аз ҷумла қалб ва тасҳиф ва истеъмоли ҳуруфи атил ё манқут истифода шудааст, яъне бо такаллуф гуфта шудааст, мутакаллиф (сохта ва ғайритабиӣ- У. Ю.) меномад. Чунончи Натанзӣ гуфтааст:

Тирмижгону камонабрӯ, суманбар, сангдил,
Бозсират, кабкрафтор, обтан, оташрухон.
Хубзоҳир, зиштботин, заҳркин, позаҳрмеҳр,
Некваъда, бадкуниш, фарбеҳсурин, лоғармиён.
Барқханда, барфдандон, кажзулфайн, ростқад,
Маҳҷабин, шабгесувон, ҳанзалсухан, ширинзабон. [3, 432].

Тавре ки дида мешавад, шоир дар ин абёт илтизом карда, чанд “маънии мухталиф ва исми мутағойир”-ро баршумурда, ки дар натиҷа “шеъре ғарибу назме мушкил”, ки воқеан маснӯъист, фароҳам омада. Зикри чунин шавоҳид аз ҷониби муаллиф ба хотири он аст, ки шоири ҷавон аз овардани калимоти душвор ва вазни нохуш худдорӣ намояд.

Умуман, дар бобати муқаддамоти шоирӣ, - менависад А. Сатторзода, - миёни назариёти Унсуралмаолии Кайковус, махсусан Низомии Арӯзӣ ва Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ ҳамрангие ҳис карда мешавад, ки ҳамаи онҳо пешаи шоириро худодода ва дастнорас ва як касби фавқуттабиӣ намешуморанд, баръакс барои ҳама дастрас ва имконпазир меҳисобанд ва барои аз худ кардани он роҳ нишон медиҳанд [4, 75].

Ноқид аз назари Шамси Қайс соҳибҳунарест, ки насси сареҳ, яъне неку бади шеър шиносад. Муаллиф саъй кардааст, то нақшу мақоми ноқидро дар ҳаёти адабии худ муайян намояд ва тафовути пешаи шоирӣ ва истиқлоли нақди шеърро ба таври мушаххас нишон диҳад.

Шеър, -менависад Шамси Қайс, -фарзанди шоир аст. Чун байте чанд гуфт... агарчи донад, ки камтар аз абёти дигар уфтодааст, аз хештан наёбад, ки гуфта ва пардохтаи хешро ботил кунад. Аммо ноқидро дил насӯзад бар шеъри дигарон, ки на ӯ хотир сӯзонидааст дар назм ва тартиби алфоз ва маъонии он, пас ҳарчи некӯ бошад ихтиёр кунад ва ҳарчи ракик бошад бигзорад, чӣ шоир дар назми хеш толиби хушомад бошад ва ноқид ҷӯяндаи беҳомад бувад” [3, 459].

Аз ин рӯ, Шамси Қайс ҳамчун ноқиди забардаст талош кардааст, то шоириро ҳамчун пешаи мустақил ва танқиди адабиро ба масобаи фанни махсус оид ба сухансанҷӣ исбот намояд. Тафовут ниҳодан миёни ноқид ва шоир аз ин ҷиҳат дорои аҳамият аст, ки муаллиф шеърро на ба ҳайси як асари ҳунарии хос, балки ҳамчун падидаи фарҳангӣ арзёбӣ мекунад: “... нақди шеър ва маърифати ракику расин ва ғассу самини он ба шеъри нек гуфтан тааллуқ надорад ва бисёр шоир бошад, ки шеър некӯ гӯяд ва нақди шеър чунонки бояд натвонад ва бисёр ноқиди шеър бошад, ки шеъри некӯ натвонад гуфт” [3, 457-458].

Рисолати шоир шеъри нағз гуфтан ва рисолати ноқид дар назди адабиёт нақди сараи асари бадеӣ мебошад. Ҳанӯз ҳафтсад сол қабл аз ин Шамси Қайс ба масъалаи нашру пахши шеъри шоир диққати ҷиддӣ додааст, ки онро метавон яке аз муҳимтарин дидгоҳҳои ӯ дар маърифати шеър номзад кард: “Ва бояд, ки ба ҳеч ҳол дар аввали ваҳлат бар гуфта ва пардохтаи хеш эътимод накунад ва то онро марратан баъда ухро бар ноқидони сухан ва дӯстони фозили мушфиқ арз накунад ва хатою савоби он аз эшон ба тариқи истиршод нашнавад ва эшон ба сиҳҳати назм ва қабули вазн ва дурустии

қофият ва узубати алфоз ва латофати маъонии он ҳукм накунанд, онро ба минассаи арзи омма нанишонад ва дар маърази писанд ва нописанди ҳар кас наёрад” [3, 456-457].

Дар маҷмӯъ, агар Муҳаммад Умари Родуёнӣ дар “Тарҷумону-л-балоға” дар хусуси нақди шеър бо ишораҳое маъдуд иктифо дорад, Рашиди Ватвот дар “Ҳадоиқу-с-сеҳр фӣ дақоиқи-ш-шеър” ин дидгоҳҳои адабиро каме вусъат бахшидааст, Муҳаммад Авфӣ дар “Лубобу-л-албоб” дар “роҳи татбиқи назарияи шеър ба амалияи он, яъне таҳлилу тадқиқи эҷодиёт ва асарҳои бадеии адибон фақат кӯшиш намуда бошад” [4, 76], пас Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ ҳамчун ноқиди номӣ ва забардаст қадаме аз гузаштагони худ пеш рафта, ба мавзӯъҳои мақоми сухан ва нақди он, нуфузи шахсияти наққодон, нақши онҳо дар ҳаёти адабӣ ва ниҳоят арзёбии баъзе аз мухтассоти нақди адабии даврaи худ, аз ҷумла тавсиф, таҷзия, таҳлили осори адабӣ, санҷиши ҷанбаҳои сохтор ва муҳтавои шеър аҳамияти вижа дода, бори нахуст нақди адабиро ҳамчун фанни махсус ва алоҳидаи адабиётшиносии порсии тоҷикӣ муаррифӣ кардааст. Ба иборати дигар, таҳкурсии фанни мустақилеро бо номи нақдушшеър ё ба истилоҳи имрӯза нақди адабӣ гузоштааст.

АДАБИЁТ

1. Абдуқаҳҳор ибни Исҳоқ. Лисону-л-қалам фӣ шарҳи алфози-л-аҷам. Бо ҳавошӣ ва таълиқоту тасҳеҳи Муҳаммад Ҳасан Адиби Ҳиравии Хуросонӣ. –Теҳрон. 1337.
2. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ошноӣ бо нақди адабӣ. Вироиши дувум. –Теҳрон: Сухан. 1380. Чопи шашум. -508 с.
3. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-Муъҷам фӣ маъойири-л-ашъори-л-аҷам. Ба тасҳеҳи аллома Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ, Мударрис Разавӣ ва Сирус Шамисо. –Теҳрон: Илм, 1388. -640 с.
4. Сатторзода Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ. –Душанбе: Адиб, 2001, -144 с.
5. Смит Уилям. Нахустин осори форсӣ дар балоғат. Тарҷумаи Маҳмуд Ҳасанободӣ. Кайҳони андеша. Мурдод ва шаҳривари 1373. Шумораи 55. – СС. 152-169.

СПОСОБ НАПИСАНИЯ ПОЭМЫ И ПОЭТИЧЕСКИХ НАВЫКОВ (С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ШАМСА КАЙСИ РОЗИ)

В статье исследуется одна из важнейших проблем персидско-таджикской литературной теории - стиль написания стихотворения и поэтическая основа (поэтические навыки), на которую ссылается выдающийся ученый XIII века Шамс Кейс Рози в секции Хотимы Аль-Му'джам. Он играет руководящую роль поэтических навыков. Автор считает, что каждая наука, включая науку о поэме, имеет свою собственную процедуру и правила. Если формулировка не соответствует стандартам стихотворения, то она не имела бы поэтической ценности. В статье автор пытается раскрыто видение и теорию Шами Кейса, связанные с идентификацией стихотворения и его сущности с новым взглядом.

Ключевые слова: *Шамси Кайси Рози, аль-Му'джам, фарситаджикская поэзия, поэтические навыки, красноречие, свежие смыслы.*

THE WAY OF WRITING POEM AND POETIC SKILLS (FROM THE POINT OF VIEW OF SHAMS QAYSI ROZEE)

The article explores one of the crucial issues of the Persian-Tajik literary theory – the style of writing poem and poetic basis (poetic skills), which is covered by the prominent scholar of the 13th century, Shams Qays Rozee in the Section of Khotima of al-Mu'jam. It plays the guiding role of poetic skills. The author believes that each science, including the science of poem has its own procedure and rules. If the wording does not meet the standards of poem, then it would not have a poetic value. In the article, the author tries to review the vision and theory of Shami Qays related to identification of the poem and its substance with the new view.

***Key words**: Shamsi Qaysi Rozee, al-Mu'jam, Farsi-Tajik poem, poetic skills, beautiful language, fresh meanings.*

Сведения об авторе:

***Умриддин Юсуфов** (г-н), докторант Института языка и литературы имени Рудаки, Академия наук Таджикистана.*

About the author:

***Umriddin Yusufov,** Doctoral candidate of the Institute of Language and Literature named after Rudaki, Academy of Sciences of Tajikistan*

РУКНУДДИН МАСЪУДИ ҚУМӢ ВА ДОСТОНИ Ӯ «ЮСУФУ ЗУЛАЙХО»

Вафо Элбоев

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таълифи достонҳои «Юсуф ва Зулайхо» дар адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, дар ин мавзӯъ осори зиёд ба назму наср нигошта шудаанд, ки муаллифони ин осор ҳама ин қиссаи шӯрангези ишқиро дар пироҳани бадеияти баланд тасвир кардаанд.

Рукнуддин Хоҷа Масъуди Қумӣ дар нигоштани ин қиссаи шӯрангез, ки дар тӯли ҳазорсола баҳри таҳкими одобу ахлоқи ҳамида, дур будан аз ҳавои шаҳват, талқини иффату тақвову фазилатҳои неки инсонӣ, шӯълаи умедро дар дилҳо зинда гардонидан ва фарҷоми некро чашмдор будани парҳезгорон хидмати назаррасе кардааст, даст зада, муваффақ бар он шудааст, ки ин «беҳтарин қисса» - ро ба зевари табъ ороят.

Рукнуддин Хоҷа Масъуди Қумӣ (1429-1488) аз зумраи суханварони тавонои нимаи дуввуми садаи ХУ мелодист, ки бо осори гаронбаҳои хеш ба занҷири заррини адабиёти форсии тоҷикӣ ҳалқаи наве зам намудааст, вале бо сабаби дастрас набудан ва кам ҳифз мондани осораш то кунун эҷодиёти ӯ пурра омӯхта нашудааст.

Қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» аз муассиртарин ва пурсӯзтарин қиссаҳои адабиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки аслан, аз фолклори яҳудиён сарчашма гирифта, баъдан тавассути китобҳои мӯътабари «Таврот» ва «Қуръон» ба адабиёти хаттии як қатор мамолики Шарқ роҳ ёфтааст.

Достони «Юсуфу Зулайхо» и Масъуди Қумӣ дар асоси ривояти сюжети қиссаи муҳаббати Юсуф бо Зулайхо реша дар фаҳлавиёти мардуми яҳуд дошта, мувофиқи қонунияти тамоми адабиёти олам, ки гузаштани як сюжет ба адабиёти хаттии ин ё он халқ аз амрҳои воқеист, интиқол ёфтааст ва дар асоси ҳамин ривоят навишта шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат, дар достон аз аввал то охир услуби ривоятӣ нигоҳ дошта шуда, аксари бобҳо аз забони нақлкунанда, ё ровие шурӯъ мешаванд:

Гӯяндаи ин суруди дилкаш
З-ин гуна кунад димоғи ҷон х-ваш,
Созандаи ин ҳадиси ҷонсӯз,
З-ин сон шавад аз сухан дилафрӯз. *

Ва дар ҷои дигар мегӯяд:

Гӯяндаи ин накӯ сароғоз,
Ин гуна кунад сари сухан соз.
Донандаи ин ҳадиси ҷонранд,
З-ин даст кушояд аз забон банд…

* Минбаъд ҳамаи мисолҳо аз матни достони Рукнуддин Хоҷа Масъуди Қумӣ «Юсуфу Зулайхо» дар тасҳеҳ ва тадвини Сайидалӣ Оли Довуд.-Теҳрон, 1369 оварда мешаванд.

Ҳамин тавр, Масъуд аз ноқилону ровиёни ин ҳикоят, ки ба гуфтаи адиби асри XIX Фаронса Э. Ренан «куҳантарин романи кӯҳнанашаванда» мебошад, ёд карда, худро «меҳнаткаши ин фироқнома», «суратгари ин саҳифаи роз» ва «гӯяндаи базми ишқу мастӣ» номидааст:

Меҳнаткаши ин фироқнома
Ин бардиҳад аз ниҳоли хома…

Ё худ:

Суратгари ин саҳифаи роз
Ин нақшаи роз аҷаб кунад соз.
Наққоши равоқи ин гулистон
Ин сурати хуш кашад ба дастон…

Достони «Юсуф Зулайхо» - и Масъуди Қумӣ, мисли достонҳои дигари адабиёти классикии форсии тоҷикӣ бо муқаддима оғоз шуда, баъд фасле дар баёни сифати меъроҷи пайғамбар Муҳаммад (с) меоварад.

Пас аз муқаддимаи анъанавӣ матолибе дар «Сабаби назми китоб» ва кайфияти сурудани қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» баён шуда, баъдан ба асли матлаб пардохтааст.

Дар сурудани достон манбаи асосии илҳоми шоир сураи 12-и Қуръон будааст, ки ин нуктаро дар қисмати « Сабаби назми китоб» чунин ба қалам додаст:

Бо хотири пок аз офати хок,
Гуфтам, ки чӣ гуфт эзади пок.
Ё раб, ба каломи пуркамолат,
Ё раб, ба ҷалолату ҷамолат,
К-аз ман бипазир зории ман,
Зориву сухангузории ман.
Дар гуфтаи ман мабин, ки ҳеҷ аст,
Ҳеҷ асту бар ӯ ҳазор печ аст!
Он бин, ки зи гуфтаи ту гуфтам,
Чандин дури бебаҳо, ки суфтам!

Дар достони «Юсуф ва Зулайхо» Масъуди Қумӣ боби алоҳидае дар мадҳи Алишери Навоӣ навиштаву дар « Оғози қиссаи Юсуф…» Навоиро сифат карда, дар байте чанд изҳор медорад, ки сабаби ба риштаи назм кашидани ин достон ташвиқи Алишери Навоӣ мебошад. Аниқтараш, дар аввал Масъуд дар фикри ба назм даровардани қиссаи «Булбулу Парвона» буда, доир ба ин мавзӯъ байте чанд навишта, ба ҳузури Навоӣ меорад. Навоӣ ба ӯ мегӯяд, ки ғараз аз навиштани достон тасвири воқеаҳои ҳақиқӣ ва таърихист, на афсонаҳои хушку холӣ:

Ин гуфта чу пистаест бемағз,
Худ писта ба мағз-дар бувад нағз.
Ҳар хушку таре ба мағз некӯст,
Мағз аст ғараз зи писта, на пӯст!
Парвона кадом дил харошад?!
Афсонаи булбуле чӣ бошад!

Баъдан, Масъуд оид ба ин қисса байте чанд навишта, ба ҳузури Алишери Навоӣ меорад ва устоди сухан ин кори оғозкардаи ӯро фоли нек ҳисобида, ба ӯ фотиҳа медиҳад:

Алқисса, ба қиссае чунин нағз,
Даррафтам чун дар устухон мағз.
Фасле ду-се гуфтам аз сари сӯз,
Чун фасли баҳори оламафрӯз.
Бурдам бари он баҳори олам,
Он мӯҷиби ифтихори олам,
Аз ман чу шунид гуфтаи ман,

В-он тоза дури насуфтаи ман…
…Гӯяндаӣ?- Рост кун забонро,
Он гӯй, ки рост гӯи онро!
Он қиссаи Юсуф аст, бишнав!
Бишнав, чӣ такаллуф аст, бишнав!
Пирояи насбу рафъи нас ӯст,
Мансуб ба аҳсан-ул қисас ӯст!

Алишери Навоӣ аз қиссаҳои то он вақт эҷодшудаи «Юсуф Зулайхо»-и адабиёти форсии тоҷикӣ огоҳӣ дошт, ки дар пояи баланд набуданд ва ба Хоҷа Масъуди Қумӣ далолат мекунад, ки достоне офарад, то ин қиссаи «Қуръонӣ»- ро бо суханони тоза, бо нигоҳи нав ва ифодаҳои пурмазмуни ҷаззоб орову перо диҳад. Масъуди Қумӣ аз забони Алишери Навоӣ чунин гуфтаеро меорад, ки далели гуфтаҳои қаблианд:

Бо ин ҳама ҳастии забардаст,
Назме на чунон ки боядаш, ҳаст,
Гуфтанд басе набуд олӣ
Ҷуз гуфтаи поки ҳақ таъолӣ!
Инро ту бисоз кисвате нагз,
Зам соз наботи суда бо магз!
Зебанда дурест оламафрӯз,
Дар сурати назми нав кунаш рӯз.

Ин ҷо ба натиҷае метавон расид, ки достони Масъуди Қумӣ пеш аз достони Абдураҳмони Ҷомӣ эҷод шудааст, вагарна Алишери Навоӣ, ки аз шогирдон ва наздикони Ҷомӣ буд, ба Масъуд аз вуҷуди достони ҳамноми Ҷомӣ хабар медод ва худи Масъуд, ки ба Ҷомӣ эҳтироми зиёд дошт, дар достони худ аз ӯ ёд мекард. Аз боби « Дар мадҳи Навоӣ…» чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки Масъуд дар ҷараёни тасвири образи Юсуф ҳамчун вазири доно, оқил ва раъиятпарвар симои Алишери Навоиро дар мадди назар доштааст. Абдулғанӣ Мирзоев ҳангоми баррасии достони «Юсуфу Зулайхо»- и Абдураҳмони Ҷомӣ низ ба ҳамин хулоса омадаанд [2, 273].

Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсуру маҳфуз, ки аз рукнҳои:

мафъӯлу мафоъилун мафоъил
мафъӯлу мафоъилун мафоъил
– **- У / У - У - / У - -**
– **- У / У - У - / У - -**

иборатанд, эҷод шудааст.

Достон аз 28 боб иборат буда, қисматҳои «Муқаддима», «Сифати меъроҷи пайғамбар», «Сабаби назми китоб», «Панди фарзанд» ва «Дар хотимаи китоб» ба сюжети асосии достон алоқа надоранд.

Баррасии мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Масъуди Қумӣ гуногун аст. Масъалаҳои муҳимтарине, ки шоир дар достон матраҳ кардааст, танқиди замона, тарғиби ҳокими идеалӣ, танқиди худхоҳону бадкешону кинаварзон, тарғиби дӯстиву бародарӣ, мазаммати рафтору кирдори бад, васфи некиву некӯкорӣ, ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, ватандӯстӣ ва ғ. ба шумор мераванд.

Шоир дар байту порчаҳои хусусияти иҷтимоидошта аз рӯзгори сангину ҳолати нобасомон ва беадолатии шоҳону ҳокимони давр ба риққат омада, норозигии худро, ки ҳамзамон норозигии аҳли заҳмат ва табақаи поёнии ҷомеа аст, бо ҳиссиёти баланду заковати шоирона ифода кардааст ва рӯйирост ба шоҳони замон муроҷиат менамояд, ки ҳокимияти шумо абадӣ нест ва танҳо барои ободиву осудагӣ кӯшед:

Хуросонро ба адл обод медор,
Ироқу Форсро ҳам ёд медор.

Масъуд аз бемеҳрии дунё, ки ҳамеша душвории зиндагӣ насиби аҳли заҳмат будаву худ маводи зиндагии аҳли ҷомеаро меофарад, вале бо душворӣ умр ба сар мебарад, ба фарёд омада, чунин мегӯяд:

Дило, гетӣ сари ёрӣ надорад,
Раҳу расми вафодорӣ надорад.
Дар ин айём, к-аз ҳар сӯ губорест,
Ба коми дил расидан сахт корест!

Шоир аз ҷониби бародарон фурӯхта шудани бародарро ҳамчун як ҳодисаи нанговари иҷтимоӣ нишон додаст, ки бародарони пайғамбарзода баҳри мақсадҳои ғаразноки худ Юсуфро ба чанд пули ночизе фурӯхтанд ва аз ин ҳодисаи нанговари иҷтимоӣ нафрат дорад:

В-он сангдилони сахтбозӯ,
Дар сангдилӣ гаронтар аз ӯ,
Буданд чунон ба кини ӯ гарм,
К-охир дилашон бар ӯ нашуд нарм.
Ҳам з-оташи хашм сӯхтандаш,
Ҳам хашмкунон фурӯхтандаш.
З-он сон гуҳаре сазои таъзим
Доданд ба ҳаждаҳ дирам сим!

Яке аз мавзӯъҳои умдае, ки дар эҷодиёти Масъуди Қумӣ, ба хусус достони ӯ «Юсуф ва Зулайхо» мақоми муҳиме дорад, фарогирии масъалаҳои ахлоқ ва тарбия мебошад.

Масъуд дар достони «Юсуф ва Зулайхо», ки дар охирҳои умраш эҷод кардааст, боби алоҳидаеро таҳти унвони «Панди фарзанди амҷад Ғиёсиддин Муҳаммад тола умруҳу» ҷудо карда, ба фарзанди худ насиҳат кардааст, ки воқеан пандномаи хубест. Дигар, дар дохили ҳар боби достон афкори ахлоқии хешро иброз доштааст

Андешҳои ахлоқии Масъуд дар достони «Юсуф ва Зулайхо» аз боби аввали достон, ки бародарони ситампеша ба Юсуфи назди падар маҳбубияти зиёддошта ва ҳасад бурдани онҳо нисбат ба ӯ оғоз мегирад. Бародарон аз ҳусну ақли расои Юсуф ва маҳбубияти ӯ назди падар ҳасад бурда, дар фикри ҷисман нест кардани Юсуф мешаванд:

Оре, ҳасад офате бузург аст,
Пайдост, шубон нуҳуфтагург аст.
В-арна, кӣ барад зи масту ҳушёр,
Юсуф бари гурги одамихор?!
Шайтони ҳасад чу рафт дар пӯст,
Ангехт ҳазор душман аз дӯст!

Шоир аз ҳасудии бародарон ба ғазаб омада, андеша дорад, ки агар бародар ба бародари хеш ҳасад варзад, пас дар дунё каси аз ҳасад пок вуҷуд надорад, зеро ҳасаду бахилӣ решаи ҳамаи бадбахтиҳост. Масъуд бо овардани ин байтҳо ҳасад ва ашхоси ҳасудро мазаммат карда, аз ҳасад дур буданро талқин менамояд:

То нест ҳасад, ту бе мане нест,
Аввал ҳасад аст, душмане нест!
Он дам, ки ҳасад расад ба поён,
Гардад сари душманӣ намоён!
Дидам ба ҷаҳон басе ҳасаднок,
Як кас нашунидам аз ҳасад пок!

Масъуд дар достон лаҳзаи рӯ ба рӯ шудани бародарон бо Юсуф сифати волои инсонӣ – бахшандагиро дар симои Юсуф инъикос намудааст. Юсуф новобаста аз он озорҳое, ки аз бародарони худ дидааст, онҳоро мебахшад, ки ин яке аз хислатҳои беҳтарини инсонист:

Гуфт:- Он чӣ ман аз шумо кашидам,
В-аз ҳар якатон чиҳо, ки дидам,
Имрӯз бишустам аз дил онро,
Обе задам оташи ниҳонро!

Гаштам, зи ҳар он чӣ рафт хомӯш,
Кардам ҳама рози дил фаромӯш!

Масъуд зимни баррасии мавзӯи бародарӣ ва баробарӣ ин нуктаро ситоиш карда, бародарӣ ва меҳрубониро аз нишонаҳои беҳтарини дӯстӣ медонад:

Он ҷо, ки ниҳояти тамиз аст,
Беҳтар зи бародарӣ чӣ чиз аст?!

Масъуди Қумӣ дар достони «Юсуф ва Зулайхо» дар ҷараёни тасвири ҳолоту воқеот аз воситаҳои тасвири бадеӣ ва унсурҳои хаёл фаровон истифода намуда, бештар ташбеҳ, истиора, муболиға, талмеҳ, таҷнис, тавсиф, руҷӯи лирикӣ, таҷоҳули ориф, ирсоли масал, таззод, саволу ҷавоб, нидо, сифатчинӣ ва ғ-ро истифода намудааст.

Ташбеҳ аз воситаҳои муҳими тасвири бадеист ва дар ҳар саҳифаи достони «Юсуф ва Зулайхо» намунаҳои онро метавон дарёфт, ки дар мавридҳои инъикоси характери воқеаву ҳодиса ва симои қаҳрамонҳо истифода кардааст:

Мӯяш чу бунафша пургиреҳ буд,
Рӯяш зи ҳазор моҳ беҳ буд.
Дар чеҳра ба Меҳру Муштарӣ хеш,
Аз Моҳ зиёду аз парӣ беш!

Ин ҷо шоир мӯйи печ дар печи Юсуфро ба «гиреҳи бунафша», ки дар воқеъ назарраобст, монанд карда, рӯяшро ба Моҳтоб, ки дар шаби тор ба олам рӯшнойӣ мебахшад, мушобеҳ ва чеҳраи зебои Юсуфро ба Офтобу Муштарӣ монанд мекунад.

Масъуд дар васфи Зулайхо беҳтарин ташбеҳотро ба кор бурдааст:

З-ин гамзазани карашмасозе,
Чун гул тару тоза сарвинозе.
Мӯе чу кашида шохи сунбул,
Хандон даҳане чу гунчаи гул.
Хуш симбаре, сумансурине,
Парварда ба ноз нозанине.

Дар ин байтҳо шоир Зулайхоро ба гули тару тоза, ки диданаш ба кас як ҷаҳон лаззат мебахшад ва дар ҳақиқат зебост, мӯяшро ба шохи сунбул ва хандиданашро ба шукуфтани ғунчаи гул монанд карда, қаду барашро ба сим ва рони пояшро ба суман, ки дар луғат ба маънои гули сафеди зебост, монанд тасаввур мекунад.

Дар достони «Юсуф ва Зулайхо» аз санъати **талмеҳ** низ зиёд истифода шудааст, ки ба ин восита ба як силсила воқеаҳои таърихӣ ва шахсони воқеиву таърихӣ ишораҳо мекунад ва образу тасвирҳои офаридашударо заминадору диданӣ мегардонад.

Масалан, бо овардани байтҳои зер шоир ба ривояти барбод додани Айвони Мадоин аз ҷониби Искандар ва ба ҷустуҷӯи оби ҳайвон (оби ҳаёт) гумроҳу саргардон шудани ӯ ишора кардааст:

Искандар агар ба ҳар тариқе,
Монанди ту доштӣ рафиқе,
Барбод надодӣ охир Айвон,
Гумроҳ нашудӣ ба оби ҳайвон.

Масъуд дар абёти зер ба ривояти «Юсуф ва Зулайхо» навиштани Абулқосим Фирдавсӣ ишора кардааст, чунки ибораҳои «донои гузашта достонҳо» ва «феҳрасти қадими хонадонҳо» маҳз ба Фирдавсӣ мансуб аст:

Донои гузашта достонҳо,
Феҳрасти қадими хонадонҳо,
Бониш чӣ гавҳарин баёне,
Гӯё ба накӯтарин забоне.
Аз магзи сухан чунин кашад пӯст,
З-он қисса, ки аҳсан-ул-қисас ӯст.

Муболиға аз саноеи дигари маънавӣ буда, барои равшантару пуртаъсиртар баён кардани афкори шоир ба кор меравад.

Масалан, дар байтҳои зер Юсуф ба «моҳ», «рашки ҷамоли сад паризод», «бандкушо», «озодкунанда» монанд тасвир шудааст, ки ин симоро боз ҳам бошукӯҳ ва бо шаҳомати хос нишон диҳад:

Он моҳи тамому сарви озод,
Он рашки ҷамоли сад паризод,
Он бандкушои сад фиканда,
Озодкуни ҳазор банда.

Масъуд симои Зулайхоро то дараҷае, ки имкон даст додаст, «парвардаи меҳру анвар», «ҳамшираи шаҳду шаккар», «сунбул», «гул», «Зӯҳра», «наргис» ва ғ. бо муболиға монанд кардааст, ки ин нукта дар байтҳои зер аз забони худи Зулайхо баён шудааст:

Аз рашки даҳони ман ниҳонӣ,
Ҷон медиҳад оби зиндагонӣ.
Парвардаи меҳри анварам ман,
Ҳамшираи шаҳду шаккарам ман.
Сунбул нашунидааст бӯям,
Гул сер надидааст рӯям.
Ман сарву санавбарам саросар,
Бо ман нашавад парӣ баробар.
Сад банда чу Меҳру Моҳ дорам,
Чун Зӯҳра ҳазор доҳ дорам.
Наргис чу ба чашми ман дарояд,
Гул кист, ки бо рухам барояд?

Ва дар байтҳои поёнӣ Юсуф ба «моҳи шаби чаҳордаҳ» монанд, дар мартаба буда, аз Осмон ҳам баландтар, аз фариштa беҳтар тасвир шудааст, ки на муболиға, балки ғулув аст:

Гӯянд, ки ҳам дар ин миёна
Он чордаҳ шаб маҳи ягона!
Юсуф, ки зи Моҳу Меҳр беҳ буд,
Дар мартаба аз сипеҳр меҳ буд!
Ӯ буд диле ба ҷон сиришта,
Дар сурати одамӣ фариштa!

Аз санъати **таҷнис** ҳам дар достон зиёд истифода шудааст, ки барои барҷаста ифода намудани фикри муаллиф хидмат мекунанд.

Барои намуна ба абёти зер муроҷиат менамоем:

Хуш танг ба бар гирифта ӯро,
Бар карда ниҳоли орзуро.

Дар ин байт вожаи «бар»-и аввал ба маънои «паҳлӯ» ё «оғуш» омада бошад, «бар»-и дуввум маънои «самар», «мева» ё «ҳосил» додани ниҳоли орзуро дорад, ки маънои яклухти он мувафақият ба даст овардан аст.

Ва дар байти:

В-он гумшуда корвониён ***боз,***
Карданд ба раҳ чу ***боз*** *парвоз.*

вожаи «боз» ба ду маъно: «боз»-и якум «аз нав» ва дуюм «парранда» омадааст.

Дар байти:

Ҷон аст ба ҷои ҷон расонаш,
Дар хотири инсу ҷон нишонаш,

шоир калимаи «ҷон»-ро дар ду мисраъ овардааст, ки аввалӣ ба маънои «ҷон», «рӯҳ» ва «қувват» аст ва «ҷон»-и дуввум ба маънои «ҷин», ғайри инсон омада, тобиши маъноии байтро таъмин намудааст.

Ин андеша, ки: «Дар таҷниси лафзӣ калима ва дар таҷниси маънавӣ маъно такрор меёбад» [3, 120] дар асоси мисолҳои фавқ бардурустанд ва санҷида шудаанд ва Масъуди Қумӣ дар достон бештар аз таҷниси маънавӣ истифода кардааст, ки аксаран шинаму ҳунармандонаю бамаврид баромадаанд.

Таззод одатан, баҳри истифодаи ҳиссиёти мухталифи образҳо ва афкори мутақобили онҳо истифода мешавад ва Масъуд дар достон аз ин навъи санъати бадеӣ зиёд истифода намуда, зиддияти афкору рафтору гуфтори қаҳрамононашро қавитар баён доштааст.

Масалан, дар мавриди қабул накардани ишқи Зулайхо аз ҷониби Юсуф, ки лаҳзаи пурихтилофу ҳассосу вазнини равонист, ин санъати драматикиро шоир устокорона, оливу бамаврид ба кор андохтааст:

Ӯ гавҳари иштиёқ месуфт,
Ин масъалаи фироқ мегуфт.
Ӯ майли бару канор мекард,
Ин аз бари ӯ канор мекард.
Ӯ пеши худаш ба дида мехонд,
В-ин ашк чу хун зи дида меронд.

Дар байтҳои дигар низ таззод барҷаста зуҳур ёфтааст ва вожаҳои мутаззоди «гулу хор», «баду нек», «кӯҳнаву нав», «каму беш» бамаврид корбаст гардида, созмони мисраву байтҳоро зебу зиннати лафзӣ бахшидаанд:

*Дар ҳар коре **гул**еву **хор**ест,*
*Ҳар **хор**у **гул**е барои корест.*
*Кор аз **бад**у **нек**у **кӯҳна нав** аст,*
***Бад** низ ба кори хеш **нек** аст.*
*Масъуд, агар **бад**, ар **накӯй**ӣ,*
*Хуш бош, ки **нек**у **бад** аз ӯйӣ.*
*Он к-ин ҳама **нек**у **бад** аз ӯ шуд,*
*Ӯ кард агар **бад**, ар **накӯ** шуд.*
Бо он ки ту бас камӣ зи ҳар хас,
Гар бандаи хеш хонадат бас.

Лаҳзаи вохӯрии бародарон бо Юсуфро ҳам шоир тавассути таззоду муқобилгузорӣ хубу риққатовару диданӣ тасвир кардааст:

Хандид, чу дид рӯйи ҳамзод,
Бигрист, чу омадаш падар ёд.

Тавсиф аз саноеи густардаи бадеист, ки Масъуд аз кӯмаки он дар достон нисбатан кам бошад ҳам, ҳунармандона истифода кардааст. Дар мавриди ифодаи сифати зебоии Юсуф шоир чунин байте дорад:

Симинбадане, сиҳихироме,
Бас нозуку нозанин гуломе.

Ё дар байте аз сифатҳои Молик Райён, ки Азизи Миср буда, дар мулкдорӣ аз соҳибхирадон маҳсуб мешуд, чунин вожаҳоеро корбаст намудааст:

Соҳибхираде, сутудахӯйе,
Дар Миср набуд ҳамчу ӯйе.

Андар тавсифи зебоии Зулайхо шоир вожаҳои аз ҷиҳати шакл ва маъно хеле зеборо паҳлӯи ҳам чидааст, ки дарвоқеъ ин амал образро барҷаста таҷассум менамояд ва ин маҳорати устодии Масъуд дар чеҳраофаринӣ аст:

Хуш симбаре, сумансурине,
Парварда ба ноз нозанине!
Бас чобуку нозуку шакархо,
Номаш сари чойгон Зулайхо!

Нидо аз санъатҳои дигари матлуби шоир аст, ки дар достон зиёд истифода шудааст ва асосан барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷони образҳои достон дар мавридҳои

гуногун ба кор меравад. Чунки: «Нидо аз он хитобҳои музтарибона иборат аст, ки тазоҳури ҳаяҷони қалбӣ ва эҳсосоти амиқи рӯҳии шоир аст» [4, 89]. Дар достон байтҳои зиёдро дучор меоем, ки ҳам хусусияти хурсандибахшӣ ва ҳам аломати ҳузнварӣ доранд. Лаҳзаҳои дар сари қабри модар зор-зор гириста, ба ӯ муроҷиат кардани Юсуф ва ҳоли зори ба ғуломӣ фурӯхта шуданашро шоир бо сӯзи дил тасвир кардааст, ки саҳми нидо дар амалидошти нияти эҷодии шоир назаррас аст:

К-эй модари меҳрубон, худоро,
Бингар, чӣ ба сар расид моро?!
Фарёд, ки гар ғамам бидонӣ,
Фарёд ба Осмон расонӣ!
Аз сад ғами дил, ки тохт сӯям,
Ғамгин шавӣ, ар яке бигӯям.
Боре, яке аз ҳазор бишнав,
В-ин гиряи зори зор бишнав.
Инак, ту бубин, эй Худованд,
Ман бандаву пойбанд дар банд.
Бардор зи хок сар замоне,
Дарёб ба лаб расида ҷоне.
Дар зории бешумори ман бин,
Ҳоли ману ҳоли зори ман бин!

Дар ин байтҳо ҳолати фоҷеабори Юсуфи таҳқиршударо, ки ба модари худ нидову муроҷиат мекунад мебинем, ки аз лаҳзаҳои бисёр муассири достон аст.

Руҷӯи лирикӣ-ро Масъуд дар аввалу охири боби достон овардааст. Агар дар аввали бобҳо мӯҳтавои онро бо руҷӯи лирикӣ ба хонанда шинос кунад, дар охири боби достон ин қисматҳоро бо суханони пандомез ва баландғоя ҷамъбаст намудааст.

Масалан, ҷамъбасти боби «Расидани корвон ба Миср ва расонидани он гавҳари қимате ба бозори нахосон ва харидани Азизи Миср ӯро ба баҳои гарон», ки ба мавзӯи ишқ бахшида шудааст, яке аз беҳтарин руҷӯъҳои лирикии достони «Юсуф ва Зулайхо»-ст:

Масъуд, хуш он замон, ки будат,
Ишқе, ки зи хеш мерабудат!
Ҷуз ишқ агарат набуд коре,
Кори дигарат набуд боре!
По то камарат набуд дар гил
В-ин кӯҳи ғамат набуд дар дил!
Он гарчи намонд ҷовидонӣ,
Ин низ ба сар расад, чӣ донӣ?!

Ё худ, ҷамъбасти боби «Ҷамъ сохтани Зулайхо хавотини Мисрро ба расми зиёфат... » низ хеле баланд ифода гардида, шоир дар ин руҷӯи лирикӣ аз ташбеҳоти марғуб истифода карда, бадеиятро барҷаста тасвир кардааст:

Масъуд, чӣ шуд, ту ҳам замоне
Хомӯш нишин чу безабоне!
Вомонд забон, қалам раҳо кун,
Шуд кунд қалам, забон-ш во кун!
Дорад мижаат зи ҳад қалам беш,
Аз дида давот кун, бинеҳ пеш!
Аз дудайи дида кун сиёҳӣ,
В-он гоҳ бинавис, ҳар чӣ хоҳӣ!

Забони достони «Юсуф ва Зулайхо» ниҳоят ғанӣ, фасеҳ, пуробурунг, ширин ва фаҳмост. Тамоми зебоиву дороиҳои асари бадеӣ маҳз тавассути забон ифшо

мегардад ва дуруст таъкид шудааст, ки: «Воситаи асосии шакли асар ва мазмуни он забон мебошад» [5, 52].

Забон воситаи асосии эҷоди ҳар гуна асари бадеист, ки маҳз бо воситаи он эҷодкор метавонад андешаву эҳсосоти худро ифода карда, образҳои марғубу дилнишини бадеӣ офарад ва воқеиятро ҷолиб тасвир намояд. Воқеияти зиндагиро Масъуди Қумӣ дар достонҳояш кӯтоҳу самимӣ ва равон нишон додаст. Дар нишон додани ҳолатҳои зоҳириву ботинии қаҳрамонҳо, воқеияти зиндагӣ ва лаҳзаҳои хубу душвори иҷроиши орзуву омоли онҳо шоир аз калимаву ибора ва мақолу зарбулмасалҳои халқӣ фаровон истифода намуда, заминаи мустаҳками забони асар ва оҳангнокии тасвирро ба нудрат афзудааст ва ин нукта яке аз рисолати шеъру сухани ҳадафманд аст: «Шеър гиреҳхӯрдаи отифа ва тахайюл аст, ки дар забони оҳангин шакл гирифта бошад» (6, 98), ки ин отифа ва тахайюл ба воситаи мақолу масалу зарбулмасалҳои халқӣ боз ҳам шевотар мегарданд.

Масъуд дар достони «Юсуф ва Зулайхо» инчунин аз истилоҳоти илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва динӣ васеъ истифода намудааст, ки ин истилоҳот зимни ифшои андешаҳояш дар мавриди ифодаи ҳолоту воқеаҳои асар бо барҳӯрди лаҳзаҳои муассири достон ироа гардидаанд. Нуктаи дигари мавриди таваҷҷӯҳ ин аст, ки Масъуд дар достон аз истифодаи калимаву ибораҳои муғлақи арабӣ, ки хоси забони асарҳои зиёди классикӣ ҳастанд, дурӣ ҷуста, афкори худро бештар бо забони форсии тоҷикӣ баён доштааст. Ибораҳои арабӣ аксаран дар қисматҳои «Наъти пайғамбар», «Шаби меъроҷ» ва унвони бобҳои достон вомехуранд. Вожаҳои нобу ибораҳои халқӣ, ки дар достон фаровон истифода шудаанд, дунёи ботинӣ ва ҳолати рӯҳии қаҳрамонҳоро рангин гардонидаанд.

Масалан, ибораҳои рехтае чун «мардумӣ намудан», ки ба маънои касеро дастгирӣ кардан ва меҳрубониро ифода мекунад, ниҳоят бамавқеъ ва гуворо корбаст шудааст:

Сад раҳ ба тафаққудаш сутудӣ,
Бас мардиву мардумӣ намудӣ.
Ё худ ибораи «дилу дин бурдан»:
Хуни дили ман ҳамин ту хӯрдӣ,

Аз ман дилу дин ҳамин ту бурдӣ. , ки маънои «дил додан», «меҳр бастан»-ро медиҳад, дар достон зиёд дучор меояд ва ин ибораҳои рехтаро шоир бамавриду дилчасп истифода кардааст.

Ифодаҳои маҷозии «аз гил сохта шудан» ва «дари маргро ба гил бастан» дар байти зерин ба кор рафтаанд, ки аввалӣ маънои «аз гиле бо номи салсол сохта шудани колбади инсон»-ро мефаҳмонад, ки ин нукта дар сураи «ар-Раҳмон»-и Қуръон (сураи 55, ояти 14) чунин баён гардидааст: «Халақал инсона мин салсолин калфаххор» [7, 530]:

Як мушт гилӣ, ту эй тиҳидаст,
Натвон дари маргро ба гил баст.

Ва маънои ифодаи маҷозии дуввум ин аст, ки инсон бар он қодир нест, то дари маргро бубандад ва ҳамаи ашё миранда аст.

Дар достони «Юсуф ва Зулайхо»- и Масъуд зарбулмасалу мақолҳо, ки шоир онҳоро дар шакли шеър овардааст, ба ҳусни баён латофат ва зебоии зиёд бахшидаанд. Бо истифодаи мақолу зарбулмасал шоир инъикоси ҳолати қаҳрамонон ва бадеияти достонро тавонистааст баланд бардорад.

Дар байти зерин бо овардани зарбулмасали «бародари ман бошӣ, баробари ман бош» шоир тавонистааст ҳам андешаҳои ахлоқӣ ва ҳам ҳолоти қаҳрамони асарро равшан таҷассум намояд:

Он ҷо ки ниҳояти тамиз аст,
Беҳтар зи бародарӣ чӣ чиз аст?!
Масъуд дар байтҳои

Чун ломи хамида мубталое,
Ҳамчун алифаш ба каф асое.
З-ин аст, ки бар сар аст модом,

Оёти китобро алифлом. , мақоли «сароёти китоб (манзур Қуръони мачид) алифлом аст»-ро устодона китобат кардааст.

Дар байти поён мақоли «инсон сиришти ҳайвонӣ дорад»-ро бамаврид истифода карда, хонандаро ба инсонгарӣ даъват мекунад ва бо танзу киноя мефармояд:

Бас нохалаф аст одамизод,
Аз вай накунӣ ба мардумӣ ёд.

Шоир дар байти навбатӣ зарбулмасалеро, ки муродифи он «чоҳканро чоҳ дар пеш аст» ба шумор меравад, бамаврид ба кор бурдааст:

Гар чоҳ канад хасис дар роҳ,
Худ пештар уфтад дар он чоҳ!

Бо истифода аз зарбулмасалу мақоли зиёд дар достон шоир ҷанбаи иҷтимоӣ, панду ахлоқӣ ва услубии асарро афзун сохттааст.

Истифодаи бамаврид аз зарбулмасалу мақолҳо ва санъатҳои маънавиву лафзӣ достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро ҷаззобу дилкаш гардонидаанд, ки бо фарогирии мавзӯъ, инъикоси ҳолати қаҳрамонҳо, тарғиби ғоя ва офаридани образҳои дилнишин дар мисоли худ беназиранд.

АДАБИЁТ

1. Хоҷа Масъуди Қумӣ. «Юсуфу Зулайхо» ва «Шамсу Қамар». Тасҳеҳ ва тадвини Сайидалӣ Оли Довуд. - Теҳрон, 1369 ҳ.
2. А. Мирзоев. Сездаҳ мақола. – Душанбе : Ирфон, 1977.
3. Тӯрақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе : Ирфон, 1992.
4. Раҳими Мусулмониён. Назарияи адабиёт. –Душанбе : Маориф, 1990.
5. Х. Шарифов. Мақолаи «Адабиёт», Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1988.
6. Муҷтабои Башардӯст. Зиндагӣ ва шеър. –Теҳрон, 1379 ҳ.
7. Қуръон. -Теҳрон, 1368 ҳ.

РУКНУДДИН МАСУДА КУМИ И ЕГО ПОЭМА«ЮСУФ И ЗУЛЕЙХА»

Данная статья посвящена всестороннему изучению и литературоведческому анализу поэмы «Юсуф и Зулейха» Рукнуддина Масуда Куми, поэта второй половины XV века таджикско-персидской литературы.

Ключевые слова: *поэма, сказка, любовь, Юсуф, Зулейха, легенда о любви, религиозный.*

RUKNUDDIN MASUD QUMI AND HIS POEM «YUSUF AND ZULAIKHO»

The article is devoted to the wide learning and analyze of the poem of «Yusuf and Zulaikho» of Ruknuddin Masud Qumi the poet of second half of the XVth century.

Key words: *poem, storiy, Love, Yusuf, Zyleikha, the leqend of love, releqiozny.*

Сведения об авторе:

Вафо Элбоев, *доктор филологических наук, кафедры теория и история литературы ТГПУ им. С. Айни, тел: (+992)935314408, e-mail: vafo_1965@mail.ru*

About the author:

Vafo Elboyev*, the Doctor of Philology, departments the theory and history of literature of TGPU of S. Ayni, ph. (+992)935314408, e-mail: vafo_1965@mail.ru*

ВАЗЪИ СИЁСИИ ПОМИР ДАР АСРҲОИ VII – НИМАИ АВВАЛИ IX

Пирумшоев Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Вобаста ба ҷараёни воқеаҳои дар асрҳои VII-VIII суръат гирифта, ки ба рушди муносибатҳои сиёсӣ, сафоратию тиҷоратии байни мулкҳои Осиёи Миёна ва Чин мусоидат мекарданд, барои рӯи кор омадани маълумотҳои нисбатан пурраву аз воқеияти замон даракдиҳанда заминаи мувофиқ пайдо шуд.

Дар маъхазҳои ба ин давра иртибот дошта, доир ба Помир маълумоти хеле ҷолиб ба назар мерасад. Аз мантиқи онҳо бармеояд, ки суръат гирифтани раванди амалиётҳои ҷангии байни Чин ва Хоқонии туркҳои ғарбӣ дар нимаи аввали асри VII дар минтақа, ки соли 638 ба шикаст хӯрдану завол ёфтани нуфузи туркҳо сабаб шуда буд, ба вазъи сиёсии мулкҳои Помир бетаъсир буда наметавонист.

Ба дарбори императорони Чин тез-тез ташриф овардани намояндагони мулкҳои Помир ва то рафт бештар сурат гирифтани алоқаи сафоратию тиҷоратии тарафайн аз як тараф аз афзудани нуфузи байналмиллалии Чин дарак диҳад, аз тарафи дигар қавӣ будани мустақилияти сиёсии ин мулкҳоро нишон медиҳад. Табиист, ки на ҳама маълумоти инъикоскунандаи ин муносибати то замони мо расидааст, вале аз мантиқи маъхазҳо ғаразмандии сиёсӣ ва зуран бор кардани нуфузи сиёсии Чин дар минтақа бар намеояд. Ба дарбори императори Чин соли 646 ташриф овардани намояндаи Шени (Шуғнон) низ дар ҳадди эҳтиромгузории байни давлатӣ будааст.

Императори Чин дар минтақаи аз доираи ҳокимияти Хоқонати ғарбии турк баровардааш, ислоҳоти маъмурӣ гузаронида, он ҳудудро ба 16 губернаторӣ тақсим намудааст, ки аз ҷиҳати масоҳат калонтаринаш Юечжи, 25 округро дар бар мегирифт. Яке аз онҳо бо марказаш шаҳри Ботэшан дар ҳудуди қисмати назди Помири Ғарбӣ ҷой дошта, ҳаргиз маънои ба доираи нуфузи сиёсии Чин афтидани ин минтақаро надорад. Гарчанде баъзе аз муҳаққиқон Вахонро ба сифати губернияе бо ном Няофэй нишон дода, тобеияти онро аз Чин тахмин карда бошанд ҳам, барои тасдиқи ин тахмин далели маъхазии боэътимоде пеш наоварданд. Ҳамчунин дар адабиёти илмӣ тахмини барғалате нисбат ба Шуғнон низ ҷой дорад, ки ин мулки мустақили дар байни Вахону Кумиҷ ҷой дошта, гӯё чун губерния ё округ дар ҷузъиёти маъмурии Чин ишора ёфта бошад[17, с. 136-137]. Вале далелҳои мавҷудияти алоқаи озоди савдоию сафоратии Шуғнон чун воҳиди давлатдории мустақил бо Чин, ин фикрро батамом ботил месозанд.

Бояд қайд кард, ки ислоҳоти маъмурии солҳои 659-661 гузарондаи императори Чин дар минтақаи қаблан зердасти туркон буда, вобаста ба вазъи мураккаби сиёсӣ, амали қатъӣ гирифта натавониста, аз расмиятчигии маъмурии рамзӣ (номиналӣ) беш набуд. “Ҳокимияти сиёсии бевоситаи Чин, - менависад А. М. Манделштам, - фақат дар Туркистони Шарқӣ ва минтақаи назди Помири Шарқӣ паҳн шуда буд, вале он ҳам то андозае маҳдуд буд. Аз ин ҷиддан дигар нашудани сохтори маъмурӣ дарак медиҳад. Дар Тахористон ҳокимияти ябгу (ябғу ё ҷабғу), ки унвони губернатории юечжи гирифта буд, ягон итоаткории маъмурии нав дар ин ҳудуд арзи вуҷуд пайдо накард. Ба ин мактуби ҳокими (ҷабғу) Тахористон Пуло-тегин ба императори Чин гувоҳӣ медиҳад. Дар он дар қатори мулкҳои дар итоати ҷабғу қарордошта, на танҳо Бадахшон инчунин Хуми (Вахон) ишора ёфтааст, вале чун воҳиди маъмурии губернаторӣ тобеияти онҳо ба Чин асоси воқеӣ надошт”[17, с. 138]. Аз хулосаи ин олим бармеояд, ки минтақаи “назди Помири Шарқӣ”, ҳаргиз маънии аз ҷиҳати ҷуғрофи ҳудуди худи Помирро дар бар гирифта натавониста, чун мулкҳои ҳамсоя (дар Туркистони Шарқӣ) фаҳмида мешавад. Аз тарафи дигар, дараҷаи итоати маъмурии онҳо низ аз сари чанд вақт бо тӯхфаҳо ба

дарбори император ташриф овардан беш набуд ва ин аз анъанаи эҳтироми тарафайн бармеомад.

Аз байнбурдани ҳокимияти туркҳо дар Туркистони Шарқӣ барои бехавф гардондани роҳҳои тиҷоратии империяи Чин бо Тахористону Ҳиндустони Шимолӣ, ки ба воситаи мулкҳои Помиру назди Помир мегузаштанд, ҷиддан мусоидат намуд. Баланд шудани нуфузи сиёсии Чин дар ин паҳнои бузург, ки то сарҳади Эрон тӯл мекашид, барои рушди босуръати тиҷорат дар самтҳои зарурии Роҳи Бузурги абрешим имконияти васеъ фароҳам овард.

Таъғйироти ояндаи муносибатҳои сиёсӣ ва тиҷоратию фарҳангии Осиёи Марказӣ, ки барои мулкҳои Помиру Бадахшон бетаъсир буда наметавонист, ба ҳуҷуми арабҳо пайвастагии зич дорад.

Қабилаҳои кӯчии то давраи исломӣ парокандаи араб, ки дар адабиёти динӣ "Давраи ҷоҳилия"-аш ном мебаранд, тавассути ташаббусу заҳмати Пайғамбар Муҳаммад (с), ташаккулёбии барои замону ин қабоили доимо дар низои фоҷиавии авлодӣ қарордошта[11, с. 94-109], идеологияи мавзуну тақдирсоз – ислом, тавонистанд аз ҷиҳати сиёсӣ муттаҳид гардида, давлати ниҳоят муттамарказу аз ҷиҳати ҳарбӣ пурқувват - Хилофатро ташкил диҳанд. Нуфузи давлатдорӣ ва иқтидори ҳарбии Хилофат ба арабҳо имкон дод, ки зери шиори "ҷиҳод" пайваста ҳудуди худро васеъ намоянд.

Ҳамин тариқ дар қаламравии сарҳадии Тахористон қувваи ҳарбии арабҳо ҷамъ меомад, ки метавонист дар ҳар маврид ба ҳуҷум гузарад. Аз миёнаи асри VII ба ҳудуди ғарбии Тахористон тохту този ғоратгаронаи арабҳо оғоз ёфт. Соли 650 онҳо ба Балх ворид гардида, аз аҳолии он хироҷ гирифтанд. Соли 651 охирин подшоҳи сосонӣ Яздигурди III аз таъқиби арабҳо паногоҳ ҷуста, худро ба Марв расонд, вале волии Марв ба хиёнат даст зада ӯро қатл кард. Ҳамон сол арабҳо Марвро ишғол намуда, барои ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кардан омодагӣ диданд. Соли 654 онҳо ба ҳуҷум гузашта, Маймурғро дар Суғд ишғол намуданд. Ин тохту тозҳо дар солҳои 60-ум боз фаъолтар гардиданд. Аз ҷумла, соли 667 ба Чағониён ҳамла оварда, ба Ҳайтолиён зарбаи сахт заданд. Чунин амалиёт соли 671 такрор ёфт.

Бояд зикр кард, ки то ибтидои асри VIII амалиёти арабҳо дар Мовароуннаҳр беробту муваққатӣ буд. "Ҳамин тариқа, - менависад Б. Ғафуров, - то замони қоиммақоми Хуросон таъйин гардидани Қутайба ибни Муслим (соли 705) он ҳама ҷангҳое, ки арабҳо дар Мовароуннаҳр кардаанд, хусусияти тасодуфӣ ва ноҷур дошта, фақат барои мақсадҳои ғоратгаронаи сардорони ҷудогонаи араб хизмат мекарданд. Қӯшунҳои араб вилоятҳои дар натиҷаи тохтутозҳои шадид ишғол намудаи худро тороҷ карда ва ба харобазор табдил дода, ба Марв бозмегаштанд"[7, с. 410-411].

Қутайба ба амалиёти ҷангии арабҳо характери муттасил бахшид. Ӯ аз парокандагии сиёсии Мовароуннаҳр истифода бурда, онро пурра ба тобеияти Халифати араб даровардан шуд. Ба муқобилияти сахти аҳолии маҳаллӣ нигоҳ накарда, Қутайба дар натиҷаи ҷангҳои даҳсола (705-715) Мовароуннаҳрро ба Хилофати араб тобеъ намуд.

Ҳамин тариқ, арабҳо дар ибтидои асри VIII тавонистанд қисми ғарбии Тахористонро ишғол намоянд, вале дар ҳама ҳолат муқовимати халқ идома дошт. Доир ба чигуна ҷорӣ намудани дини ислом дар минтақае, ки то омадани арабҳо дар баробари қудратмандии нуфузи дину оини Зардуштӣ, дину мазҳабҳои исавӣ, буддоӣ ва монӣ низ пайравони худро доштанд, таҳқиқоти зиёде мавҷуд аст[ниг.: 4, с. 109-166; 3, с. 315-319; 5, с. 265-302; 1, 2; 8, с. 408-441; 15, с. 93-128; 16, с. 65-86]. Аз ин рӯ, лозим меояд, ки вобаста ба ҳадафи дар маркази ин мақола қарордошта, бештар ба таҳлили раванди вазъи сиёсии Помиру Бадахшон дар асрҳои VII-VIII ва нимаи аввали асри IX маҳдуд шавем.

Чин дар ин давра ҳолати ниҳоят ногувори сиёсиро аз сар мегузаронд. Аз ин рӯ наметавонист, ба ҳокими (ҷабғу) Тахористон кӯмак намояд, чунки аз соли 665 сар карда бо Тибет дар ҳолати ҷанг қарор дошт.

Тибет дар таълифоти муаллифи гумноми асри X "Ҳудуд-ул-олам" чун Таббат ёдовар шуда, дар боби "Сухан андар ноҳияти Таббат ва шаҳрҳои вай" чунин омадааст: "Машриқи ӯ баъзе аз Чинистон аст ва ҷанубии ӯ Ҳиндустон аст ва мағриби вай баъзе аз

ҳудуди Моваройуннаҳр аст ва баъзе аз ҳудуди Халлух (Қарлук – Ҳ. П.) ва шимоли вай баъзе аз Халлух аст ва баъзе аз Тӯғузғуз (Тоғуз-оғузҳои турк. – Ҳ. П.). Ва ин ноҳиятест ободон ва бисёрмардум ва камхоста ва ҳама бутпарастанд... Ва чизҳои Ҳиндустон ба Таббат афтад ва аз Таббат ба шаҳрҳои мусулмон афтад. Ва андар вай маъданҳои зар аст ва аз ӯ мушк бисёр хезад ва рӯбоҳи сиёҳ ва санҷоб ва самур, қоқум ва хуту. Ва ҷои камнеъмат аст ва малики ин ноҳиятро Таббатхоққон хонанд ва мар ӯро лашкар ва силоҳ бисёр аст”[19, с. 51]. Албатта, ин асар гарчӣ баъди қариб 200 соли воқеаҳои дар ин ҷо мавриди назар қарорёфта, таълиф шуда бошад ҳам, воқеияти дар порчаи иқтибосшуда оварда, таъғйир нахӯрдааст.

Соли 670 қӯшунҳои Тибет тамоми Туркистони Шарқиро ишғол намуда, то соли 692 онро зери итоати худ нигоҳ доштанд. Гуфтушуниди сулҳи байни Чину Тибет соли 696 бенатиҷа анҷом ёфт. Музофотҳои ҳамшафати ҷанубии назди Помир то соли 717 дар итоати Тибет қарор доштанд.

А. М. Манделштам ба маъхазҳои чиноӣ такя карда, ба хулосае омадааст, ки соли 722 баъди дар навоҳии ҳамҷавори сарҳадоти ҷанубии назди Помир танг карда баровардани тибетиҳо, нуфузи сиёсии Чин дар минтақа баланд шудааст. Мавқеи ҳалкунандаи Чинро дар танг кардани тибетиҳо шинохтани ду ҳокими дар тобеияти Шени (Шуғнон) қарордошта низ аз чунин воқеият мебарояд[17, с. 142-143]. Вале ин ҳаргиз маънои паҳн шудани хокимияти Чин дар минтақаро надорад. Ин аз шинохти мағлубияти тибетҳо ва ғалабаи чиниҳо дар навоҳии аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба Помир наздик беш буда наметавонист.

Гумони ғолиб меравад, ки он замон мулкҳои ин ҷо мустақилияти худро нигоҳ медоштанд. Агар майли ба Чин наздикшавӣ ҳам бошад, аз иқтидори онро ба муқобили арабҳо истифода бурдан беш набуд. Аз ин рӯ, сабаби дар Осиёи Марказӣ ҷой ёфтани нуфузи сиёсӣ ва муваффақиятҳои аввалини ҳарбии Чин дар Туркистони Шарқиро дар муқовимати аҳолии ин паҳнои ҷуғрофӣ ба муқобили арабҳо бояд ҷуст.

Яке аз нишондиҳандаҳои паҳншавии таъсири арабҳо дар Тахористон Толиқонроишғол намудани Қутайба ҳисоб меёбад. Дар “Таъриху-р-русули ва-л-мулук”-и Табарӣ, ҷое сухан аз ҳаводиси соли наваду якум (9 ноябри 709 – 28 октябри 710) меравад, чунин омадааст: “Вақте марзбони Марварӯд аз омадани Қутайба ба вилояти хеш хабар ёфт, ба диёри порсиён гурехт. Қутайба ба Марв расид ва ду писари вайро бигирифту бикушт ва биёвехт. Он гоҳ ба сӯи Толиқон рафт, ки фармонравои он ҷо бимонд ва бо вай набард накард. Қутайба низ даст аз ӯ бидошт. Дуздоне он ҷо буданд, ки Қутайба онҳоро бикушту биёвехт, онгоҳ Амр ибни Муслимро бар Толиқон гумошт ва сӯи Форёб рафт”[18, с. 3412]. Сипас Табарӣ аз Балху Бағлон ва дараи Хулмро ишғол намудани Қутайба ёдовар шудааст[18, с. 3412-3413]. Вале ин маълумоти Табарӣ нишондиҳандаи пурра ба тобеияти арабҳо гузаштани аҳолии минтақаро надорад. Инро маълумоти доир ходисаҳои соли 108 ҳ. (8 майи 726–27 апрели 727) овардаи ҳамин муаллиф, ки аз шикастхӯрии волии халифаю сарлашкари араб дар Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ дар ғазои Хуталлон ёдовар шудааст, тасдиқ мекунад. Табарӣ аз ҷумла шикастхӯрдану ҳазимат шунидани Асадро аз мардуми Хуросон бо ҳамон шеъри тоҷикии маъмул чунин овардааст:

Аз Хутталон омадӣ,
Ба рӯ табоҳ омадӣ,
Бедил фароз омадӣ [18, с. 3622].

Мавриди қайд аст, ки фақат баъди 10 сол (119 ҳичрӣ, ки ба соли 737 милодӣ баробар аст) ба Асад муяссар шуд Хутталро ишғол намояд. Аз маълумоти ат-Табарӣ бармеояд, ки баъди вафоти подшоҳи Хуттал Сабалӣ (ё Шабал) ба муқобили арабҳо қаҳрамонӣ нишондодаву аз тарафи императори Чин бо ифтихорнома қадр шуда, писари ҷавону камтаҷрибааш Ал-Ҷайши (ё Ҳунайш) соҳибтахт гардид. Вале ӯ аз ҳуҷуми арабҳо ҳаросида ба Чин гурехт. Ба ҷои ӯ яке аз хизматгузорони Сабал, марди оддии маҳаллӣ, зодаи Бомиён Ибн-ас-Соиҷӣ, ба тахт соҳиб шуд. Ӯ, ки худ шоҳзода набуд, табиист, муқобилияти мардумро бар зидди арабҳо таъмин карда наметавонист[ниг. : 10, с. 124-160].

Аҳолии дар зери итоати арабҳо мондаи Мовароуннаҳру Тахористон, дар муборизаи озодихоҳии хеш ба ёрии Чин умед баста буданд. Бесабаб набуд, ки соли 719 намояндагони чанде аз мулкҳои ин ду кишвар ба назди императори Чин сафорат фиристода, хоҳиш карданд, ки онҳоро дар муборизаи зидди арабҳо дастгирӣ намояд. Дар қатори сафирон намояндаи ҳокими мулки Сзюйми (Кумед ё Кумиҷ) низ ишора ёфтааст. Дар мактуби ҳоким аз ҷумла омадаст, ки арабҳо мулки ӯро ғорат кардаанд ва аз император хоҳиш дорад, ки барои пеши роҳи онҳоро гирифтан чора андешад. Императори барои ба муқобили арабҳои аз мулкҳои сарҳадиаш хеле дур, қувваи ҳарбии кофӣ надошта, фақат бо расман эътироф кардани ҳуқуқи ҳокимиятдории ҳокимони ин мулкҳо маҳдуд шуд. Дар қатори онҳо ҳокими Хуми (Вахон) низ ёд шудааст. Чунин гуфту шунид дар байни императори Чин ва ҳокиме аз Тахористон соли 719 сурат гирифтааст. Аз мантиқи маълумот бармеояд, ки ҳокимони минтақа мустақилияти пурра дошта, ба ёрии Чин ба муқобили арабҳо фақат чун иттифоқчӣ умед мебастанд.

Дар оянда низ чунин гуфту шунид идома доштааст. Масалан, соли 727 ҳокими (ҷабғу) Тахористон ба императори Чин мактуб навишта, хабар додааст, ки падарашро арабҳо ба асирӣ гирифтаанд ва ба кӯмаки ӯ эҳтиёҷ дорад. Вале ин дафъа низ ёрии император аз он иборат шуд, ки ба ин ҳоким соли 729 унвони шоҳии Ида (ҳайтолиён) бахшида шуд. Шояд бо чунин сиёсатбозӣ императори Чин фақат нишон доданӣ буд, ки ӯ пурра мустақилияти ҳокими Тахористонро мешиносад ва нисбат ба нақшаи забткоронаи арабҳо бетарафӣ зоҳир менамояд. Арабҳо бошанд, бидуни ҳарос аз мудохилаи Чин доираи забткориҳои худро васеъ намуда то сарҳади Вахон расиданд. Дар ин лаҳза низ умеди аз Чин кӯмак гирифтан ҳанӯз боқӣ монда буд. Соли 728 сафири ҳокими Вахон, солҳои 730 ва 732 худи ҳокимони ин мулк бо тӯҳфаҳои зиёде ба дарбори императори Чин омада, аз ӯ ба муқобили арабҳо мадад ҷустанд. Вале ягона “кӯмаки”-и император дар он зоҳир гардид, ки ба ҳокими дуюми ба дарбор омадаи Вахон унвони генерали гвардияи императорӣ дода шуд. Ин “мукофот” аз изҳори “ёрии маънавӣ” беш буда наметавонист.

Заифии нуфузи сиёсии Чин дар минтақанафақат дар комилан бечуръатии қотеъонаи он ба муқобили арабҳо, инчунин дар то охир шикаст дода натавонистани Тибетҳо низ зоҳир мегашт. Солҳои 30-ми асри VIII амалиёти ҳарбии ин ду давлат дар Туркистони Шарқӣ авҷ гирифт. Ибтидои солҳои 40-м Тибетиҳо тавонистанд мувақатан воҳаи Хутанро забт намоянд. Ба маълумотҳои дастрасшудаи чиноӣ ва хулосаи олимони аврупоӣ такя карда, А. М. Манделштам, воқеаҳои солҳои 40-ми асри VIII минтақаро шарҳ дода, қайд намудааст, ки дар муҳорибаи соли 747 дар Қошқар сурат гирифта, лашкари Чин тавонист қӯшунҳои Тибетро торумор намояд. Дар ин муҳориба Хутану Шуғнон ба лашкари Чин кӯмак намудаанд. Ин ҳам далелест, ки мустақилияти пурра ва қавӣ будани иқтидори ҳарбии Шуғнонро тасдиқ менамояд.

Солҳои 30 – 40-ми асри VIII дар байни Чину Тибет ҷангҳои бардавом сурат гирифта буданд. Базе бартарии ҳарбии Чин, ҳанӯз аз ғолибияти пурраи он дарак намедод. Ин муқовимат солҳои 50-ум низ идома дошт.

Бояд қайд кард, ки ба ниҳоят заиф будани муқовимати Чин нисбат забткориҳою мустаҳкам шудани ҳокимияти сиёсии арабҳо дар Осиёи Миёна, нигоҳ накарда, лаҳзаҳои бархурди ҳарбӣ миёни онҳо низ ба назар мерасид. Масалан, ҳангоми юриш соли 750 ба Чоч ва асир гирифтани ҳокими он аз тарафи яке аз лашкаркашони намоёни Чин Гао Сян-чжи, сабаби ҳуҷуми арабҳо гардид.

Дар муҳорибаи шаддиди соли 751 дар Талас гузашта, арабҳо бо ёрии қарлуқҳо тавонистанд ба лашкари Чин шикасти қатъӣ расонанд. Қобили қайд аст, ки Ҳафтрӯд баъди афтидани давлати пуркуввати туркҳо низ, дар дасти онҳо боқӣ монда, на арабҳо ва на Чин онро тобеъ накарда буданд. Мудохилаи Чин ба корҳои дохилии Туркистони Ғарбӣ баъди аз тарафи сарлашкари араб Зиёд ибни Солеҳ соли 751 шикаст хӯрдан қатъ гардид. Дар навбати худ арабҳо бабаровардани қарлуқҳо аз Фарғона дар охири асри VIII маҳдуд шуда, дар қисмати шимолӣ-шарқии минтақа, аз Талас дуртар нарафтаанд[6, с. 36].

Дар баробари шикаст хӯрдан аз арабҳо, ба иқтидори ҳарбии Чин шӯришҳои дар қисми шарқии империя (Нанчао ва Ан Лу-шан, соли 755) сар зада, зарбаи сахт расонданд. Империяи ниҳоят сустшудаи Тан, акнун бо ҳар восита мехост бо Тибет наздикӣ ҷӯяд. Вале ба он муваффақ намешуд. Тибет дар навбати худ соли 760 ба музофотҳои қисми ғарбии Чин ҳуҷум карда, ҳатто муваққатан тавонист, ки соли 763 пойтахти он - Танро ишғол намояд. Миёнаи солҳои 60-ум қисми асосии Туркистони Шарқӣ ба тобеияти Тибет гузашт. Чин маҷбур шуд, ки соли 783 бо Тибет шартномаи сулҳро ба имзо расонад.

Аз далелҳои дар боло ишораёфта, хулосае бармеояд, ки то миёнаи солҳои 50-ми асри VIII муносибатҳои сафоратию тиҷоратии байни Чину мулкҳои Помир вобаста ба воқеияти замон ҷараён доштаанд. Дар нимаи дуюми солҳои 50-м, то андозае суръат гирифтани таъсири Тибет дар мулкҳои атрофи Помир ба назар мерасад. Тибетҳо солҳои 755-797 тавонистанд Балтистон, Гилгит ва Ясинро, ки дар ҳамҷавории ҷанубӣ назди Помир ҷой доштанд, ба итоати худ дароварда бошанд ҳам, [17, с. 175], вале ба мулкҳои дохили минтақа ворид шуда натавонистанд.

Бо мурури доман афрохтани забткориҳои араб, иҷборан кашидани сокинони паҳнои Осиёи Миёна, ба доираи ислом ва мустаҳкам гардидани иқтидори сиёсию ҳарбии он дар минтақа, нуфузи бе ин ҳам ниҳоят заифи сиёсии Чин ва баъдан Тибетро пурра коҳиш дод. Акнун, ки доираи идораи маъмурии арабҳо дар Осиёи Миёна васеъ шуда то ба сарҳади Помир мерасид, табиист, ки кӯшиши ба ин ё он дараҷа бардоштани нуфузи сиёсии Чин ё Тибет дар минтақа натиҷаи дилхоҳ дода наметавонист[ниг. 7, с. 408-441; 17, с. 139-151]. Вале ин ҳаргиз маънии пурра қатъ гаштани равобити байни онҳоро надорад. Равнақи муттасили муносибатҳои тиҷоратии Чин ва мулкҳои Помир тибқи Роҳи Бузурги абрешим дар тамоми даврaи асримиёнагӣ равшан зоҳир мегардид.

Ҳаракати забткоронаи арабҳо охири асри VIII дар ҳудуди назди Помир ва Помир сурат гирифт. Аз рӯи маълумоти ал-Яъқубӣ, арабҳо дар давраи волии Хуросон будани ал-Фазл бини Яҳё, соли 794/95 Шуғнонро забт намуданд. Қаблан онҳо Вахонро, ки бо ёрии Тибет ё Чин умед баста, мустақилияташро нигоҳ доштанӣ буд, ба тасарруфи худ даровардaнд. Тахмин аз ин пештар, арабҳо дар Қаротегин (дар қалъаи Рашт) истеҳком гирифта, онро аз қарлуқҳо, ки ба водии Сурхоб ҳуҷум карданӣ буданд, ҳифз намуданд[17, с. 175].

Доир ба муносибати арабҳо бо Тибет ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар баъзе маъхазҳо аз хусуси исломро қабул кардани шоҳи Тибет ишора меравад, вале ин асоси қавӣ надорад. Шояд чунин арзи воқеият аз хусуси беҳдошти алоқаи дӯстонаи Тибет бо арабҳо, ки ба муқобили Чин нигаронида шуда буд ва аз тарафи дигар, аз кӯшиши дар маҷрои муътадил нигоҳ доштани муносибати байни онҳо бармеомад. Эҳтимоли қавӣ меравад, ки сарҳади Тибет чун қаламрави ниҳоии арабҳо ҳисоб меёфт[17, с. 177].

Бояд қайд кард, ки доир ба раванди паҳншавӣ ва нуфуз пайдо кардани дини ислом дар мулкҳои минтақаи Помир, аз сабаби кам дарёфт шудани маъхазҳои расмӣ ва инъикоси амиқи он дар навиштаҳои муаррихони ҳамон давра, ки маъмулан ба назар намерасанд, хулосаи қатъӣ баровардан хеле мушкил аст.

Маълумоти дар китобҳои таърихию ҷуғрофии замони Сомониён доир ба Осиёи Миёна, хосатан минтақаи Помир омада, чун шаҳодати бевоситаи воқеияти раванди истилои арабҳо ва барқарор намудани дини ислом набуда, аз таҳаввулоту хулосабандиҳои муаррихони беш аз якуним асри баъдина бармеоянд. Табиист, ки онҳо ҳаводиси қаблиро мукаммалу аз доираи таъсири идеологияи динӣ берун инъикос карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи раванди паҳн намудани дини исломро дар минтақа, бе ҳамбастагии муқоисавии маълумоти хаттии муаррихони замони сомониён бо таҳлили маводи ҳафриётии бостоншиносон, натиҷаи қавии илмӣ дода наметавонад.

Маъхазшинос Ғ. Ғоибов ба раванди забткории арабҳо дар Осиёи Миёна, хосатан мавзеъоти тоҷикони манотиқи кӯҳӣ, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, бо такя ба маълумоти ал-Яъқубӣ (ваф. 905) ва ат-Табарӣ (ваф. 923) чунин ибрози назар пешниҳод кардааст: “Аз ибтидои ҳуҷуми арабҳо ба Шуғнон маълумоте боқӣ намондааст, вале

бидуни шубҳа ба ин мулк дар баробари Вахон ҳуҷум намудаанд. Баъди чанде (солҳои 793/94 – 795/96) Шуғнон дар давраи волии Хуросон ал-Фадл ибн Яҳъё забт гардидааст... Истилои пурраи Вахон ва Шуғнон ба даҳсолаи дуюми асри IX, замони вазир ал-Маъмун ал-Фадл ибн Саҳл, чун волии Шарқ таъйин шудан ва дар итоаташ аз кӯҳҳои Ҳамадон то кӯҳҳои Сакинон (Шуғнон) ва Тибет қарор доштан, рост меояд. Вахон низ ба доираи тасарруфи ӯ гузашт"[9, с. 28].

Аз маъхазҳои дастрасшуда бармеояд, ки амалиёти арабҳо барои истилои минтақа, чи тавре дар боло ишора рафт, хеле пештар оғоз ёфта буд. Аз раванди фаъолияти истилогаронаи онҳо ёдовар шуда, наметавон аз воқеияте, ки арабҳо ҳамаи паҳнои Хилофатро на бо санъати лашкаркашӣ ва бартарии нерӯи худ тобеъ карда буданд, сарфи назар намуд. Онҳо бо ҳар восита халқҳои маҳаллиро ба юришҳои ҷангӣ (ғазо) сафарбар мекарданд. Масалан, лашкари 500 ҳазорнафараи ал-Фазл ибн Яҳъё, пурра аз аҷамиҳо, аз аҳолии ғайриараби дар Хуросон ҷамъ оварда, иборат буд[9, с. 28]. Шояд дар баъзе ҳолатҳо ҳамин усули лашкаркашӣ дар мулкҳои дурдасту душворгузар, қабули исломро ба таъхир меандохт. Ин барои минтақаи Помир истисно буда наметавонист. Аз ин ҷост, ки гаравидани тоҷикони Помир ба ислом дафъатан набуда, дертар сурат гирифтааст.

Маълумоти дар сарчашмаҳои замони сомониён ҷой дошта, ин назарро тақвият мебахшад. Аз ҷумла, дар "Ҳудуд-ул-олам" чунин маълумот омадааст: «Дари Таббат (Тибет Ҳ. П.) деҳаест ва аз он ҷо дарест ба кӯҳ ниҳода. Ва он ҷо мусулмонанд, ки боз истанд ва роҳ нигоҳ доранд. Ва чун аз он берун шавӣ ба ҳудуди Вахон андар афтад. Рахтиҷаб деҳест аз Вахон ва андар вай габргони вахианд.

Сикошим шаҳрест ва қасабаи ноҳияти ӯ Вахон аст. Ва андар вай габргонанд ва мусулмонон ва малики Вахон он ҷо нишинад. Ва аз ҳудуди вай габргони вахианд»[19, с. 75-76].

Доир ба воқеияти ҳанӯз дар нимаи дуюми асри Хдар Помир пойгоҳ надоштани ислом дар китоби «Сурат-ул-арз»-и ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавкал, ки дар солҳои 70-ми асри Хтаълиф шудааст, маълумоти саҳеҳ ҷой дорад. Аз ҷумла ӯ ишора намудааст, ки "Вахшу Хуттал бо Вахону Шиқния (Шуғнон), ки ҳардуи онҳо дорулкуфр мебошанд, ҳамсарҳад аст"[10, с. 205].

Аз мантиқи ин маълумотҳо бармеояд, ки дар асри Х дар мулкҳои Помири Ғарбӣ ҳанӯз ислом нуфузи ҳалкунанда пайдо накарда буд. Ба хилофати араб тобеъ набудани онҳо низ ба он далолат мекунад.

Бо назардошти чунин воқеият, муҳаққиқи эронӣ Ҷаводи Ҳиравӣ, ақидаи дар асри Х дар ин минтақа ҳанӯз пойдор нагаштани дини исломро ҷонибдорӣ карда, чунин иброз медорад: "Бо ҳамин далел, марзҳои шарқии Сомониён, марзи куфру диёри кофаристон лақаб ёфта буд ва даргириҳои ин ноҳия ба пайкор миёни куфру дин таъбир мешуд. Бинобар оини Сомониён марздорони шарқи ҳарими Хилофат исломӣ маҳсуб мешуданд. Манозироте низ, ки дар навоҳии Фарғона, Испиҷоб ва Бадахшон бо сокинони Балосоғуни Қошғар ва Вахон рӯй медод, набарди кофару дин талаққӣ мешуд"[20, с. 316-317].

Муаррихи маъруфи тоҷик Б. Искандаров низ қайд намудааст, ки дар асри Х Шуғнон, Вахон ва дигар ноҳияҳо аз ҷиҳати сиёсӣ, гарчӣ дар итоати ҳокимияти мусулмонӣ бошанд ҳам, ҳанӯз дини исломро қабул накарда буданд. Ӯ барои тақвият бахшидани ақидаи хеш, чунин изҳори назар намудааст: "Мумкин тахмин кард, ки ноҳияҳои Помири Ғарбӣ – Вахон, Шуғнон ва Рӯшон, ба ҳайати қаламрави волии Хилофати араб дар Хуросон дар охири асри IX ба таври рамзӣ ворид мешуданд. Сипас, онҳо ҷузъи давлатҳои Тоҳириён ва Сомониён ҳисоб меёфтанд. Вале ин тобеият пурра набуд. Дар сари ҳар мулк, феодалони намояндаи маҳаллӣ меистоданд. Масалан, дар Шуғнон охири асри IX ҳокимият дар дасти Хуморбек нигоҳ дошта мешуд. Дар Рӯшон ҳокими маҳаллӣ унвони деҳқонро дошт. Дар Вахон низ ҳоким аз намояндаи ашрофони маҳаллӣ буд. Маркази Вахон – Ишкошим ҳисоб меёфт. Ба ҳар ҳол, исломи асрҳои IX-X дар инҷо мавқеи пурра пайдо накарда буд"[14, с. 34-35].

Маълум аст, ки аз асри IX ибтидо гирифта, то замони охири асримиёнагӣ (асри XVI) дар байни маъхазҳои доир ба таърихи асримиёнагии Помиру Бадахшон маълумотдиҳанда, сарчашмаҳои хаттии арабу форс (тоҷик) мавқеи ҳалкунанда пайдо намудаанд.

Яке аз аввалин маъхазҳое, ки доир ба ин минтақа маълумоти умумии ҷуғрофию то андозае сиёсию иқтисодиро инъикос намудааст, китоби донишманди эронинажоди арабзабон Абулқосим Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Хурдодбеҳ (820-912/913) “ал-Масолик ва-л-мамолик”ҳисоб меёбад. Ӯ дар Хуросон ба дунё омада, зиндагию фаъолияти касбиаш дар пойтахти Халифат – шаҳри Бағдод ҷараён гирифтааст. Ба ҳайси надим ва яке аз муқаррабони халифа Мӯътамид (970-892), ва донишманди самтҳои гуногуни илму фарҳанги замон маълумият пайдо карда буд, аз худ осори зиёде ба мерос мондааст. Дар байни таълифоти ӯ алалхусус асари номбурдааш машҳурият пайдо намудааст.

Дар ин асар, доир ба ҷуғрофиёи мулкҳои Хуросону Мовароуннаҳр маълумот оварда, баёни нисбатан муфассали онҳо то Хатлонро дар бар гирифтааст. Вале чунин маълумот аз хусуси мулкҳои Помиру назди Помир сатҳию тахминӣ буда, дар он пурсуҷӯҳои шифоҳии мардуми ба ин минтақа шиносоӣ дошта, ба асос гирифта шудаанд. Муҳимияти маълумоти Хурдодбеҳ доир ба минтақа дар итоати Тоҳириён қарор доштани он зоҳир мегардад. Ин тобеиятро муқаррароти андози замони Тоҳириён (821-873) – дар аҳди Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828-844) муайян намудааст. Муаллиф нишондиҳандаҳои хироҷи вилоёту навоҳии Хуросонро барои ду сол (211-212 ҳ. / 826-827 м.) оварда, дар қатори онҳо аз чунин миқдори андози мулкҳои Помир ёдовар шудааст: “…Каррон – чаҳор ҳазор дирҳам, Шикинон – чиҳил ҳазор дирҳам, Вахон – бист ҳазор дирҳам, Мандаҷон (Мунҷон) – ду ҳазор дирҳам…”[12, с. 15] медоданд.

Аз ин маълумот чунин хулосабардорӣ мешавад: а) мулкҳои номбурда то соҳибқудратии Сомониён дар тобеияти давлати аз Хилофат ниммустақили Тоҳириён қарор доштаанд; б) аз ҳаҷми хироҷ бармеояд, ки Шуғнону Вахон аз ҷиҳати иқтидор ё имконияти иқтисодӣ дар сатҳи нисбатан баланд эътироф мешуданд. Вале ба ҷо овардани андози муқарраршуда, аз тобеияти сиёсӣ дарак диҳад ҳам, нишондиҳандаи аз тарафи аҳолӣ пурра қабул кардани ислом буда наметавонад. Шояд намояндагони идораи маъмурии минтақа, ки аз аҳолии маҳаллӣ буда, маҳз бо дастгирии гумоштагони араб ҳокимияти худро нигоҳ медоштанд, аз рӯи талаботи дини ислом амал мекарданд. Иҷрои муқаррароти андозситонӣ низ аз ҳамин зарурат бармеомад.

Аз далелҳои дар боло ишора шуда, хулосае бармеояд, ки мулкҳои Помир аз ҳаводиси сиёсии асрҳои VIII –нимаи аввали IX-и дар Осиёи Миёна ба вуқуъ пайваста, дар канор монда наметавонистанд. Вале ба ҳамаи амалиёти истилогаронае, ки аз тарафи турку чиноиҳо тибету арабҳо дар ин минтақаи кӯҳи сурат гирифта буд, нигоҳ накарда, сокинони азалан ориёӣ ва муқимии – тоҷикон мустақилияти худро нигоҳ доштаанд. Аз рӯи маълумоти дар маъхазҳои боэътимод ҷой дошта, мулкҳои ин сарзаминро намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ идора мекарданд. Аз ин рӯ, ақидаи муҳаққиқоне, ки гӯё дар ин давра Чин ё Тибет мулкҳои Помиру Бадахшонро муддате дар итоати сиёсии худ нигоҳ медоштанд, комилан бепоя буда, ҳатто дар доираи тахаюлоти тахминӣ ғунҷида наметавонад.

Аз тарафи дигар, сокинони ин мавзеи кӯҳистони иқоматгоҳи аҷдодӣ нафақат мустақилияти давлатӣ, инчунин анъаноти динии худро то дергоҳ аз ачнабиёни араб ҳифз карда тавонистаанд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Исёни Муқаннаъ. Очерки таърихӣ-тадқиқотӣ. – Сталинобод, 1944.
2. Айнӣ С. Исёни Муқаннаъ. Очерки таърихӣ-тадқиқотӣ // Куллиёт. Ҷ. 10. – Душанбе, 1966.
3. Бартольд В. В. Еще о христианстве в Средней Азии// Сочинения. – Т. II. – Ч. 2. – М. : «Наука», 1964. – С. 315-319.
4. Бартольд В. В. История Туркестана // Академик В. В. Бартольд. Сочинения. – Т. II – Ч. I. – М. : Изд-во Восточной литературы, 1963. – С. 109-166.
5. Бартольд В. В. О христианстве в Туркестане в домонгольский период // Сочинения. – Т. II. – Ч. 2. – М. : «Наука», 1964. – С. 265-302.
6. Бартольд В. В. Очерк истории Семиречья // Академик В. В. Бартольд. Сочинения. – Т. II. – Ч. 1. –

М. : Изд-во восточной литературы, 1963. – С. 36.
7. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1983. – С. 410-411.
8. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С. 408-441
9. Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644-704 гг.). – Душанбе: Дониш, 1989. – С. 28.
10. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофиёи таърихӣ). – Душанбе: Дониш, 2006. – С. 124-160.
11. Гумилев Л. Н. Конец и вновь начало: Популярные лекции по народоведению. – СПб. : Издательский Дом «Кристалл», 2003. – С. 94-109.
12. Ибн Хурдодбеҳ. ал-Масолик ва-л-мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуввум (мутуни арабиасл) . – Хуҷанд, 1998. - С. 15.
13. Ибни Ҳавқал Сурату-л-арз. – Бейрут, 1992. Иқтибос аз кит. :
14. 17. Искандаров Б. И. Социально-экономические и политические аспекты истории памирских княжеств. (X в. – первая половина XIX в.). – Душанбе: Дониш, 1983. – С. 34-35
15. История таджикского народа. - Т. II. – Кн. первая. – М. , 1964. – С. 93-128.
16. История таджикского народа. – Т. II. Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе, 1999. – С. 65-86.
17. Мандельштам А. М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и припамирских областей с древнейших времен до X в. н. э. – С. 142-143.
18. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Ҷилди нуҳум. Китоби 5 (иборат аз ҷилдҳои 8, 9, 10). – Душанбе, 2014. - С. 3412.
19. Ҳудуд-ул-олам. Таҳиягари матн Н. Қосимов. – Душанбе: «Дониш», 1983. – С. 75-76.
20. Ҷаводи Ҳиравӣ. Таърихи Сомониён (Асри тиллоии Эрони баъ аз ислом). – Теҳрон: “Амири кабир”, 1383. – С. 316-317.

ПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ПАМИРА В VII – ПЕРВОЙ ПОЛОВИНЕ IX вв.

В VII – VIII вв. и первой половине IX века, в Средней Азии происходили бурные военно-политические события, в которые были втянуты и памирские независимые владения.

В сохранившихся источниках, имеются сведения о военных столкновениях Китая с Тюркским каганатом. Поражение тюрков в 638 г. способствовало усилению политического влияния Китая (если не считать отдельные военные поражения, которые нанесли ему тибетцы) в соседних странах. Об этом свидетельствуют частые посещения Китая послов из разных стран. Имеются сведения об отправки несколько посольств из Кумеда, Шугнана и Вахана в VII-VIII вв., которые дружелюбно были приняты в китайском императорском дворе. Цель этих посольств в основном заключалась в получении согласия Китая оказать им помощь в борьбе против тюрков, а позже против арабов. Но Китай в этом плане почти всегда занимал пассивную позицию.

В статье речь идет о том, что, несмотря на сложые ситуации, памирские владения на протяжении всего этого периода, могли сохранить свою независимость. В отличие от равнинных областей региона таджики Памира почти до XI в. продолжали упорно сопротивляться насаждению исламской религии.

Ключевые слова: *Средняя Азия, Восточный Туркестан Памир, Китай, Тибет, Рушан, Шугнан, Вахан, Тюркский каганат, арабы, Арабский халифат, ислам, посольства, независимые владения, независимость.*

POLITICAL SITUATION OF THE PAMIR IN THE 7th – FIRST HALF OF THE 9th CENTURIES

In the surviving sources, there are reports of military clashes between China and the Turkic kaganate. The defeat of the Turks in 638 contributed to the strengthening of China's political influence (apart from the individual military defeats that Tibetans inflicted on it) in neighboring countries. This is evidenced by frequent visits to China by ambassadors from different countries. There are reports of the sending of several embassies from Kumed, Shugnan and Vakhan in the 7th-8th centuries, which were friendly received in the Chinese imperial court. The purpose of these embassies was mainly to obtain China's consent to help them in the struggle against the Turks, and later against the Arabs. But China in this respect almost always took a passive position.

The article deals with the fact that, despite the difficulties of the situation, the Pamir

possessions throughout this period could preserve their independence. Unlike the plains of the region, the Tajiks of the Pamirs almost until the XI century. continued to stubbornly resist the implantation of the Islamic religion.

Keywords: *Central Asia, Eastern Turkestan, the Pamirs, China, Tibet, Rushan, Shugnan, Wakhan, Turkic Khanate, Arabs, the Arab Caliphate, Islam, embassy, independent possessions, independence.*

Сведения об авторе:

Пирумшоев Хайдаршо*, доктор исторических наук, заведующий отделом древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и новой истории им. А. Дониша АН РТ, e-mail: pirumshoev.44@mail.ru*

About author:

Pirumshoev Haydarsho*, Doctor of historical sciences, Head of Department of Ancient, Medieval and Modern History, Institute of History, Archaeology and Ethnography named after A. Donisg, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, e-mail: pirumshoev.44@mail.ru*

ВАХШ ДАР АҲДИ БОСТОН ВА АСРҲОИ МИЁНА

Саид Нуриддин Саид
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Убайдуллоев Насрулло Каримович
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Водии Вахш дар қисмати ҷанубию ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳавзаи миёноб ва поёноби дарёи Вахш ҷойгир шудааст ва онро аз се тараф кӯҳҳои Сарсарак, Хӯҷаи Мастон ва Табақчӣ, аз боло мутобиқ ба ҷараёни дарёи Вахш, аз паҳлӯ Кӯҳи Уштур, Сафедкӯҳ, Кӯҳи Рангон, Сиёҳкӯҳ ва Тираккӯҳ, (аз паҳнои Ёвон ва Сангтӯдаи имрӯза то поёноби Вахш), ки баландиашон аз сатҳи баҳр то 3141 м. мерасад, дар оғӯш гирифтаанд. Дарозии водии Вахш аз шимол ба ҷануб 120 км ва паҳноияш (аз шарқ ба ғарб) зиёда аз 30 км мебошад. Водии Вахш аз сатҳи баҳр дар баландии аз 300 то 500 метр ҷойгир шудааст [1,1007; 44, 593]. Водӣ номи худро аз дарёи Вахш гирифтааст, ки шохоби рости дарёи Ому буда, тӯлаш бо дарёи Сурхоб 524 км ва ҳавзааш 39 100 км^2-ро ташкил медиҳад [44, 593].

Дар манбаъҳои таърихӣ, бавижа қобусномаю фарҳангҳо вожаи «Вахш» ба тарзи гуногун шарҳу тафсир ёфтааст. Аз ҷумла, ба маънои «ибтидо, оғоз ва нахустин» ва дар ҷойи дигар ба мазмуни «таҷаллӣ, фазоянда ё худ бахшанда» маънидод шудааст. Дар ҳолати дигар вожаи «Вахш» аз калимаи паҳлавии «Вахшистон» гирифта шудааст, ки дар забони санскрит ба тариқи «ухшаянта» омадааст ва маънои «афзудан, болидан ва рушд»-ро ифода мекунад [20,92].

Ҳамзамон, дар фарҳангу қобусномаҳо вожаи «Вахш» ҳамчун номи наҳр, рӯд, дарё, мулк, водӣ низ ифода шудааст, яъне мулк, шаҳр ва ё водӣ дар кишвари Хатлон [12; 39,43; 14, 370].

Зиёда аз ин вожаи «Вахш», «Охшо», «Оахшо» ҳамчун исми олиҳаи обу обёрӣ дар байни бохтариёни қадим истифода мешудааст, ки баъдтар дар забони тоҷикии форсии қадим ба шакли «Вахшу» ташаккул ёфтааст. Дар забони авестоӣ бошад, вожаи «Вахш» маънои «сухани гуфташуда» -ро ифода менамояд. Дар забони тоҷикӣ-форсии миёна вожаи «Вахш» ба маънои «рӯҳ» ва ё «оби ҷорӣ» истифода шудааст. Гузашта аз ин, дар сарчашмаҳои ҳиндӣ «Вахшу» ҳамчун номи Амударё ва дар катибаи рӯйи санге, ки дар осорхонаи шаҳри Калкутта маҳфуз аст, «Вахш» ифодакунандаи номи худои яккаву ягона омадааст. Абӯрайҳон Берунӣ низ менависад, ки хоразмиён дар рӯзи даҳуми моҳи Испандормаҷӣ иде доштанд бо номи «Вахшанком», яъне Вахшҳангом ва «Вахш номи фариштаест, ки ба ҳама обҳо, махсусан, ба наҳри Ҷайҳун муваккал аст» [1, 262].

Дар бахши «Ясно»-и «Авесто» вожаи «Вахш» ҳамчун ифодаи мафҳуми «муқаддас», дар навиштаҳои монавӣ, ки дар шакли «Вахшюозҳдаҳр» омадааст, маънои «руҳулқудс»-

ро ифода мекунад. [20, 92]. Дар китоби ҳафтуми Динкарт калимаи «Вахшур» фақат ба Зардушт нисбат дода шудааст ва маънияш пайғамбар, расул аст [22, 99; 41,231]. Дар «Ҳудуд-ул-олам» ишора мешавад, ки «Вахш минтақаест ободон ва бар каронаи Вахшоб ниҳода» [40, 69].

Ба ақидаи шарқшиноси машҳури рус В.В.Бартолд номи Амударё, ки дар замонҳои қадим тибқи сарчашмаҳои юнонӣ онро Окс (Оксус) мегуфтанд, низ реша аз вожаи эронии «Вахш» дорад [7, 319)].

Доир ба мулки «Вахш» дар сарчашмаҳои чиннӣ низ ишора рафтааст, ки бештар дар шакли «У-ша» ифода ёфтааст. Сайёҳи чинӣ Сюан-Сзан мулки «У-ша», яъне «Вахш»-ро тасвир намуда, онро дар шарқии рӯди «Фо-тезу», яъне дарёи Вахш дониста, ҳудуди онро аз ҷануб ба шимол 500 ли ва аз шарқ ба ғарб 300 ли медонад [34,126; 29, 119-121].

Аз гуфтаҳои фавқуззикр хулоса кардан мумкин аст, ки маънои вожаи «Вахш»-болидан, бузург шудан (монанди як гиёҳ ё дарахт), андак-андак бузург шудан монанди моҳ, афзудан, пеш рафтан, нерӯ додан, ҷилу бурдан, хушбахтӣ овардан [42, 1247)], ибтидо кардан, оғоз ёфтан, фаришта, олиҳаи обу ободонӣ ва обёрӣ [43, 281] мебошад. То имрӯз дар байни мардуми ориёинажод Вахшо (боланда, пешрафткунанда, равшан, нуронӣ), Вахшон (боланда, нуронӣ), Вахшур (паёмбар, гӯяндаи сухани осмонӣ), Вахшиё (боланда, нуронӣ) ҳамчун зебономҳои мардона истифода мешаванд [32, 388-389].

Ҳамчун мулк Вахш дар масири таърих дар ҳайати империя ва давлатҳои мухталиф арзи ҳастӣ намудааст, ки дар ин хусус сарчашмаҳои таърихӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ маълумоти фаровон медиҳанд. Тибқи маълумоти ин сарчашмаҳо водии Вахш ба доираи манотиқи сукунати одамони ибтидоӣ ҳанӯз дар давраи асри санг шомил мебошад. Маводҳои бостоншиносии ҳафриёти Вахш 1, Бешаи Палангон, Моҳкӯл (Ойкӯл), Амударё ва аз дигар маҳалҳо бадастомада собит менамоянд, ки дар давраи асри биринҷӣ Вахшонзамин макони зисти қабилаҳои чорводор ва зироаткори қадимаи бохтарӣ будааст [26, 170-171].

Омӯзиши равандҳои этникӣ-фарҳангии давраи охири аҳди биринҷӣ нишон медиҳанд, ки водии Вахш ҳамчун як ҷузви таркибӣ бевосита бо минтақаи бузурги таърихӣ-ҷуғрофии Бохтари қадим (Бохтари Шимолӣ) алоқаманд мебошад. Бозёфтҳои бостоншиносии Тоҷикистони Ҷанубӣ аз мавҷудияти фарҳанги хеле қадимаи сокинони бумии кишоварзи Бохтари шимолии қадим шаҳодат медиҳанд. Хусусияти муҳими раванди этникию фарҳангии ин минтақа ҳамзистии осоиштаи ду фарҳанги асосӣ, вале куллан гуногуни хоҷагидорӣ - фарҳанги қабилаҳои муқимии кишоварз ва қабилаҳои чорводор мебошад.

Дар асрҳои VII-IV пеш аз милод Вахшонзамин ба ҳайати давлати муқтадири Бохтари Қадим шомил буд. Баъдан, дар баробари Бохтар ҳудуди Вахш низ ба ҳайати давлати Ҳахоманишиҳо дохил гардида, дар якҷоягӣ бо сатрапи XII ин империяи ҷаҳониро ташкил медоданд. Сатрапи Бохтар ба хизонаи империяи Ҳахоманишиҳо 360 талант (1 талант = 30 кг нуқра) андоз месупорид [15, 295; 26, 262].

Вахшонзамин, яъне Бохтари Шимолӣ дар асрҳои VI-IV то милод ба яке аз минтақаҳои тараққикардаи кишоварзӣ табдил меёбад, ки заминаи асосии онро таҳаввулот дар низоми шабакаи сунъии обёрӣ гузошта буд. Маҳз дар ҳамин давра кишоварзони минтақа ба сохтмони каналҳои бузург ва магистралӣ шурӯъ менамоянд. Осори шабакаҳои обёрии он давра тавассути ҳафриётҳои бостоншиносӣ имрӯз пурра ошкор гардидаанд, ки яке аз онҳо дар ҳавзаи водии Вахш ҷойгир будааст. Канали аз Вахш кашида минтақаи қариб 50 км мураббаъ заминро обёрӣ мекард [17, 103].

Пас аз пошхӯрии империяи Ҳахоманишӣ, ки зиёда аз 200 сол арзи ҳастӣ карда буд, Вахшонзамин дар баробари дигар мулкҳо ба ҳуҷуми истилогарони юнону мақдунӣ гирифтор гардид. Мардуми Вахшонзамин низ мисли қавму тоифаҳои бумии Бохтари Шимолӣ ба муборизаи зидди аҷнабиён бархостанд. Сарчашмаҳои юнонӣ доир ба саҳифаҳои зиёди қаҳрамонию шуҷоати бохтариён ва мардумони Вахшонзамин маълумот медиҳанд. Новобаста аз муқовимати шадид ва талошу мубориза Вахшонзамин дар якҷоягӣ бо Бохтар ба тобеияти империяи Искандар гузаштанд. Вале

баробари фавти Искандари Мақдунӣ (соли 323 то мелод) мардуми озодихоҳи Бохтар аз нав талоши истиқлолиятхоҳӣ намуданд.

Дар асарҳои муҳаққиқони отиқа, ки эшон дар юришҳои Искандари Мақдунӣ шахсан ширкат доштанд, дар бораи водии Вахш, шаҳрҳои Вахш, Ҳалевард ва Леваканд маълумоти гаронбаҳо додаанд (аз ҷумла, дар асарҳои Ариан, Птоломей, Квинт Куртсий, Плутарх, Страбон, Гай Плиний, Диодор, Помпей Торг-Юстин ва дигарон) [2; 16; 21; 28;38].

Пас аз пошхӯрии Империяи Мақдунӣ Вахшонзамин дар қатори дигар мулкҳо ба ҳайати давлати Селевкиён ворид шуд. Давлати Селевкиён аз соли 312 пеш аз мелод то соли 64 пеш аз милод арзи ҳастӣ намудааст. Доир ба ин нигораҳои «Дафинаи Амударё» ва бозёфтҳои тангаҳои селевкӣ аз Тахти Сангин, Тирмиз ва Кампиртеппа шаҳодат медиҳанд. Муҳимтарин осори ин давра Маъбади Окс дар Тахти Сангин мебошад, ки дар резишгоҳи дарёи Вахш ҷой гирифтааст ва он дар ибтидои давраи Селевкиён сохта шуда буд. Маҳз дар асрҳои IV- III пеш аз мелод шакли шимолибохтарии фарҳанги шаҳрдорӣ ташаккул меёбад, ки намунаи беҳтарини он осори Байтудашт ва Макони мор (ҳавзаи дарёи Панҷ) ва Тамошотеппа (ҳавзаи дарёи Вахш) мебошад [31,78-79].

Давраи нави болоравии Бохтар ва аз ҷумла Вахшонзамин ба замони мавҷудияти давлати юнонисасоси Бохтар (давлати Юнону Бохтар, асрҳои III ва II то милод) рост меояд. Доир ба ин давраи таърихӣ бештар бозёфтҳои бостоншиносӣ ва беш аз ҳама дастовардҳои сиккашиносӣ ба мо маълумот медиҳанд. Тангаҳои шоҳони Юнону Бохтар аз Вахшонзамин низ (Тахти Сангин) дарёфт карда шудаанд. Тибқи маълумоти мавҷуда оромӣ ва суботи бадастомада дар ин давраи таърихӣ боиси рушд ва пешравии Бохтари Шимолӣ, бавижа Вахшонзамин гардид. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои бостоншиносӣ шаҳракҳои Вахшонзамин - Тахти Қубод, Тахти Сангин, Ҳалевард, Вахшон ва Леваканд ба ҳамин давра шомиланд. Ин шаҳракҳо дар минтақаи мухталифи Водии Вахш ҷой гирифта, то асрҳои миёна мавҷуд будаанд. Омӯзиши ин ёдгориҳо ва инчунин осори Кӯҳнақалъа, ки дар канори Вахш истодааст, аз санъати баланди меъморӣ ва қалъасозии Бохтари қадим, алалхусус мардумони Вахшонзамин шаҳодат медиҳанд [17, 155].

Дар анҷоми ҳазорсолаи охирини пеш аз милод ва ибтидои ҳазорсолаи мелодӣ Бохтар, аз ҷумла водии Вахш ба ҳуҷуми кӯчманчиёни Осиёи Марказӣ дучор омад. Дар Бохтар тохариҳо маскун гирифтанд. Аз ҳамин давра «Бохтар» номи худро оҳиста-оҳиста ба номи нави Кӯшоншаҳр, Кӯшониён ё тохариҳо (баъдан Тохаристон) табдил дод [35, 4]. Доир ба таърихи ин давра бештар ҳафриётҳои бостоншиносӣ ва сарчашмаҳои хаттии чинӣ ба мо маълумот медиҳанд. Мувофиқи тангаҳои аз Бохтари соҳили рост бозёфтшуда, Тоҷикистони ҷанубӣ пурра ба давлати Кӯшониён дохил мешуд [26, 419].

Дар маъхазҳои хитойӣ Вахш бештар бо номи У-ша ифшо шудааст. Тибқи маълумоти сайёҳи Чин Сюан Сзан мулки У-шу (У-се), яъне Вахш дар шарқи дарёи Фо-сзу ҷойгир будааст. Сарчашмаҳои чинӣ Вахшро маркази маъмурии тамоми вилояти Хуттал меноманд [9, 88].

Асрҳои IV-V мелодӣ дар таърихи Вароруд давраи муҳим маҳсуб меёбад, зеро пас аз пошхӯрии давлати Кӯшониён минтақа ба мулкҳои алоҳида тақсим гардид. Дар қисмати ҷанубии Вароруд Тохаристон ва Марв нуфузи сиёсӣ пайдо карданд. Ҳудуди Тохаристон бо марзҳои Бохтари қадима мувофиқат менамуд ва Шимолии Афғонистону ҷанубии Тоҷикистон ва Ӯзбакистони имрӯзаро дар бар мегирифт. Ҳафриётҳои водии Вахш – Кофирқалъа ва Аҷинатеппа доир ба таърихи ин давраи минтақа маълумоти фаровон медиҳанд. Шаҳраки Кофирқалъа – боқимондаҳои маркази мулки асримиёнагии Вахш мебошад, ки тибқи гузориши бостоншиносон аз се маданият – маданияти охири давраи Кӯшониён, нимаи дуюми асри VI ва нимаи аввали асри VII ва маданияти нимаи дуввуми асри VII ва нимаи аввали асри VIII-ро дар бар мегирад. Ковишҳои бостоншиносӣ мавҷудияти ибодатхонаи буддоиро дар Кофирқалъа тасдиқ намуданд. Осори дигари муҳими ин давраи Вахшонзамин бозёфти ибодатхонаи буддоӣ дар Аҷинатеппа мебошад, ки ба асрҳои VII - VIII тааллуқ дорад [11, 222].

Мавҷудияти хоктеппаҳои зиёд аз ҷумла, Аҷинатеппа, Шӯртеппа, Қӯрғонтеппа, Ҳасантеппа, Чоргултеппа, Мурдатеппа, Қовунтеппа, Зартеппа ва ғайра маҳз ба асри VII-VIII тааллуқ дорад. Тахмин меравад, ки ин теппаҳо ду таъинот доштанд. Якум, ҳамчун дидбонгоҳ барои аз баландӣ назорат кардани мавзеи водии Вахш бо назардошти ҳифзу амният аз тохтутози аҷнабиён. Дуюм, теппаҳои дурӯғин барои гӯл задани душманони мазҳаби буддоиён пеш аз дар Аҷинатеппа пинҳон кардани аносирҳои дини буддоӣ ва тарк карда рафтани ин мавзеъ аз тарафи бутпарастон.

Ҳамзамон, дар асрҳои IV-V мелодӣ болоравии зироаткорӣ дар тамоми водиҳои Вароруд, аз ҷумла водии Вахш мушоҳида мешавад. Дар Вахшонзамин шабакаи обёрии сунъии хеле пешрафтаи Ҷӯйбор ташаккул ёфта буд, ки осори он то имрӯз (бараш 15 м ва баландияш 2,5 м) боқӣ мондааст [24, 48].

Доир ба таърихи Вахшонзамин дар давраи арафаи истилои араб маълумоти гуногунро метавон аз сарчашмаҳои чинӣ ва асарҳои муаллифони арабу форсизабон пайдо намуд. Тибқи маълумоти маъхазҳои чинӣ дар нимаи аввали асри VII мулки Вахш ниҳоят васеъ гардида, тамоми ҳудуди миёноб ва поёноби дарёи Вахш ва инчунин, қисми Хуталонро низ дар бар мегирифтааст. Пас аз ғалаба ба туркҳо дар соли 657 чиниҳо «Кишварҳои Ғарб»-ро аз нав ба вилоятҳо гурӯҳбандӣ намуданд. Аз ҷумла, дар маъхазҳо Хутал ба сифати вилояти алоҳида - вилояти панҷум бо номи Као-фу бо марказаш шаҳри У-ша, яъне Вахш номбар шудааст. Ба ҳайати вилояти Као-фу ду мулк - У-лин бо марказаш шаҳри Ко-ло-кян (Ҳулбук) ва мулки Хю-ми (Кумед) бо марказаш шаҳри У-ше-ке, яъне Вашгирд дохил мешуданд [10, 10]. Аз ин маълумот бармеояд, ки дар ибтидои нимаи дуюми асри VII ҳудуди мулки Вахш боз ҳам васеътар гардида, Вашгирд бо Кумед ва қисми Хуталонро дар тобеияти худ фаро гирифтааст.

Тибқи маълумоти сиккашиносӣ аз нимаи дуюми асри VII то нимаи дуюми асри VIII дар ҳавзаи дарёи Вахш тангаҳои миссии дар байнаш сӯрохии мудаввар дошта дар муомилот буданд. Дар ин тангаҳо тамғаи авлодии шакли мураккаб бо тасвири 4 иероглифи чинӣ тачассум ёфтааст. Намуди дигари тангаҳои Вахш навиштаҷоти омехтаи тохарию суғдӣ доштанд ва барои қонеъ намудани талаботи дохилӣ сикка зада мешуданд [29, 136-167].

Дар манбаъҳои арабу форсизабони таърихию ҷуғрофии ибтидои асрҳои миёна, пеш аз ҳама дар асарҳои Истахрӣ, ибни Ҳавқал, Табарӣ низ доир ба мулкҳои алоҳидаи Тохаристон маълумот дастрас мегарданд. Дар радифи Балх, Тирмиз, Чағониён, Аҳорун, Шумон, Қубодиён, Вахшгирд, Хуталон, Бадахшон, Кумед, Шакинон, Вахон ҳамчун мулки алоҳида Вахш низ номбар мешавад. Масалан, Истахрӣ Хуталро дар таркиби Мовароуннаҳр хонда, онро аз ду вилоят - Хутал ва Вахш медонад. Ӯ менависад: «Вахш бузургтарин шаҳре дар Хутал ва дар миёни саҳро ниҳодааст» [25, 218, 233, 234, 271]. Доир ба шаҳрҳои тобеи Вахш Истахрӣ танҳо Ҳалеварда ва Левакандро номбар мекунад. Дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ки «Ҳалеварда қасабаи Вахш аст. Шаҳрест бо кишту барз ва рустоҳои бисёр ва мардумони тирандоз ва ҷангӣ» [40,69]. Дар ҳамин манбаъ доир ба қасабаи дигари Вахш омадааст, ки «Леваканд аз Вахш аст. Ҷоест, ки аз вай гӯспанди вахшӣ хезад» [40, 69].

Дар шарҳи В.Ф.Минорский бар “Ҳудуд-ул-олам” омадааст, ки дар тӯли Вахшоб се шаҳри калон - Тамлиёт, Ҳалеварда ва Леваканд ҷойгиранд. Шаҳри Тамлиёт (тибқи маълумоти Истахрӣ) дақиқан дар Ширгузор, наздики гирдоби Вахш воқеъ шудааст [40, 378-379]. Вале В.Ф.Минорский исбот мекунад, ки Ҳеловарда дар Қурғонтеппа ва Леваканд бошад, дар Сангтӯдаи Вахш вуҷуд доштааст [40, 378-379]. Дар баробари ин, бо такя ба Истахрӣ ва ибни Хурдодбеҳ таъкид мекунад, ки “Вахш бузургтарин шаҳре аст дар Хутал ва дар миёни саҳро ниҳодааст” [40, 379]. Доир ба мавҷудияти шаҳри алоҳида бо номи Вахш Яъқубӣ ва А.Берунӣ низ маълумот медиҳанд, вале ҳарду муаллифон оид ба Леваканд хабаре манзур намесозанд. Ба фикри А. Беленитский ин муаллифон зери мафҳуми шаҳри Вахш ҳамон Левакандро дар назар доранд. Бо маълумоти А. Берунӣ Вахш (Леваканд) дар ҷанубии Ҳалеварда ҷойгир будааст, Истахрӣ бошад Ҳалевардро поёнтар аз Леваканд наздикии резишгоҳи Вахш ҷой медиҳад. А. Беленитский дар ин масъала дурустии фикри Истахриро ҷонибдорӣ менамояд [9, 89].

Воқеан доир ба мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳои водии Вахш миёни муҳаққиқон баҳсу талошҳо идома дорад. Ба ақидаи А. Беленитский, ки яке аз аввалин муҳаққиқони таърихи қадими водӣ мебошад, Ҳалевард дар ҷойи шаҳраки Лағмон (23 км дуртар аз Қурғонтеппа) ҷойгир будааст [9, 97]. Ба ақидаи Б. Ғафуров ва Б. А. Литвинский дар ибтидои асрҳои миёна маркази водии Вахш дар ҷойи ҳафриёти Кофирқалъа мавқеъ дошт [17, 315; 33, 17]. Бозёфтҳои баъдинаи бостоншиносӣ муҳаққиқонро ба хулосае овард, ки Кофирқалъа маҳз ҳамон Ҳалеварди ибтидои асрҳои миёна мебошад [3, 91-93; 4, 167] ва ин шаҳр соли 750 аз тарафи арабҳо ғасб ва пурра хароб карда шудааст [5, 178]. Аммо муаллифони асари шашҷилдаи “Таърихи халқи тоҷик” Кофирқалъаро шаҳраки мустақил ҳисобида, макони ҷуғрофии Ҳалевардро дар наздикии деҳаи Узун (шаҳраки Лағмон) медонанд [27, 198-199, 350].

Тибқи ҳафриётҳои бостоншиносии даврони Истиқлолият низ шаҳраки Лағмон боқимондаҳои шаҳри Ҳалевард ҳисобида мешавад. Бостоншиносон муқаррар намуданд, ки ин шаҳр дар асрҳои II – IV мелодӣ бунёд ёфта, дар асрҳои VI- VIII низ арзи ҳастӣ кардааст, вале давраи болоравии он ба асрҳои X - ибтидои XIII рост омада, дар натиҷаи истилои муғулҳо мисли садҳо шаҳрҳои дигар нобуд гардидааст [11, 167, 209].

Доир ба мавқеи ҷойгиршавии Леваканд низ нуқтаи назари ягона мавҷуд нест. Ба ақидаи академик В. Бартолд Леваканд дар наздикии деҳаи Сангтӯда [6, 119], тибқи назари А. Беленитский он дар назди Каунтеппа [9, 97] ва бо диди Т.И. Зеймал он дар ҷойи шаҳри ҳозираи Қӯрғонтеппа ҷойгир будааст. Дар китоби шашҷилдаи “Таърихи халқи тоҷик” пешниҳоди А. Беленитскийро тарафдорӣ намуда, Леваканд ва Вахшро як шаҳр медонанд [27, 350].

Донишмандон Е.А.Давидович, А.В.Зеймаль, Т.И.Зеймаль ва бостоншинос Ю.Яқубов исбот мекунанд, ки шаҳри Леваканд дар маҳаллаи Сарбанди наздикии деҳаи Қизилқалъа вуҷуд доштааст.

Ба ҳар ҳол бо такя ба маълумоти дар боло зикршуда, метавон хулоса намуд, ки назари дар ҳудуди Кофирқалъа ҷой доштани шаҳри Ҳалевард ба ҳақиқат наздиктар мебошад, зеро дар асрҳои VII -VIII дар ин ҷо зарробхона мавҷуд буд, ки тангаҳои “тохарии” Вахш бо сӯрохии мудаввар сикка зада мешуданд [29, 121-122]. Зиёда аз ин дар яке аз толорҳои ҳокими асри VII сафолпорае бозёфт шуд, ки дар болои он бо ҳуруфоти арабӣ “Ҳалевард” навишта шудааст [29, 121].

Пас аз истилои арабҳо ва пурра нобуд шудани Ҳалевард маркази нави водии Вахш 12 км дуртар аз шаҳри кӯҳна дар самти шимолу ғарбии Кофирқалъа, ки пештар шаҳраки хурде ҷой дошт, бунёд гардид. Дар асрҳои миёна ин шаҳр номи тоисломии худ Ҳалевардро нигоҳ медошт. Ба ақидаи А. Беленитский шаҳри нави асримиёнагии Ҳалевард дар ҷойи шаҳраки Лағмон ё Золи Зар, ки дар наздикии деҳаи Узун дар соҳили чапи дарёи Вахш (дар масофаи 25 км аз Қурғонтеппа ва 12 км аз маркази ноҳияи Ҷ. Балхӣ) аз нав бунёд гардидааст [10, 38].

Аввалин шаҳрак дар ҳудуди Лағмон ҳанӯз дар асрҳои III- IV пайдо шуда буд ва пас аз истилои арабҳо он ба шаҳри калоне мубаддал гардид ва то истилои муғулҳо мавҷуд буд. Зарробхонаи асримиёнагии Вахш дар ҳамин шаҳр ҷой дошт [19, 262]. Шаҳри асримиёнагии Ҳалевард соли 1221 аз тарафи лашкари муғул ба хок яксон карда шуд [36, 207, 218].

Ҳамин тариқ дар асоси гуфтаҳои боло метавон таърихи шаҳри Ҳалевардро ба ду марҳала ҷудо намуд. Марҳалаи аввал давраи то истилои арабҳо ва ҷойгиршавии шаҳр дар ҳудуди Кофирқалъа ва марҳалаи дуввум ин аз навбарқароршавии Ҳалевард дар наздикии Лағмон ва мавҷудияти он ҳамчун маркази Вахшонзамин то истилои муғулҳо.

Сарчашмаҳои таърихӣ мавҷуд будани шаҳри сеюм - Вахшро низ таъкид менамоянд, ки баъзе аз онҳоро мо аллакай зикр намудем. Махсусан, доир ба мавҷудияти ин шаҳр сарчашмаҳои чинӣ ва навиштаҳои муаллифони асримиёнагӣ бештар маълумот медиҳанд. Тибқи маълумоти Яъқубӣ дар асри IX Вахш шаҳри калоне будааст ва якҷоя бо Ҳалевард ба Ҳошим ибни Баниҷур мансубият доштааст [45, 291]. Бо маълумоти А. Берунӣ шаҳри Вахш дар соҳили Вахшоб ҷойгир будааст, вале Самъонӣ онро шаҳри на

он қадар калон дар Хатлон номидааст ва таъкид намудааст, ки дар он ҷо қасру аҳромҳои зиёди шоҳони қадима ҷой доштаанд. Дар фарҳангҳои қадимаи форсӣ Вахш шаҳре дар Вароруд аст. Муаллифи бенами асари "Том ат - таворих" шаҳри Вахшро дар давраи Темуриён "Қалъаи Вахш" меномад ва ҳудуди тобеи онро "Вахшвор" мегӯяд [30, 9]. Дар баъзе фарҳангҳо вожаи "вашӣ" ба маънои "мансуб ба Вахш, ки шаҳре буда дар Хатлон ва дар канори Ҷайҳун" шарҳ ёфтааст. Вашӣ ба ду маъно аввал мардуми шаҳри Ваш ва дуввум номи матои латифу зебо аст. Дар шаҳри Ваш матои латифи абрешимин мебофтаанд ва гоҳҳо онро зардӯзӣ ҳам мекардаанд [22, 100]. Ақидае низ ҷой дорад, ки шаҳри Вахш номашро на аз дарёи ҳамном, балки аз маъбади Окс (Вахш) гирифтааст ва шояд дар ҷойи Тахти Сангин мавқеъ дошта бошад. Тибқи маълумоти бостоншиносон ғайр аз шаҳрҳои номбаршуда дар ҳудуди водии Вахш харобаҳои шаҳру шаҳракҳои дигар ба мисли Кӯҳнашар (зиёда аз 10 га), дар соҳили канали Кофир, Кофиртеппа дар соҳили дигари ҳамин канал (наздики 9 га), Чоргултеппа низ дастрас шудаанд, ки то истилои муғулҳо мавҷуд будаанд.

Дар асоси ин таҳлилҳо метавон хулоса намуд, ки дар асрҳои миёна дар Вахшонзамин баробари Ҳалевард, Леваканд, шаҳри рушдёфтаи дигаре бо номи Вахш ва шаҳракҳои зиёди дигар доман густурда будаанд. Аксарияти ин шаҳрҳо дар натиҷаи истилои аҷнабиён, пеш аз ҳама ғасби ин сарзамин аз тарафи арабҳо дар асри VIII ва муғулҳо дар асри XIII ба фано рафтаанд.

Доир ба маънои номҳои ҷуғрофӣ ё топонимҳои водии Вахш то имрӯз назари ягона ҷой надорад. Дар фарҳангҳову донишномаҳо ва дигар маъхазҳои хаттӣ шарҳу тафсирҳои гуногун мавҷуданд. Топоними Леваканд аз лиҳози пайдоиш калимаи аслии тоҷикӣ буда, шакли онро метавон дар сатҳи забони эронии бостонӣ бозсозӣ намуд. Зоҳиран ин ном дар давраи забонҳои эронии миёна шакл гирифта бошад ва азбаски ин нуқтаи аҳолинишин дар минтақаи густариши забони бохтарӣ (балхӣ) мавҷуд аст, пас онро ҳамчун номе, ки аз забони бохтарӣ гирифта шудааст, шарҳ бояд дод. Ин калима аз рӯи сохтараш мураккаб буда, таърихан аз ду ҷузъ – leva- ва -kand иборат аст. Ҷузъи дувуми ин ном –kand <эронии бостон *kanta, яъне шаҳр аст ва дар номҳои ҷуғрофии Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои маскунии мардумони тоҷиктабор ва эронитабор ҳамчун унсури номсоз (топоформант) бисёр ба назар мерасад, аз ҷумла Куҳканд, Бодканд, Чимканд, Панҷиканд, Тошканд, Самарканд, Леваканд, Бошканд ва ғайра.

Шакл ва маънои ҷузъи аввали ин ном leva мебошад. Олимон бар ин назаранд, ки leva- шакли калимаи бохтарист, ки аз вожаи ориёӣ ё эронии қадимаи *daiva- (daeva-) маншаъ гирифтааст, ки маънои аслии он «эзад» ё Худованд аст. Ё худ калимаи "лив", моҳиятан яке аз номҳои хуршед, яъне офтоб мебошад. Аз ин рӯ, шаҳри Леваканд маънои шаҳри Хуршед ё шаҳри Эзадиро дорад.

Ба ақидаи забонишиноси шинохта А. Мирбобоев, азбаски шаҳри Ҳаловард дар минтақаи густариши забони бохтарӣ ҷойгир буд, номи онро низ аз ин забон бояд ҷуст. Ин ном дар осори асрҳои миёнаи тоҷику форс ба сурати هلاورد сабт гаштааст ва шакли қадимии онро ба сурати *halā-barta > *halā-varta- метавон бозсозӣ намуд. Бархе аз соҳибназарон бар ин ақидаанд, ки ҷузъи охири ин вожа аз решаи бостонии war- маншаъ гирифта, бо вожаи «бора» ба маънии «девор» рабт дошта бошад ва аз ин рӯ онро ҳамчун «шаҳри девор», "шаҳри бора" ё "шаҳри девордор" ва ё чун "шаҳри бо девор сарбаста аст" метавон чун "шаҳри сарбанд" маънигузорӣ кард. Маънии ҷузъи аввали он низ ба бино, сохтмон ва дигар калимаҳои аз лиҳози маъноӣ наздик ба он робита дорад. Бо вуҷуди мушкилоти бозсозии шаклу маънии таърихии калима як нукта мусаллам аст, ки ин номвожа калимаи аслии тоҷикӣ буда, решаи таърихии он ба даврони бостон рост меояд.

Дар асрҳои VI - VII Тоҷикистони Ҷанубӣ як қисми ҳудуди муқтадири Тохаристонро ташкил медод, ки он 27 мулкро дар ду тарафи Амударё муттаҳид мекард. Яке аз он мулкҳоро Вахш ташкил медод. Вале дар натиҷаи истилои туркҳо (Ҳоқонии ғарбии турк) ва ҷангҳои байнихудии саркардаҳои ҳарбии турк ин иттиҳодияи муқтадир ба мулкҳои зиёди алоҳида тақсим шуд. Ҳар як мулк соҳиби лашкар буд ва мустақилона амал мекард. Хутал ва Вахш тибқи маълумоти сарчашмаҳо ба Тохаристони боло

шомил буданд. Хутал он вақт тамоми мулкҳои Хутал ва Вахш, инчунин тамоми ноҳияҳои ҷанубиро аз ҷиҳати сиёсӣ дар тобеияти худ дошт. Дар ҳамин вақт (асри VIII) ин сарзамин мисли дигар манотиқи Вароруд мавриди ҳуҷуми истолагорони араб қарор гирифт. Хуталон бори аввал соли 725 ба ҳуҷуми арабҳо гирифтор шуд, ки дар он волии араб Асад ибни Адуллоҳ шикаст хӯрд ва шармандавор ба Балх баргашт. Баъди 12 сол - соли 737 ҳуҷуми дуюми арабҳо ба вуқуъ омад ва новобаста аз муқовимату далерӣ ва шуҷоати мардум арабҳо пирӯз омаданд ва тамоми Хуталонро соҳиб шуданд. Оқибати истилои арабҳо ба мардуми эронинажоди Вароруд хеле гарон афтид, шумораи зиёди аҳолӣ қир карда шуд, шаҳрҳо, воҳаҳо ва мулкҳои обод харобу валангор гардиданд. Аз ҷумла, маркази аввалии Вахшонзамин Ҳалеварди низ тибқи баъзе маълумотҳо соли 750 ба харобазор табдил ёфт. Баробари ин дин ва забони арабӣ иҷборан дар байни аҳолӣ паҳн гардид.

Дар асрҳои IX - XII навоҳии Тоҷикистони Ҷанубӣ асосан ба ҳайати Хутал шомил буданд ва то андозае мустақилона амал мекарданд. Вахш аз ҷиҳати сиёсӣ ба Хутал нигоҳ мекард. Ба гуфтаи Муқаддасӣ Хуттал бо ҳудуд, боигарии табиӣ ва рушди иқтисодӣ аз Чағониён калонтару пешқадамтар буда, расман дар тобеияти Сомониён ҳисоб меёфт. Хуттал дар асл мустақилияти худро нигоҳ медошт ва ба Сомониён на андоз, балки тӯҳфаҳо мефиристод [23, 281].

Пас аз пош хӯрдани давлати Сомониён Хуталону Вахш ҷузъи таркибии қаламрави Ғазнавиён буданд. Соли 1038 Бӯритегин (Иброҳим ибни Наср)-и қарахонӣ ба Чағониён, Хуталон ва Вахш ҳуҷум намуда, онҳоро ғорат мекунад. Дар ҷавоб ба ин Масъуди Ғазнавӣ (1030-1041) 18 декабри соли 1038 аз Ому гузашта ба Чағониён ва аз он ҷо 9 январи 1039 ба Шумон меояд [18, 31]. Пас аз шикасти Ғазнавиён Хуталон як муддат (солҳои 1038-1063) мустақил буд, аммо соли 1063-64 Алп-Арслони Салҷуқӣ ба Хатлон ҳуҷум намуда, онҳоро ба давлати Салҷуқиён ҳамроҳ кард [18, 33]).

Дар миёнаи асри XII (солҳои 1141-1142) ба Вароруд мавҷи калони қабилаҳои қарахитойиҳо ворид шуданд, ки лашкари онҳо аз қабилаҳои гуногуни ғайримусулмони туркнажод – кипчоқҳо, хитойиҳо, ураниҳо (аз авлоди кипчоқҳо) иборат буд. Ба ақидаи Ғоибов Ғ. қарахитойиҳо дар солҳои баъд Чағониёну Хуталон ва дигар мулкҳоро ба тасарруфи худ даровардаанд, шояд боқӣ мондани деҳаҳо бо номҳои хитой, кипчоқ дар ҳудуди Ҳисору Кӯлоб аз ҳамин сабаб бошад [18, 33].

Дар арафаи истилои муғулҳо Вахшонзамин як муддат дар ҳайати давлати тоҷикони Ғӯр буд. В. Бартолд менависад, ки Вахш дар қатори дигар мулкҳои Ғуриён дар сарчашмаҳо номбар шудааст [7, 556]. Султон Ғиёсиддини Ғӯрӣ мулкҳои соҳили рости Ому Вахшу Шуғнону Бадахшонро ба давлати Ғӯриён ҳамроҳ мекунад. Пас аз шикасти Ғӯриён (соли 1215) Хатлону Шумону Чағониён ва аз ҷумла, Вахшонзамин ба давлати Хоразмшоҳиён ҳамроҳ карда шуданд.

Баҳоуддини Валад, падари Ҷалолуддини Балхӣ солҳои 1203-1210 бо оилааш дар Вахш иқомат доштааст ва доир ба давраи зиндагии хеш борҳо дар китобаш “Маориф” ишораҳо низ кардааст. Аз ҷумла, дар ҷилди дуввуми “Маориф” аз тарафи Ғӯриён тасарруф шудани Вахшонзаминро зикр намудааст. Баҳоуддини Валад пеш аз тарки Вахш ба сӯи Самарқанд менависад: “Ба дилам омад ба Вахш, ки чӣ гуна дигарон ба Самарқанду Бағдоду Балх ва ба шаҳрҳои ҷалил мебошанд ва ман дар ин кунҷе монда?” [8, 138]. Баъдан Ҷалолуддини Балхӣ дар “Маснавӣ” ёди овони кӯдакӣ намуда менависад:

Ақли ҷузвӣ ҳамчу барқ асту дурахш,
Дар дурахше кай тавон шуд сӯи Вахш.

Воқеан асрҳои X – XII новобаста аз кашмакашҳои сиёсии сулолавӣ ва даргириҳои сиёсӣ давраи болоравии мулкҳои ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубӣ гардида буд. Маҳз дар ҳамин давра водии Вахш ба яке аз марказҳои кишоварзӣ мубаддал мегардад ва барои обёрӣ дар ин ҷо канале (Кофир) мавҷуд буд, ки 100 км дарозӣ дошт. Эҳёи дуюмбораи Ҳалеварди ҳамчун маркази Вахшонзамин (дар ҳудуди Лағмони ҳозира) ба ҳамин давра рост меояд. Бозёфти хизонаи асбобҳои биринҷии бо санъати баланд сохташуда аз харобаҳои ин шаҳр низ аз маркази калон будани он гувоҳӣ медиҳанд.

Сарзамини Вароруд дар ибтидои асри XIII ба ҳуҷуми истилогарони муғул гирифтор шуд, давлати Хоразмшоҳиён, ки Вахш низ шомили он буд, аз ӯҳдаи муҳофизати марзу буми худ набаромад ва ҳимояи ватанро ба дӯши аҳолӣ партофт. Муҳаммад Хоразмшоҳ ҳатто дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо лашкарро ба қисмҳои алоҳида тақсим намуд ва аз ҷумла, як миқдори онро бо сардории Балхамурхон ба Вахш, Огулҷик Маликро ба Хуталон фиристод [18, 36]. Ин буд, ки урдуи муғул дар муддати кӯтоҳ (зиёда аз сад рӯз) калонтарин шаҳрҳои Варорудро истило намуда, ба мавҷудияти давлати Хоразмшоҳиён хотима дод. Муғулҳо пас аз ишғоли Вахшонзамин, аҳолии онро саросар қир карданд ва шаҳрро ба харобазор табдил доданд.

Тибқи маълумоти Ибни Асир Чингизхон "қисми дигари лашкарро ба Кӯлоба, ки он мустаҳкамтарин ва устувортарин қалъаест дар як тарафи Ҷайҳун фиристод" [18, 36]. Рашидаддин менависад, ки ба дастаи ба Вахшу Толиқон фиристода Алақ нӯйин ва Ясавур аз қабилаи ҷалоир фармондеҳӣ мекарданд [6, 487]. Муғулҳо Хутталону Вахшонзаминро низ ба зудӣ ишғол намуда, шаҳру воҳаҳои ободи он, аз ҷумла шаҳри Ҳалевардро ба харобазор табдил доданд.

Ҳуҷуми муғул ба нуфузи этникии минтақа таъсири ҷиддии манфӣ расонид ва дар баробари вуруди урдуи Чингизу чингизиён қабоили нави турку муғули саҳрогард ба Вароруд ворид шуда, онро ҷойи сукунати доимии худ қарор доданд. Дар замони хонҳои минбаъдаи муғул низ сиёсати давлатии муҳоҷиркунии муғулҳо ба заминҳои ишғолкарда ва маскунгардонии онҳо, ба хотири мустаҳкам намудани марз ва нигоҳ доштани теъдоди нажодии худ сурат гирифт. Аз навоҳии тоҷикнишин танҳо кӯҳистони Бадахшон ва қисми Кӯҳистони Ғӯр аз тарафи муғулҳо истило нашуда буданд. Рӯ овардани аҳолии тоҷикзабони минтақа ба кӯҳистон маҳз дар давраи истилои муғул ва мавҷудияти улуси Чағатой ба вуқӯъ омада буд. Лашкаркаши арманӣ Смбат Спарапет, ки соли 1247 аз ин минтақаҳо дидан намуда буд, натиҷаи қатлу ғорат ва харобкориҳои муғулонро бо ду чашми сар дида, хулоса мекунад, ки агар муборизаи дуру дарози тоҷикон намебуд, муғулҳо қодир буданд кулли оламро ишғол намоянд.

Таърихи минбаъдаи Вахшонзамин бо таърихи мулкҳои дигари тоҷикнишини Вароруд, ба сари қудрат омадани хонадонҳои Темуру темуриён, Шайбониён ва Аштархониёну Манғитиён пайвастагӣ дорад. Агар давраи Темур барои мулкҳои Вароруд, аз ҷумла Вахшонзамин оромии кӯтоҳмуддате ба миён омада бошад, пас аз воридшавии қабилаҳои кӯчии Дашти Қипчоқ вазъи сиёсию минтақа ба куллӣ тағйир ёфт. Вахшонзамин ҳам мисли мулкҳои дигар пайваста манбаи кашмакашу даргириҳо қарор гирифта, борҳо аз дасти як хонадон ба хонадони дигар гузашта буд. Вале новобаста аз нооромиҳо то солҳои 70-уми асри XIX мулкҳои Бухорои Шарқӣ дар ҳолати мустақилу нимустақил қарор доштанд.

Солҳои 70-уми асри XIX дар натиҷаи лашкаркашии амири Бухоро бо дастгирии империяи Россия мулкҳои Бухорои Шарқӣ ба аморат ҳамроҳ карда шуданд. Пас аз ҳамроҳшавӣ Вахшонзамин ҳамчун бекии алоҳида бо номи Қӯрғонтеппа дар ҳайати аморат ташкил ёфт. Тибқи маълумоти муҳаққиқони рус ҳудуди бекигарӣ 1/40 қисми аморатро ташкил медод [13, 14-67].

Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию фарҳангии Вахшонзамин пас аз истилои муғулҳо комилан тағйир ёфта, аз сарзамини ободу зебо ва сераҳолӣ ба мулки харобу ақибмонда ва маскани қабилаҳои кӯчию нимкӯчӣ мубаддал гардид. Ба замми он бо воридшавии Шайбониён дар асри XVI ба ин минтақа вазъияти Вахшонзамин боз ҳам харобу валангортар гардид.

Вахшонзамин, ки аз қадим маскани қавму қабилаҳои тоҷиктаборон буд, бо истилои арабҳо, баъдан муғулҳову қарахитойиҳо ва қабоили кӯчии Дашти Қипчоқ, солисан шайбониҳою аҳли манғит ба ин минтақа қавму тоифаҳои бегона ба хотири истилои ин марзу бум мавҷ-мавҷ ворид шуданд. Тибқи маълумоти муҳаққиқони рус дар поёноби Вахш, яъне дар Вахшонзамин қабилаҳои гуногуни кӯчиву нимкӯчии қатаған, дурман, тоз, темез, бурқа, туғул, қалуғ, туркман, қунғурот, узбак, лақай, қарақирғиз, батош ва даҳҳо қабилаҳои туркзабон вориди ин сарзамин гардиданд. Аҳолии бумии минтақа - тоҷикон танҳо дар деҳоти кӯҳистон ва атрофи кӯҳҳо, он ҷое ки об, махсусан оби зулоли

чашма, рӯдҳо равон буданд, маскан ихтиёр карданд. Тамоми Вахшонзамин ба туғайзори касногузар ва чарогоҳи мол табдил дода шуд. Танҳо дар замони Шӯравӣ ва сипас дар замони Истиқлолият бо шарофати ба ватани аҷдодии хеш баргаштани тоҷикон ин водии зархез ба минтақаи кишоварзӣ, саноатӣ ва илмиву фарҳангӣ мубаддал гашт. Тавассути ободкориҳои тоҷикон дар ин давра даҳҳо шаҳру ноҳияҳои зебо аз нав бунёд ва обод гардида, симо ва ҳусну таровати тоҷикона ба бар карданд.

ПАЙНАВИШТ:

1. Абӯрайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990.
2. Ариан. Поход Александра. Пер. с древнегреч. М.Е. Сергеенко. М.-Л., 1962.
3. Археологические работы в Таджикистане. –Душанбе, 1957.
4. Археологические работы в Таджикистане. –Душанбе, 1984.
5. Археологические работы в Таджикистане. –Душанбе, 1987.
6. Бартольд В.В. Сочинение. Т.1. –М. Наука. 1963.
7. Бартольд В.В. Сочинение. Т.3. –М.: Наука. 1965.
8. Баҳоуддини Валад. Маориф. Ҷ.1.
9. Беленицкий А.М. Отчёт о работе Вахшского отряда в 1947г.// Историко-географический очерк Хутталя с древнейших времен до X в. н.э. –Душанбе, 2004.
10. Белиницкий А.М. Историко-географический очерк Хуталя с древнейших времен до X в. н.э. – Душанбе, 2004.
11. Бобомуллоев С. История изучения археологических памятников Южного Таджикистана. – Душанбе, 2010
12. Бурҳони Қотеъ. Ҷ. 1-2. – Душанбе: Адиб,1993.
13. Гаевский П. Курган-Тюбинское бекство. ИРГО. М., 1924.
14. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2. – Душанбе, 1989.
15. Геродот. История. Пер. с древнегреч. Ф.Г. Мищенко. М., 2014.
16. Гафуров Б.Г., Цибукидис Д.И. Александр Македонский и Восток. – М.: Наука, 1980.
17. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби якум. – Душанбе, 1998.
18. Ғоибов Ғ. Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе. –Душанбе, 1999.
19. Давидович Е.А. Монетные находки на территории Таджикистана, зарегистрированые в 1970 г.// АРТ, вып. 10. М.1973.
20. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар. – Душанбе: Ирфон, 1989.
21. Диодор Сицилийский. Историческая библиотека. Пер. с греч. на росс. язык И. Алексеевым. Ч.1-6. СПб., 1974-1975.
22. Доро Начот. Фарҳанги Доро. – Душанбе, 2012.
23. Древности Таджикистана. – Душанбе, 1985.
24. Зеймаль Т.И.Древние и средневековые каналы Вахшской долины// Страны и народы Востока. М., 1971. Вып.10.
25. Истахрӣ, Абӯисҳоқ Иброҳим. Мамолик ва масолик.Тарҷумаи Муҳаммад ибни Асъад ибн Абдуллоҳи Тустарӣ. – Теҳрон, 1373.
26. История таджикского народа. Т.1.Древнейшая древняя история. – Душанбе, 1998.
27. История таджикского народа. Т. 2. Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе, 1999.
28. Квинт Куртций. Истории Александра Македонского. – М., 1963.
29. Литвинский Б.А., Соловьев В. Средневековая культура Тохаристана (в свете раскопок в Вахшской долине).М.: Наука, 1985.
30. Мухторов А. По следам прошлого. – Душанбе, 1982.
31. Негматов Н. Н. Таджикистан на пути к урбанизации. Культура первобытной эпохи Таджикистана (от мезолита до бронзы). – Душанбе: Дониш, 1982..
32. Пошанг М. Зебономҳои ориёӣ. – Душанбе, 2012.
33. Прошлое Средней Азии. Душанбе, 1987.
34. Пугачёва Р.А., Ртвиладзе Э.В. Северная Бактрия-Тохаристан. – Ташкент, 1990.
35. Пянков И.В. Осиёи Миёна дар номаҳои бостон. – Душанбе: Ирфон, 1991.
36. Рашид ад-дин. Сборник летописей, в трех томах. Т1. Ч.2. М.-Л., 1952,
37. Советская энциклопедия. Т.4. М.1971.
38. Страбон. География в 17 книгах. М., 1964..
39. Ӯбаҳӣ Ҳофиз. «Тӯҳфат-ул-аҳбоб ё фарҳанги Ҳофизи Ӯбаҳӣ». –Душанбе: Ирфон, 1992.
40. Ҳудуд-ул-олам. –Душанбе: Бухоро, 2014.
41. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. М., 1969.

42. Фарҳанги вожаи авестоӣ. Дафтари сеюм. –Балх,1369.
43. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷ.1. –Душанбе: Бухоро, 2015.
44. Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.1. –Душанбе, 1978.
45. Яъқубӣ. Китоб-ал-булдон, 1967.

ВАХШ В ДРЕВНОСТИ И СРЕДНЕВЕКОВЬЕ

Вахшская долина является одним из древних историко-географических центров, который на протяжении древнего и средневекового периода занимал заметное место в политическом и социально-экономическом развитии Центрально-азиатского региона. Авторы статьи на основе всестороннего анализа имеющихся источников, археологических материалов и литературы, освещают древнюю и средневековую историю Вахша, которое как самостоятельное владение с городами Халевард, Леваканд, Вахш, Тамлиёт существовало до нашествия монголов.

В статье, также подробно анализируется историко-географическое, политическое состояние владений Вахша, история его археологического изучения, этимология термина «Вахш» и название его городов.

Ключевые слова: *Вахш, владение, история, город, Халевард, Леваканд, Тамлиёт, археологическое изучение, историко-географическое территория, древний период, средневековье.*

VAKHSH IN ANCIENT TIMES AND MIDDLE AGE

